Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №59-60 (2886-2887) | ПАНҶШАНБЕ, 17 МАЙИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Сафари Маҳмадсаид Убайдуллоев ба Санкт-Петербург

15 майи соли 2012 ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷиҳати иштирок дар кори ҷаласаи Ассамблеяи Байнипарлумонии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), кори комиссияҳои доимии он, инчунин чорабиниҳои комиссияҳои Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Ассамблеяи Байнипарлумонии кишварҳои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Конгресси V байналмилалии экологии Нева ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафар кард.

Сафари ҳайати парлумонии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия дар доираи иштирок дар чорабиниҳои ниҳодҳои зикршуда то 20 майи соли равон идома меёбад.

*АМИТ «Ховар»*



## САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**15 майи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Иҷлосияи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва мулоқоти ғайрирасмии сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия сафари корӣ анҷом дод.**

Барои иштирок дар Иҷлосияи навбатии Шӯрои амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ сарони ҳамаи давлатҳои аъзои созмони мазкур дар қасри Кремл ҷамъ омаданд.

Хотиррасон бояд намуд, ки ба Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ давлатҳои Арманистон, Белорус, Федератсияи Россия, Тоҷикистон, Қазоқистону Қирғизистон ва Ӯзбекистон аъзоянд.

Дар иҷлосия, ки ба замони солгарди 20-уми ба имзо расидани Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва 10-солагии таъсиси Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ рост омад, натиҷаҳои фаъолияти созмони мазкур дар ин солҳо ва вазифаҳои дурнамо баррасӣ шуд.

Масъалаҳои вобаста ба авзои сиёсӣ дар минтақаҳои доғи ҷаҳон ва ҳамгироии сиёсии кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба таври муфассал баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд, албатта, ба идомаи корҳо барои ташкил додани неруҳои минтақавии ҳарбию амниятии созмони мазкур, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ, пурзӯр намудани ҳамоҳангии фаъолияти муштарак дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа ва бо ҷинояткории созмонёфтаи трансмиллӣ, зоҳир карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъиро неруи муҳимтарини амниятӣ дар минтақаи масъулияти он номида, чунин таъкид дошт: «Муттаҳидшавии дохилии созмон ва боло бурдани омодагии ҳарбии неруҳои он аз вазифаҳои умда дар марҳилаи кунунӣ мебошад».

Дар охири ҳамоиш Изҳороти муштараки сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба имзо расид.

Худи ҳамон рӯз дар қасри Кремл ҳамчунин мулоқоти ғайрирасмии сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) бо иштироки сарони ҳамаи кишварҳои он баргузор гардид.

Зарурати тақвияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва таҳкиму густариши ҳамкорӣ дар доираи он аз ҷониби сарони ҳамаи давлатҳо таъкид гардид.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки барои ҷоннок намудани фаъолияти он иҷрои босамари Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ, Минтақаи савдои озод, Барномаи ҳадафманди байнидавлатӣ доир ба ҳамкории инноватсионӣ барои давраи то соли 2020, Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ барои то соли 2020 ва дигар санадҳо амри зарурӣ аст.

***

Дар ҳошияи ин ҳамоишҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин мулоқоти хосаи дуҷониба анҷом доданд.

Дар мулоқот маҷмӯи васеи масъалаҳои вобаста ба муносиботи дӯстию ҳамшарикӣ ва ҳамкории гуногунҷанба баррасӣ шуд.

Владимир Путин аз ҳамкории иқтисодӣ ва ҳарбии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаҳои судманди миёни минтақаҳои ду кишвар изҳори хушнудӣ карда, иттилоъ дод, ки имрӯз «70 субъекти Россия бо минтақаҳои Тоҷикистон ҳамкории рушдёбанда доранд».

Эмомалӣ Раҳмон низ бо ёдоварӣ аз ҳамкории судбахши низомӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии ду кишвар изҳор дошт, ки «миёни Тоҷикистону Федератсияи Россия ягон масъалаи ҷиддии ҳалношуда вуҷуд надорад, чанд масъалаи ҳалталабе, ки ҳаст мо бо назардошти манофеи ҳар ду ҷониб ҳаллу фасл менамоем». Ӯ ҳамчунин изҳор дошт: «Мо ҳамеша ба манфиатҳои шарики стратегиамон дар кишвари худ эҳтиром мегузорем ва Федератсияи Россия низ ба манфиатҳои Тоҷикистон бояд ҳамин гуна муносибат дошта бошад».

Владимир Путин дар посух изҳор дошт, ки «маҳз ҳамин хел мешавад».

Сарони ду давлат ба зердастони худ дастур доданд, ки барои муҳокимаи муфассали масъалаҳои ҳалталаб дарояндаи наздик ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматии ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва техникии ду кишварро баргузор намоянд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории миёни ду кишвар зоҳир карда шуд. Таъкид гардид, ки ҳамкорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, ҷустуҷӯ ва истихроҷи нафту газ ва дигар захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон минбаъд боз ҳам густариш хоҳад ёфт.

Таҳким ва густариши ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, аз ҷумла масъалаҳои дароз намудани мӯҳлати будубоши пойгоҳи низомии 201 – уми Федератсияи Россия дар Тоҷикистон, дастгирии моддию техникии сохторҳои низомии Тоҷикистон, аз ҷумла неруҳои сарҳадӣ, омодасозии кадрҳои соҳибтахассуси низомӣ низ аз мавзӯъҳои асосии сӯҳбат буд.



Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба беҳсозии фазои сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кору зиндагии муҳоҷирони кории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, илму техника ва фарҳанг сурат гирифт.

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба авзои кунунии минтақа ва ҷаҳон ва ҳамгироии сиёсии Тоҷикистону Федератсияи Россия дар арсаи байналмилалӣ мубодилаи андеша сурат гирифт.

Бо ҳамин барномаи сафар ба поён расид ва шаби 15-ум ба 16-уми май Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз Москва ба Ватан омад.

*www.prezident.tj*

## БОЗДИДИ ОҚИЛ ОҚИЛОВ АЗ ШАҲРУ НАВОҲИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Аз 13 то 15 моҳи майи соли равон Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов бо мақсади шиносоӣ бо вазъи кунунии иншооти муҳими хоҷагии халқ, сохтмону ҳолати роҳу нақбҳо дар шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд қарор дошт.

Оқил Оқилов нахуст бо рафти корҳои сохтмонӣ дар қисмати ҷанубии нақби «Шаҳристон», ки аҳамияти умумиҷумҳуриявӣ дорад, шинос шуда, барои тезонидани корҳои сохтмонӣ ва дар мӯҳлати зарурӣ ба анҷом расонидани тадбирҳои пешбинишуда ба масъулини соҳа дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Ҳамзамон Сарвазири мамлакат О.Оқилов бо ҷараёни сохтмони коргоҳҳои нав ва вазъи истеҳсолот дар «Комбинати маъдантозакунии Анзоб»-и ноҳияи Айнӣ, ки дар он коркарди маъдани кӯҳию фулузоти ранга ва истихроҷи ангишт ба роҳ монда шудааст, ошноӣ пайдо кард.

Дар идомаи сафар Оқил Оқилов дар шаҳри Истаравшан бо ҷараёни навсозии иншооти ҷашнӣ-варзишгоҳи маркази шаҳр шинос шуда, барои тезонидани суръати корҳои сохтмонӣ ва пурра омода кардани иншоот то таҷлили ҷашнҳои дар пеш истода ба роҳбарияти вилоят ва шаҳр супориш дод.

Дар рӯзи дуюми сафари корӣ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов бо фаъолияти Комбинати фулузоти нодири «Ленинобод» дар шаҳраки «Чорукдаррон»-и шаҳри Қайроққум, фабрикаи ресандагии «Олим-текстайлз»-и ноҳияи Мастчоҳ, Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой дар шаҳраки «Зарнисор» ва фаъолияти ҶДММ «Суғдсемент» дар деҳоти «Мастчоҳ» шинос шуд.

Оқил Оқилов зимни шиносоӣ ба роҳбарияти корхонаҳо ва дигар шахсони масъул дастур дод, ки дар ин давра корро ба таври шабонарӯзӣ ба роҳ монда, раванди таъминоти неруи барқ, ташкили ҷойҳои нави корӣ , афзун кардани ҳаҷми истеҳсолот ва ташкили коргоҳҳои нави истеҳсоли маҳсулотро тақвият бахшанд.

Сарвазири мамлакат 15 май аз мавзеи корҳои навсозӣ ва сохтмони чойхонаи миллию дигар иншооти ҷашнии Муассисаи давлатии «Қасри фарҳанги Арбоб», Қасри варзиш, роҳраву гулгаштҳои навбунёд дар соҳили дарёи Сир ва дигар иншооти ҷашнии шаҳри Хуҷанд, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров боздид ба амал оварда, бевосита бо рафти корҳои сохтмонӣ ва тадбирҳои барои оянда пешбинишуда шинос шуд.

*АМИТ «Ховар»*

## ● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲОРО ҚОНУНИ МУКАММАЛ БА ТАНЗИМ МЕДАРОРАД

**16 майи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ҳакимов Мироҷиддин Дӯстмуродович дода мешавад.

**Мироҷиддин ҲАКИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромиқадр!**

Дарвоқеъ фарҳанг ҳамчун арзишҳои моддию маънавие, ки инсоният онҳоро офарида, бо мақсади рушди маънавии шахс истифода менамояд, яке аз бахшҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ буда, дар ҳаёту фаъолияти тамоми табақаҳои иҷтимоӣ нақши муассир дорад. Танҳо бо воситаи нигоҳдорӣ, ҳифз ва таблиғу ташвиқи ашёи осорхонавии дорои аҳамияти умумибашарӣ, таърихӣ, илмиву бадеӣ ва фарҳангӣ, яъне сарватҳои таърихию фарҳангии халқи худ мо метавонем дар хусуси таърихи ниёгон ва саҳми гузаштагонамон дар офариниши тамаддуни башар ҳарф зада, ба ин васила барои афзудани эътибори кишварамон дар арсаи ҷаҳонӣ, таҳкими эҳсоси ватандорӣ ва худшиносии миллӣ дар байни шаҳрвандон мусоидат намоем.

Бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 40) сарватҳои фарҳангӣ ва маънавӣ таҳти ҳимояи давлат қарор дода шуда, ба ҳар як шахс ҳуқуқи озодона ширкат намудан дар ҳаёти фарҳангӣ ва истифода аз дастовардҳои он кафолат дода мешавад. Амалӣ намудани ин тадбирҳо танҳо дар доираи қонунҳои амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» имконпазир аст.



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Низом Қосим ва Мироҷиддин Ҳакимов бо мақсади аз байн бурдани номувофиқатӣ ва мухолифати байни меъёрҳои қонунҳои амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мутобиқати дохилии қонуни мазкур таҳия ва пешниҳод шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бо инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа арзишҳои наве ба вуҷуд меоянд, ки таҷдиди назар намудани онҳоро тақозо менамоянд. Аз ин раванд фарҳанг, ки фаъолияти осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо ҷузъи таркибии он мебошад, истисно набуда, зарурияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаро пеш меорад.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз дебоча, 8 боб ва 32 модда иборат буда, масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳоро дар бар мегирад.

Дар боби 1 - «Муқаррароти умумӣ» мафҳумҳои асосии дар лоиҳаи қонуни мазкур истифодашуда, аз ҷумла нишона ва хусусиятҳои хоси осорхона, сарвати таърихию фарҳангӣ, ашё ва коллексияи осорхонавӣ, фонди осорхона, инчунин мақсади асосии таъсиси осорхонаҳо, яъне ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, барқароркунӣ, тадқиқ ва намоиши оммавии ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавӣ муқаррар гардидаанд.

Бобҳои 2 ва 3 тартиб ва мақсади таъсиси осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин қоидаҳои барҳам додани осорхонаҳои давлатӣ, тартиби пурра кардани Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусигардонӣ ва тартиби аз ҳудуди ҷумҳурӣ баровардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавиро муайян карда, шаклҳои моликиятро ба ашёи осорхонавӣ ва Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзими ҳуқуқии ин масъалаҳоро ҳал менамоянд.

Дар бобҳои 4 ва 5 номгӯйи қисми давлатӣ ва ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, идоракунии оперативии осорхонаҳои давлатӣ, соҳибмулкӣ, истифода ва ихтиёрдории ашёҳои осорхонавии қисми давлатӣ ва ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии давлатии осорхонаҳои ғайридавлатӣ ва назорати давлатии нигаҳдории ашё ва коллексияҳои осорхонавӣ мушаххас нишон дода, танзими масъалаҳои зикршуда ба доираи ҳуқуқӣ ворид ва духӯрагии меъёрҳо бартараф карда шудаанд.

Бобҳои 6, 7 ва 8 таъмини дастрасӣ ба Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории байналмилалӣ дар фаъолияти осорхонаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонуни мазкурро пешбинӣ менамояд.

Чунончӣ, бо мақсади ҳимояи манфиатҳо ва ҳавасмандии бештари осорхонаҳо ба ҳифз ва нигаҳдории ашёҳои осорхонавӣ, инчунин муҳофизати ҳуқуқҳои зеҳнии онҳо дар моддаи 27-уми лоиҳаи қонуни мазкур ҳангоми нашри маълумот дар бораи ашё ва коллексияҳои осорхонавӣ ба осорхонаҳое, ки ашёи осорхонавӣ дар онҳо нигоҳ дошта мешавад, ҳуқуқи афзалиятноки нашри нахустини маълумот дар бораи ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавӣ дода шудааст.

Ба ҳамин монанд, моддаи 28-уми лоиҳаи қонуни мазкур истифодаи тасвири бино ва иншоот, рамзҳои осорхона, ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар истеҳсолот пешбинӣ мекунад. Тибқи муқаррароти мазкур, минбаъд истифода бурдани тасвири рамзҳои осорхона, ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бе розигии осорхона ва иҷозати мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг манъ аст. Ин нукта ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои осорхонаҳо равона шуда, чораи иловагии таъмини ҳимояи моликияти зеҳнии осорхонаҳо мебошад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, дар маҷмӯъ онро ҷонибдорӣ ва барои такмили он 58 таклифу пешниҳод ирсол намуданд.

11 апрели соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шуда, аз 58 таклифи пешниҳодгардида 21- тои онҳо қабул, 18- тоаш қисман қабул ва 19- тои дигараш мавриди қабул қарор нагирифтанд.

Ҳамин тавр, бо назардошти таклифҳои пешниҳодшуда, муқаддима, сархатҳои 11 ва 12 моддаи 1, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 4 дар таҳрири нав ифода ва ба қисми 3 моддаи 3, моддаҳои 5, 8, 10, 11 ва 21 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Инчунин сархати чоруми моддаи 1 ва сархати чоруми моддаи 24 хориҷ карда шуд.

Иштирокчиёни ҷаласа тағйиру иловаҳои ба лоиҳаи қонуни мазкур воридгардидаро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»-ро, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воридгардида, ба баррасии шумо, вакилони арҷманд, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки барои қабули он овоз диҳед.

(Идома дар саҳ. 2)

# ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲОРО ҚОНУНИ МУКАММАЛ БА ТАНЗИМ МЕДАРОРАД

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошоҳрух Асрорӣ дода мешавад.

**Мирзошоҳрух АСРОРӢ: - Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳозирини гиромӣ !**



Боиси фараҳмандист, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон барои рушду нумӯи фарҳанги миллӣ фазои мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам омад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо азми қавӣ бахри бунёди ҷомеаи солиму демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва орӣ аз ҳар гуна унсурҳои номатлуб сиёсати гуногунпахлуи фарҳангиро таҳия ва онро пайгирона дар ҳаёт татбиқ намуда истодааст.

Бо қаноатмандӣ метавон зикр намуд, ки мақоми олии қонунбарори мамлакат, бо дарназардошти гузариш ба марҳилаи нави таърихӣ, дигаргуниҳои бузурги иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, рушди фарҳанг, ривоҷи илму ҳунар, дастовардҳои тафаккури ақлонии миллат, таҳлилу баррасии падидаву равандҳои нави ҷаҳони муосир пайваста талош меварзад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фарҳанг такмил ёфта, ба ҳадафу мақсадҳои рушди маънавии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамоҳанг бошанд.

Матни лоиҳаи такмилёфтаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» дар заминаи таҳлили амиқи вазъи имрӯзаи фаъолият ва рушди осорхонаҳои мамлакат, дастовардҳои илми осорхонашиносии муосир, умдатарин рӯйдодҳо ва мушкилоти глобалии асри XXI, масъалаҳои ҳифзу гиромидошти мероси гаронмояи таърихиву фарҳангии миллати тоҷик таҳия ва мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мутахассисони Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич доштанд ва аксарияти пешниҳодҳои мо дар матни нави ин санад ба инобат гирифта шудаанд.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур мафҳумҳои асосии соҳаи осорхонашиносӣ ворид карда шудаанд, ки дарки моҳияту мундариҷаи онҳо аз нигоҳи илмию ҳуқуқӣ барои танзими фаъолияти осорхонаҳои мамлакат, ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқии соҳавӣ бо дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу гиромидошти арзишҳои моддии халқи тоҷик, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии мақомоти дахлдори давлатӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ, ки ба муассисаҳои осорхонавӣ робита доранд, бағоят муҳиманд.

Вобаста ба ин, дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳи мафҳумҳои «осорхона», «сарвати таърихию фарҳангӣ», «ашёи осорхонавӣ», «коллексияи осорхонавӣ», «фонди осорхона», «экспертизаи илмии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ», «табъу нашри ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ» аз нигоҳи илмӣ ва фаъолияти имрӯзаи осорхонаҳо ҳамаҷониба асоснок гардидаанд. Аз ҷумла дар матни лоиҳаи қонуни мазкур аввалин маротиба мафҳумҳои «ашёи осорхонавӣ», «феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ» ва амсоли ин ворид гардидаанд, ки дар матни Қонуни амалкунанда «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» ба назар намерасанд. Ҳамзамон мафҳумҳои «нигора» бо мафҳуми «ашёи осорхонавӣ», «сарватҳои фарҳангӣ» бо мафҳуми «сарвати таърихию фарҳангӣ», мафҳуми «феҳристи давлатии сарватҳои фарҳангӣ» ба «феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуда, маънои луғавӣ ва илмии онҳо дар заминаи дастовардҳои илмии осорхонашиносии муосир, аз ҷумла талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳрир ва мушаххас гардонида шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими лоиҳаи қонуни мазкур аз он иборат аст, ки дар бобҳои 2-юм ва 3-юми он тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, бархамдиҳии осорхонаҳо дар мамлакат, мақсади таъсиси осорхонаҳо муайян гардидаанд, ки барои танзими ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳо шароити мусоидро муҳайё месозанд.

Дар бобҳои 4 ва 5-ум масъалаҳои ҳуқуқии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои моликият ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби харидории онҳо, воридот ва содироти ашёи осорхонавӣ, коллексияи осорхонавӣ инъикос гардидаанд, ки барои ҳифзу гиромидошти сарватҳои таърихию фарҳангии мамлакат заминаҳои устувори меъёрӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам оварда, дастрасии шаҳрвандони мамлакатро ба арзишҳои моддии дорои аҳамияти миллӣ ва умумибашарӣ кафолат медиҳанд.

Боби 5-уми лоиҳаи қонуни мазкур ба масъалаи бағоят муҳим – қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, масъалаҳои ташаккули қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои мамлакат, ҳифз, бақайдгирӣ, назорат ва дастгирии давлатии осорхонаҳои ғайридавлатӣ ва қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби ба мерос гирифтан, ӯҳдадориҳои меросгиранда, ба имзо расонидани аҳдномаҳоро дар мавриди хариду фурӯш, тӯҳфа намудан ва бамеросгирии қисми ғайридавлатии ашёҳо ва коллексияҳои осорхонавиро инъикос менамояд.

Татбиқи моддаҳои дахлдори боби 5-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар мавриди дастгирии давлатии осорхонаҳои ғайридавлатӣ, назорати давлатии нигоҳдории ашёҳо ва коллексияҳои Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон духӯрагии меъёрҳои ҳуқуқиро ҳангоми тафсири мафҳумҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ нисбати ашёҳо ва коллексияҳои осорхонавӣ бартараф намуда, барои танзими онҳо дар доираи ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

Бобҳои 6, 7, 8-уми лоиҳаи қонуни мазкур масъалаҳои дастрасии ашёҳо ва коллексияҳои осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи нашри нахустин маълумот дар бораи онҳо, ҳамкориҳои байналмилалии соҳаҳои осорхонашиносӣ, таърихнигорӣ, бостоншиносӣ, иттилоотиро ба танзим меоранд. Ин имкон медиҳад, ки манфиатҳои осорхонаҳо бобати ҳифзу нигаҳдории ашёҳои осорхонавӣ ҳимоя гардида, ҳуқуқҳои зеҳнии онҳо муҳофизат карда шаванд. Зеро дар лоиҳаи қонуни мазкур ҳуқуқи афзалиятноки нашри нахустин маълумот дар бораи ашё ва коллексияҳои осорхонавӣ маҳз ба осорхонаҳое дода шудааст, ки чунин сарватҳоро нигаҳдорӣ менамоянд.

Тибқи муқаррароти мазкур минбаъд бе розигии осорхона ва иҷозати мақомоти ваколатдори соҳаи фарҳанг истифодаи худсаронаи тасвири рамзҳои осорхона, ашёҳо ва коллексияҳои осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст. Ин далели ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои осорхонаҳои мамлакат буда, тадбири муҳими таъмини ҳимояи моликияти зеҳнии онҳо мебошад.

Вакилони арҷманд, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо», бешубҳа, барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи фаъолияти осорхонаҳо, такмили фонди осорхонаҳои мамлакат, ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва баланд гардидани масъулияти кормандони соҳа, тафсири меъёрҳои ҳуқуқӣ, таҳкиму таъмини волояти қонун, риояи бечунучарои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти осорхонавӣ дар мамлакат заминаҳои воқеан мусоидро фароҳам оварда, ганҷинаи беназири фарҳанги миллиро бо арзишҳо ва сарватҳои нави моддию маънавии созгори ҷомеаи тозабунёд ғанӣ мегардонад.

Итминон дорам, ки лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби шумо, вакилони мӯҳтарами Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирӣ ёфта, ба ин васила Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомоти давлатӣ барои ҳидояти шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба сӯйи ҳифзу гиромидошт ва эҷоди арзишҳои солиму ибратангези моддию маънавӣ имконият пайдо менамоянд.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хонов Абдураҳмон Умарович дода мешавад.



**Абдураҳмон ХОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромиқадр!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мироҷиддин Ҳакимов ва Низом Қосим манзур шудааст, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин соҳа танзим карда, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ҷиҳати баҳрабардорӣ аз ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва ҳифз менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки бо инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа арзишҳои наве ба вуҷуд меоянд, ки таҷдиди назар намудани ин муносибатҳоро тақозо менамоянд. Аз ин раванд фарҳанг, ки фаъолияти осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо ҷузъи таркибии он мебошад, истисно нест.

Дар робита ба ин, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо», ки ба муҳокимаи мо пешниҳод гардидааст, боиси дастгирист. Зеро бо фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ танзими муносибатҳо ва рушди соҳаи мазкур имконпазир мегардад.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:**- Мо чанд намуд осори таърихӣ дорем, ки як қисмаш ҳангоми кофтукови археологӣ пайдо мешавад ва қисми дигари он аз асбобу ҷиҳози рӯзгори мардум (мисли асбобҳои сафолӣ, чӯбӣ ва ғайра) иборатанд.

То солҳои шастуми асри гузашта мардум ( бахусус манотиқи кӯҳистон) аз он истифода мебурданд. Бо ибтикори муассисаҳои таълимӣ ва кӯмаки хонандагон қисме аз онҳо ҷамъоварӣ шуда, дар осорхонаҳо нигаҳдорӣ шуда, ба ин васила аз нобудшавӣ эмин монданд.

Дар давраҳои гуногун бисёр осорҳои гаронарзиши моро ба хориҷа бурданд, ки ҳоло коллексияҳои осорхонаҳои ин кишварҳоро ташкил медиҳанд. Бояд ин ашёҳои гаронбаҳо ба ҷумҳурии мо баргардонида шаванд. Ин мушкил, вале муҳим аст.

Аммо барои нигоҳдории осорхонаҳо маблағгузорӣ зарурат дорад.

Бо ин мақсад маблағгузорӣ бояд аз тариқи давлат ва ҳам дигар сарчашмаҳо сурат гирад. Лоиҳаи қонуни мазкур қобили қабул мебошад.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимов Руҳулло Абдуғаниевич дода мешавад.



**Руҳулло ҲАКИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» пешниҳод гардидааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 ба масъалаи ҳавасмандсозӣ, дастгирии соҳибкорон ва молистеҳсолкунандагони ватанӣ диққати махсус дода шудааст. Инчунин ҷиҳати аз тамоми пардохтҳои андозию гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизоту технологияҳои муосир супоришҳои дахлдор дода шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани онҳо чораҳои зарурӣ меандешад.

ҶДММ «Зерновая компания»-и ноҳияи Б.Ғафуров бо мақсади васеъ намудани доираи истеҳсолии корхона ба нақша гирифтааст, ки аз хориҷи кишвар барои ҷорӣ намудани хатҳои нави истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва зиёд гардонидани пардохтҳои буҷетӣ таҷҳизоти технологии ҳозиразамони истеҳсоли Италияро ворид намояд. Иқтидори технологии таҷҳизоти мазкур аз коркард ва истеҳсоли 2100 килограмм маҳсулоти макаронӣ дар як соат иборат буда, арзиши он ба 2,5 млн. евро баробар мебошад.

Инчунин аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфтани корҳои сохтмонии биноҳои нави маъмурии вазоратро дар соли 2012 ба инобат гирифта, бо мақсади сарфа намудани маблағҳои махсуси воридшаванда ва равона сохтани онҳо барои сохтмони биноҳои нав лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» таҳия ва ба баррасии шумо пешниҳод гардидааст.

Тибқи сметаи хатҳои беруна ва сметаи сохтмони биноҳои маъмурӣ дар соли 2012 хароҷоти 36,8 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки тақрибан 26 млн. сомонии он барои таъмини бино ба таҷҳизоту маҳсулоти сохтмонӣ барои кору хизматрасонӣ равона мегардад. Вазорат дар доираи сметаҳои тасдиқшудаи маблағҳои махсус ва фонди муваққатӣ танҳо имконияти пардохт намудани 22,0 млн. сомонии маблағи дар смета муайяншударо дорад ва маблағи боқимонда дар ҳаҷми 14,8 млн. сомонӣ бояд аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷӣ ва дигар манбаъҳо таъмин карда шаванд. Аз он ҷумла дар назар аст, ки тақрибан 4 млн. сомонӣ аз ҳисоби озод намудани вазорат аз пардохти 15 фоизи даромад ба буҷет барои сохтмони бино равона карда шавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур, бо назардошти додани имтиёзҳои иловагии андозӣ барои ворид намудани таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маводҳои такмилии онҳо барои эҳтиёҷоти ҶДММ «Зерновая компания»-и ноҳияи Б.Ғафуров маблағи озодшавии он аз пардохтҳои гумрукӣ 3,08 млн. сомонӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда 2,43 млн. сомонӣ ва боҷи гумрукӣ 0,65 млн. сомонӣ ва додани имтиёзҳои иловагии андозӣ барои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маблағи озодшавӣ аз пардохти 15 фоизи маблағҳои махсус тахминан 4,0 млн. сомониро ташкил медиҳад, таҳия гардидааст.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ба маҳсулоти макаронӣ ва дар мӯҳлатҳои банақшагирифта анҷоми сохтмони биноҳои нави маъмурии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сироҷов Шарофиддин дода мешавад.

**Шарофиддин СИРОҶОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 таҳти №187 пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2012 таҳти №1190 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур ин аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизоти технологию истеҳсолие, ки аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Зерновая компания» ворид карда мешавад ва инчунин озод намудани Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти 15 фоизи маблағҳои махсуси вазорат ба буҷет иборат мебошад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод гардидааст, ки ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ба қисми ҳаштум бо мазмуни зайл иловаҳо ворид карда шаванд:

«Таҷҳизоти технологию истеҳсолие, ки аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Зерновая компания» бо мақсади ташаккул ё пурра кардани фонди оинномавӣ дар доираи як қарордод ворид карда мешавад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад.»;

- ба қисми 1 моддаи 23 пас аз калимаҳои «маблағҳои грант ва сарпарастӣ,» калимаҳои «маблағҳои махсуси Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа» илова карда шаванд.

11 майи соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумита лоиҳаи қонуни мазкур бо иштироки намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.



*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимов Руҳулло Абдуғаниевич дода мешавад.

**Руҳулло ҲАКИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 таҳти №665 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот дар қисмати бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намудани хизматрасонии аэронавигатсионии авиатсияи байналмилалии гражданӣ ворид гардид, ки он аз 1 январи соли 2011 мавриди амал қарор дода шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки тавассути роҳҳои ҳавоии давлатҳое, ки тайёраҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷик Эйр», «Сомон Эйр» ва «Ист Эйр» парвоз менамоянд, аз ҷумла дар Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Белорус, Украина, Арманистон, Озарбойҷон, давлатҳои Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Эрон, Туркия ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, тибқи Конвенсияи авиатсияи байналмилалии гражданӣ, андоз аз арзиши иловашуда барои хизматрасониҳои аэронавигатсия ситонида намешавад. Бо назардошти он ки дигар давлатҳо метавонанд барои хизматрасонии аэронавигатсионӣ андоз аз арзиши иловашуда барои тайёраҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намоянд, зарурати ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод намудани хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти дастгирии ягона корхонаи пешкашкунандаи хизматрасонии аэронавигатсионӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ -Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гулов Сафаралӣ дода мешавад.



**Сафаралӣ ГУЛОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 таҳти №188 пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2012 таҳти №1197 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст.

Мақсади пешниҳоди қонуни мазкур ин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод намудани хизматрасонии аэронавигатсионӣ иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин намуди андоз аз 1 январи соли 2011 ҷорӣ карда шудааст, ки хилофи муқаррароти Конвенсияи авиатсияи байналмилалии гражданӣ мебошад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 таҳти № 665 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйирот дар қисмати бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намудани хизматрасонии аэронавигатсионии авиатсияи байналмилалии гражданӣ ворид гардид, ки он аз 1 январи соли 2011 мавриди амал қарор дода шудааст.

Бо назардошти он ки дигар давлатҳо метавонанд барои хизматрасонии аэронавигатсионӣ андоз аз арзиши иловашуда барои тайёраҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намоянд, пешниҳод карда мешавад, ки имтиёз аз андоз аз арзиши иловашуда барои хизматрасонии аэронавигатсионӣ барқарор карда шавад.

Тибқи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад, ки ба қисми 2 моддаи 212 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

- аз банди 2) калимаҳои «хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ ва» хориҷ карда шаванд;

- дар банди 3) пас аз калимаи «тиҷоратӣ,» калимаи «аэронавигатсионӣ,» илова карда шуда, калимаҳои «хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ ва» хориҷ карда шаванд.

Қонуни мазкур аз 1 майи соли 2012, барои парвозҳои транзитӣ бошад аз 1 январи соли 2011 мавриди амал қарор дода мешавад.

Рӯзи 11 майи соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумита лоиҳаи қонуни мазкур бо иштироки намоядагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Оқилов Нурулло Иноятович дода мешавад.

**Нурулло ОҚИЛОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2011 таҳти №865) ва аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ҷабборова, М. Хидирова ва Н. Оқилов (бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2011 таҳти №876) пешниҳод гардидаанд, барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, дигар кумитаҳо ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд.

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ яке аз зинаҳои муҳими соҳаи маориф ва василаи муҳими таъмини иқтисоди миллӣ бо мутахассисони соҳибкасб аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» санади меъёрии ҳуқуқиест, ки тамоми муносибатҳоро дар ин соҳа ба танзим медарорад. Аз ин рӯ, такмили қонунгузории соҳа вобаста ба талаботи рӯз метавонад дар самти тайёр намудани касбҳои коргарӣ тибқи талаботи бозори меҳнат хизмат намояд. Дар Паёми имсолаи Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зикр гардидааст, ки «Имрӯз соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар тамоми ҷаҳон яке аз зинаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин муассисаҳо вобаста ба талаботи бозори меҳнат мутахассисони соҳаҳои гуногунро омода месозанд.

Мутаассифона, фаъолияти низоми мазкур дар кишвари мо ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Бинобар ин, вобаста ба талаботи бозори меҳнати ватанӣ ва ҷаҳонӣ омода намудани кадрҳои коргарӣ барои кишвари мо амри зарурӣ буда, масъалаи васеъ намудани шабакаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба миён омадааст.».



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» бо мақсади иҷрои нишондодҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани мухолифат бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонуни амалкунанда таҳия гардидааст.

Бо мақсади мукаммал намудани моддаи 1 қонуни амалкунанда ба он се сархати нав, мафҳумҳои «хонанда», «кормандони муҳандисию педагогӣ» ва «тахассус» илова карда шуд.

Дар баробари ин, ба қонуни амалкунанда моддаи нави $5^1$ дар бораи забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ илова карда шудааст.

Моддаҳои 6 ва 7 дар таҳрири нав дода шуда, дар моддаи 7 меъёрҳо оид ба тартиби фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисони онҳо муайян гардидааст.

Ба моддаи 17 қисми шашум илова карда шуд, ки тибқи он такмили ихтисоси кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин бо мақсади дақиқ муайян намудани салоҳияти мақомоти идораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ моддаи 24 дар таҳрири нав ифода шуда, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ муайян гардидааст. Ҳамзамон бо ин мақсад ба қонуни мазкур моддаи нави $24^1$ илова карда шуд, ки дар он ваколатҳои мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф баён шудаанд.

Манбаъҳои маблағгузорӣ яке аз василаҳои муҳими таъмини фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ба моддаи 26 ду сархати нав оид ба ин масъала ворид карда шуд, ки онҳо маблағҳои эҳсонкорӣ ва дигар манбаъҳое мебошанд, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд.

Тағйиру иловаҳои боқимонда бо мақсади мутобиқ намудани қонуни мазкур ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ворид карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, лоиҳаи қонун аз 22 қисм иборат буда, дар он ба 18 моддаи қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид гардида, инчунин ба он 2 модда, 3 қисм ва 23 сархати нав илова шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он 104 таклифу пешниҳод ирсол намуданд, ки 63-тои онҳо қабул, 17- тоаш қисман қабул ва 23- тои дигараш қабул нашуданд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон лоиҳаи қонуни мазкурро 11 апрели соли 2012 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуд. Тағйиру иловаҳои воридгардида ба лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа дастгирӣ ёфтанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Мӯҳтарам вакилон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** -Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини аввали вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Фарҳод Қодирович дода мешавад.

**Фарҳод РАҲИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 зикр намуданд, ки «Таҳсилоти ибтидоии касбӣ яке аз зинаҳои муҳими соҳаи маорифи кишвар буда, иқтисоди миллиро бо мутахассисони соҳибкасб таъмин менамояд ва дар рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат саҳми босазо мегузорад» ва дар Паёми навбатии худ аз 20 апрели соли 2012 бошад, бори дигар муҳимияти ин зинаи таҳсилотро таъкид карда, ҷиҳати васеъ намудани шабакаи ин муассисаҳо, таҳкими пояи моддиву техникӣ ва кадрӣ ҷалби ҳар чӣ бештари шаҳрвандон ба ин зинаи таҳсилот дастурҳои мушаххас доданд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ таъмин намудани соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони соҳибихтисоси дорои малакаҳои коргарӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи кишвар мебошанд, бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ вогузор гардидааст. Ҳоло дар 67 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 100 ихтисоси коргарӣ зиёда аз 25000 нафар шаҳрвандон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Инчунин Вазорати маориф тасмим гирифтааст, ки дар заминаи ин муассисаҳо курсҳои кӯтоҳмуддати коргариро таъсис дода, ҳамасола то 100 000 нафар шаҳрвандони кишварро соҳиби шуғли муайяни коргарӣ гардонад.

Вобаста ба ислоҳоти ҷиддие, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот амалӣ шуда истодаанд, инчунин зудтағйирёбанда будани талаботи бозори меҳнат дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷолибтар гардонидани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, ки ба ҷалби бештари шаҳрвандони кишвар ба омӯзиши касбҳои коргарӣ мусоидат менамояд, зарурати воқеӣ ба миён омад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.



Бо назардошти нуктаҳои ишорашуда ба баъзе моддаҳо, аз ҷумла моддаҳои 1,5, 6, 7, 9, 10, 11, 12, 13, 15, 17, 18, 24, 25 ва 27 қонуни мазкур ворид намудани тағйиру иловаҳо пешниҳод гардид. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки он аз ҷиҳати забонӣ таҳрир ёфта, дар он навгониҳои соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ вобаста ба талаботи замони муосир ва ба пешравиҳои илму техника ба эътибор гирифта шаванд.

Зарур ва тадбири саривақтӣ будани ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонуни мазкур бо як мисоли мушаххас мехоҳам баён намоям. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ бо якчанд номҳо, ба монанди «Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ», «Литсейи касбӣ-техникӣ» ва ғайраҳо фаъолият менамоянд, гарчанде дар сохтор, нақшаву барномаҳои таълимии амаликунандаи онҳо ва ҳуҷҷати намунаи давлатӣ баъди хатм фарқияте вуҷуд надорад. Ин аст, ки меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар ин асос мушаххас муайян карда нашудааст.

Бинобар ин, зарурат пеш омад, ки ҷиҳати ба низом даровардани сохтор ва фаъолияти муассисаҳои номбурда, барои табдил додани тамоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба литсейҳои касбӣ иқдом карда шавад.

Инчунин бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2010 таҳти №696 «Дар бораи тасдиқи барномаи рушди таълими касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар ҷумҳурӣ марказҳои таълими калонсолон бо амалӣ намудани барномаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд ва дар қонуни амалкунанда мавҷуд набудани мақом ва меъёрҳои танзимкунандаи ин шакли таҳсил зарурияти дигаре дар ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур мебошад.

Қабули тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида ба қонуни мазкур имкон фароҳам меорад, ки таваҷҷуҳи ҷомеа ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ афзуда, саҳми ин муассисаҳо дар пешрафту такомули кишвар назаррастар гардад.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»-ро дастгирӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гашт.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

● Муҳокимаи парламентӣ

# ВАЗЪ НИГАРОНКУНАНДА АСТ

**Чордаҳуми майи соли равон таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ва семоҳаи аввали соли 2012 ва амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» муҳокимаи ошкорои парламентӣ доир гардид. Дар ин муҳокима масъулини Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазорату идораҳои марбута ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.**

**Дар оғози муҳокимаи ошкорои парламентӣ раисикунанда – муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев суханронӣ намуд.**



**- Вакилони мӯҳтарам ва ҳозирини гиромӣ !**

Дар шароите ки инсоният дар қатори дигар таҳдидҳои глобалӣ ба мушкилоти таъмини озуқаворӣ дучор омадааст, моҳияти ҳифз ва истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно набуда, дар шароити кӯҳистони мамлакати мо ин омил дар мадди аввал меистад.

Имрӯз ба ҳар як сокини ҷумҳурӣ 0,08 гектар замини корами обӣ рост меояд, ки ин дар қиёс бо давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ нишондиҳандаи аз ҳама камтарин мебошад.

Сарфи назар аз камзамин буданаш, Тоҷикистон имкониятҳои васеи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дорад. Бинобар ин, истифодаи самараноки ҳар як гектар замин, беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ, аз худ кардани заминҳои нав, мусоидат ба сармоягузорӣ ва воридоти техникаву технологияи муосир тадбирҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки метавонанд амнияти озуқаворӣи мамлакатро таъмин намоянд ва дар ин самт кори зиёд амалӣ шуда истодааст. Чунончӣ, аз соли 2000-ум то соли 2011-ум истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 2,5 баробар афзудааст. Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ солҳои охир беш аз 680 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо шудааст.

Дар як вақт ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ имрӯз нӯҳ лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз як миллиард сомонӣ татбиқ шуда, танҳо дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо ба ин мақсад 2 миллиарду 340 миллион сомонӣ маблағ равона гардидааст.

Бо мақсади барқарорсозии шабакаҳои ирригатсионӣ, идоракунии захираҳои обӣ ва обёрии заминҳо имрӯз дар ҷумҳурӣ панҷ лоиҳаи инвеститсионӣ мавриди татбиқ қарор дорад, ки маблағи умумии онҳо қариб 600 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум як қатор қонунҳои мукаммал, қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва барномаю консепсияҳои соҳаи аграрӣ таҳия ва қабул шудаанд, ки татбиқ ва иҷрои саривақтии онҳо ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд, вале дар ин самт то ба ҳол на ҳама имкониятҳои мавҷуда пурра истифода шуда истодаанд.

Яке аз сабабҳои асосии паст будани нишондиҳандаҳои соҳаи пахтакорӣ бад будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва корношоямии шабакаҳои обёрӣ мебошад.

Дар натиҷа, соли гузашта бо вуҷуди аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ, бонкҳо ва сармоягузорон ба андозаи беш аз 370 миллион сомонӣ маблағгузорӣ гардидани соҳаи пахтакорӣ, ҳамагӣ 350 ҳазор тонна пахта истеҳсол шуд. Ҳосилнокии ҳар гектар замин 14,7 сентнериро ташкил намуд, ки ин, албатта, ташвишовар буда, нишонаи ғайриоқилона истифода бурдани замин аст.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳозирини гиромӣ! Ҳоло сухан барои пешниҳоди гузориш ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Саиди Ёқубзод дода мешавад.



**Саиди ЁҚУБЗОД: - Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо гузоришро «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 ва семоҳаи аввали соли 2012 ва амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» манзур менамоем.

Масъалаи мавриди муҳокимаи парламентии имрӯза яке аз мушкилоти муҳимтарин ба ҳисоб рафта, дар таъмини заминҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ, зиёд гардидани маҷмӯи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар таъсири мусбӣ мерасонад.

Вакилони арҷманд, аз Паёми Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки яке аз ҳадафҳои асосӣ расидан ба таъмини амнияти озуқавории мамлакат мебошад. Мақсад аз таҳлили фаъолияти соҳа аз он иборат мебошад, ки мелиоратсия ва ирригатсияи заминҳо дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки стратегия ва сиёсати давлат ҷиҳати расидан ба суботи иқтисодию иҷтимоӣ донита шуда, ниҳоят нақши муҳим мебозад.

Бесабаб нест, ки соҳаи хоҷагии об яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, хизматрасони асосии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо озуқа, корхонаҳои саноатии мамлакат бо ашёи хом ва ҳамчунин шуғли аҳолӣ мебошад. Рушди ин соҳа, пеш аз ҳама, ба беҳдошти вазъи иқтисодии аҳолии деҳот, қишри аз ҳама осебпазири аҳолии кишвар мусоидат хоҳад намуд.

Давоми ду соли охир дар соҳаи хоҷагии оби мамлакат аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳоти муҳим ба нақша гирифта, амалӣ шуда истодааст, ки мақсади асосии онҳо рушди соҳа, нигоҳ доштани иншооти нодири ирригатсионии кишвар, ба роҳ мондани муносибатҳои дурусти иқтисодӣ байни обистифодабарандагон ва ташкилотҳои хоҷагии об мебошад.

Вакилони арҷманд, шумо хуб медонед, ки вазъ дар ин соҳа чӣ гуна аст. Ҳарчанд вазорат барои ба роҳ мондани муносибатҳои нави иқтисодӣ як қатор чораҳо, аз қабили расонидани хизмати пулакии обрасонӣ, кӯмак дар ташкил ва фаъолияти ассотсиатсияҳои истифобарандагони об амалӣ карда истодааст, вазъият ҳоло ҳам ба талабот ҷавобгӯй нест. Ба ҳолати 1 апрели соли ҷорӣ қарзҳои дебитории вазорат ба 226,19 млн. сомонӣ ва қарзҳои кредитории он ба 264,37 млн. сомонӣ баробар шуда, тамоюли афзоиш дорад. Бе андешидани чораҳои таъхирнопазир ҳалли ин мушкилот ва гузаронидани ислоҳоти куллӣ дар соҳа ғайриимкон аст.

Вобаста ба масъалаи баррасишавандаи имрӯза Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология бо дастгирии роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғду Хатлон бо мақсади омӯзиши вазъи воқеии соҳа дар самти беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзии обёришаванда, омодагии шабакаҳои обёрӣ, пойгоҳҳои обкашӣ ва саддҳои муҳофизатии соҳилҳои дарёву обанборҳо сафари хизматӣ анҷом дода, бо мутасаддиёни соҳа ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ воҳӯриҳои машваратӣ ва мизи мудаввар бо иштироки идораҳои дахлдор ва намояндагони воситаҳои ахбори омма баргузор намуд.

Соли сипаригардида дар сатҳи Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология низ оид ба ин масъалаи муҳим муҳокимаи парламентӣ гузаронида шуда буд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2010 таҳти №639 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011» ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 41,8 млн.сомонӣ, аз он ҷумла барои сохтмони асосӣ 16,5 млн.сомонӣ, маблағ ҷудо гардида буд.

Дар ин давра нақшаи буҷети Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои поёнии он 25514273 сомониро ташкил дода, иҷрои он 25355511 сомонӣ ё ин ки 99,4 фоизи миқдори хароҷоти нақшавии аниқгардидаро ташкил дод. Нақшаи маблағҳои сохтмони асосии вазорат бошад, баробар ба 16504058 сомонӣ буда, 100 фоиз иҷро гардидааст.

Ҳолати зиёда аз 70 фоиз заҳбуру заҳкашҳо ва дигар иншооти обрасонии дохилихоҷагӣ, ки имрӯз дар ихтиёри худи хоҷагиҳо ҳастанд, ниҳоят ташвишовар аст. Аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки имрӯз шумораашон аз 72 ҳазор гузаштааст, базаи техникӣ ва сармояи кофӣ барои нигоҳ доштани иншооти хоҷагии об надоранд. Дар натиҷаи сари вақт ва ба қадри зарурӣ тоза нашудани заҳбуру заҳкашҳо ва таъмир наёфтани иншооти дигари обрасонӣ масоҳати заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш дар ҷумҳурӣ меафзояд.

Аз маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, ки соли 2011 дар ҳама сохторҳои зертобеи вазорат маблағгузории пурраи чорабиниҳои пешбинишуда таъмин гардидааст.

Дар соли 2012 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2011 таҳти №766 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 44,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла 13,5 млн.сомонӣ барои сохтмони асосӣ маблағ пешбинӣ шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2012 нақшаи буҷети Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои поёнии он 7557306 сомониро ташкил намуда, он 100 фоиз иҷро гардидааст ва нақшаи маблағҳои сохтмони асосии вазорат дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 3375000 сомониро ташкил дода, азхудкунии маблағҳо дар ин давра ба 2517000 сомонӣ, ё ин ки 74,6 фоизи нақшаи пешбинишуда баробар мебошад.

Амалигардонии сиёсати давлат оид ба татбиқи барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва такмили сохтори идораи давлатӣ, инчунин ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҷомеаи ҷаҳонӣ бо мақсади вусъат додани ҷараёни сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ва ҷалби бештари кӯмаки беруна метавонад яке аз воситаҳои ҳалли мушкилоти соҳа гардад. Яке аз роҳҳои дигаре, ки дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст, ин ҷалби сармоя ба соҳа мебошад. Имрӯз ҷиҳати дастгирии соҳаи мелиоратсия, таҷдиди инфраструктураи он, обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав панҷ лоиҳа, ки маблағи умумиашон 599,0 млн. сомонӣ ё ин ки 126,1 млн. долларро ташкил медиҳад, татбиқ шуда истодааст.

Ҳоло мехостам дар бораи амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» маълумот диҳам.

Фармони Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2009 таҳти №352 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ба тасвиб расидааст.

Мувофиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба боздошти раванди зиёдшавии заминҳои ғайриқаноатбахши мелиоративӣ, беҳтар намудани вазъи мелиоративӣ ва экологии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ аз ҷониби идораҳои зертобеи вазорат солҳои 2010-2011 ба маблағи 15773 сомонӣ корҳои тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо, таъмиру барқарорсозии чоҳҳои амудии хушккунанда ва пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ ба анҷом расонида шудааст, ки дар натиҷаи ин дар масоҳати 23273 гектар ҳолати мелиоративии заминҳои ғайриқаноатбахш беҳтар шудааст, ки ин мутаносибан 113 фоиз ва 116 фоизи нақшаи иҷрои он дар ду сол пешбинишударо ташкил медиҳад.

Дар соли 2011 тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида, ба маблағи 9075 сомонӣ корҳои мелиоративӣ анҷом гардида, ҳолати мелиоративии заминҳо дар масоҳати 11493 гектар беҳтар карда шудааст, ки ин мутаносибан ба 130 ва 115 фоизи нақшаи солона баробар мебошад, аз ҷумла:

- аз ҳисоби пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ ба маблағи 3863 ҳазор сомонӣ, масоҳати 4900 гектар, ки мутаносибан 277 ва 246 фоиз;
- аз ҳисоби буҷети мутамарказ ба маблағи 548 ҳазор сомонӣ, масоҳати 560 гектар, ки мутаносибан 26 ва 19 фоиз;
- аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи 4526 ҳазор сомонӣ, масоҳати 5803 гектар, ки мутаносибан 130 ва 116 фоиз;
- аз ҳисоби сармоягузорон ва худи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба маблағи 138 ҳазор сомонӣ, масоҳати 130 гектар.

Дар рафти иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мо имрӯз баррасӣ менамоем, дар фаъолияти вазорату кумитаҳои дахлдор баъзе норасоиҳо ва дар муносибаташон камбудиҳо назаррасанд.

Аз ҷумла тибқи банди 4-уми қарори мазкур Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷуҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар вақти таҳияи дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо намудани маблағҳоро пешбинӣ менамоянд. Мутаассифона, иҷрои банди мазкур ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Қобили зикр аст, ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳо маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои иҷрои қарори зикргардида пешбинӣ шудаанд, мақсаднок ва самаранок истифода бурда нашуда, дар дигар самтҳо хароҷот карда мешаванд.

Дар рафти сафарҳои хизматии вакилон ҷиҳати омодагӣ ба муҳокимаи парламентӣ ва омӯзиши маводҳо муайян гардид, ки аз рӯйи ахбори аз тарафи вазорат пешниҳодгардида ҳолати 49000 гектар замин ғайриқаноатбахш аст, аз рӯйи ахбори Кумитаи заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, 56850 гектар чунин замин муайян гардида, аз рӯйи маълумоти Кумитаи ҳифзи муҳити зист 96615 ҳазор гектар замин ҳолаташ бад аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки вазорату кумитаҳои дахлдор дар ҳамбастагӣ кор намекунанд.

Гарчанде ҳамасола аз рӯйи ҳисобот вазъи беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз тарафи вазорат аз 10 то 11 ҳазор гектарро ташкил диҳад, сол аз сол тамоюли зиёдшавии заминҳои ҳолаташ ғайриқаноатбахш мушоҳида мешавад.

Аз сабаби нарасидани техникаи лозима, кӯҳнаю фарсуда будани экскаватору булдозерҳо, нарасидани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ, корҳои вобаста ба таъмиру барқарорсозӣ, тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо ба талабот ва меъёрҳои муайянгардида пурра ҷавобгӯ нест ва на он қадар бо сифати хуб иҷро карда мешаванд.

Аз беназоратии баъзе мутасаддиёни соҳа, идораҳо ва роҳбарони татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии амалишаванда ба изофанависии ҳаҷми корҳои иҷрогардида, бесифатӣ, сари вақт пардохт накардани андозҳо ба буҷет роҳ дода мешавад.

Санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки дар фаъолияти раёсат ва идораҳои зертобеи вазорат ҳоло ҳам камбудиҳо, аз ҷумла истифодаи ғайримақсадноки маблағу воситаҳои давлатӣ, ҷой доранд.

Самаранок ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои давлатӣ аз дуруст ба нақша гирифтани сметаи хароҷоти ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ вобастагии калон дорад.

Дар маҷмӯъ, тафтишу санҷишҳои гузаронида дар дастгоҳи марказии вазорат ва 28 сохтори зертобеи он зарари молиявиро ба маблағи умумии 1 млн. 850 ҳазор сомонӣ муайян намуд, ки он аз ҳисоби хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ -334,9 ҳазор сомонӣ, изофанависии корҳои таъмиру сохтмонӣ - 1 млн. 072 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби маблағи кам ҳисобгардидаи пардохтҳо ба буҷети давлатӣ - 247,4 ҳазор сомонӣ иборат мебошад. Инчунин ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳои пешбинишуда ба қадри 78,3 ҳазор сомонӣ муайян карда шуд, ки он аз ҳисоби маблағҳои нақдӣ ба амал омадааст. Аз маблағи зарари молиявӣ дар рафти тафтишу санҷишҳо 1 млн. 735 ҳазор сомонӣ барқарор карда шудааст.

Сабаби асосии ба амал омадани камбудиву норасоиҳои зикргардида ин пеш аз ҳама дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани назорат аз ҷониби роҳбарони ташкилоту муассисаҳои зертобеъ ва инчунин раёсату шӯъбаҳои дахлдори вазорат мебошад, ки самаранокии истифодаи маблағу воситаҳои давлатиро пурра таъмин накардаанд.

Ҳолати пойгоҳҳои обкашии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, гарчанде ҳамасола қисман таъмири капиталӣ ва ҷорӣ гузаронида мешавад, 80 фоизашон ба талаботи техникӣ ҷавобгӯй нестанд. Пойгоҳҳои обкашӣ аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта сар карда, охираш солҳои навадум ба истифода дода шудааст ва мӯҳлати истифодабариашон аз рӯйи нишондиҳандаҳои техникӣ гузаштааст. Дар натиҷа тӯли мавсими обдиҳӣ тез-тез аз кор мебароянд ё ин ки бо иқтидори пурра кор намекунанд.

Муҳандисони баландихтисоси соҳаи обёрӣ камшумор мондаанд. Дар пойгоҳҳои обкашӣ, бинобар паст будани маош, мутахассисон корро тарк мекунанд, дар баъзе пойгоҳҳои обкашӣ оилавӣ кор мекунанд ё ин ки занҳову нафақахӯрон мондаанд.

Ҳалли мушкилоти зикргардидаи соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об, мо, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро вазифадор менамояд, ки фаъолияти худро дар ин самт тақвият бахшем.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳоло сухан ба вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмат Бобокалонов дода мешавад.

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ: - Мӯҳтарам Амиршо Миралиевич, мӯҳтарам Раёсат, вакилони мардумӣ ва ҳозирини гиромӣ !**

Пеш аз ҳама, мехостам миннатдории худ ва кормандони вазоратро ба шумо барои таваҷҷуҳи хоса ва саҳмгузорӣ дар рушду тараққиёти соҳаи мелиоратсия ва захираҳои оби кишвар, аз ҷумла гузоштани заминаи васеи ҳуқуқӣ дар ин самт тавассути қабули қонунҳои дахлдор, баён намоям.

Захираҳои об аз захираҳои стратегии мамлакат ба ҳисоб рафта, истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳо дар дастёбии ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ ва истиқлолияти энергетикӣ, заминаи воқеӣ мегузоранд.

Маҳз бо дарки амиқи ин масъала Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои об таваҷҷуҳи хоса дошта, якчанд ташаббусҳои наҷибонаро бо мақсади ҳалли онҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод намуданд. Дастгирӣ ёфтани ин ташаббусҳо ва қабули қатъномаҳои дахлдори Маҷмаи Кулли Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба онҳо шаҳодати муваффақияти сиёсии роҳбарияти кишвар дар сатҳи байналмилалӣ маҳсуб ёфта, мо – кормандони соҳаро водор месозад, ки дар сатҳи миллӣ низ барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда, истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об ва ба ин восита гузоштани саҳми муносиб дар таъмини рушди устувори кишвари азизамон фаъолияти хешро боз ҳам ҷоннок намоем.

Ба муҳокимаи шумо пешниҳод шудани иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011» ва иҷрои буҷети давлатӣ дар се моҳи соли ҷорӣ, инчунин баррасии корҳо оид ба беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо дар Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина гирифтани таклифу пешниҳодоти муфиди шумо, мӯҳтарам вакилони мардумӣ, бешубҳа, барои беҳбудии кор дар самти мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷети давлатӣ, дар сатҳи баланд ба роҳ мондани банақшагирии корҳо, татбиқи ҳадафмандонаи лоиҳаҳо ва барномаҳои давлатӣ, иҷрои масъулиятноки вазифаҳои дар назди соҳа гузоштташуда мусоидат хоҳанд кард.



Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2010 таҳти №639 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011», фармонҳои Вазорати молия *(иловагӣ баъд аз зиёд шудани музди меҳнат барои пардохти музди меҳнат ва ФҲИА ҳамагӣ – 1,1 млн. сомонӣ)* ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми сол ҳамагӣ - 41,8 млн.сомонӣ, аз ҷумла барои сохтмони асосӣ *(иловагӣ дар асоси Фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 3,9 млн.сомонӣ)* ҳамагӣ - 16,5 млн.сомонӣ маблағ ҷудо гардида буд.

Дар ин давра нақшаи буҷети давлатии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои поёнии он 25514273 сомониро ташкил дода, иҷрои он 25355511 сомонӣ ё 99,4 фоизи миқдори хароҷоти нақшавии аниқгардидаро ташкил дода, иҷрои нақшаи маблағҳои сохтмони асосии вазорат 16504058 сомонӣ, ё ин ки 100 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил дод.

Дар соли 2012 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2011 таҳти №766 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон - 44,3 млн. сомонӣ маблағ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он - 13,5 млн.сомониаш барои сохтмони асосӣ пешбинӣ шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ нақшаи буҷети давлатии вазорат ва сохторҳои поёнии он 7557306 сомонӣ ва хароҷоти нақшаи пешбинишуда 7557306 сомонӣ ё 100 фоизро ташкил дода, азхудкунии маблағҳои сохтмони асосӣ дар се моҳ аз 3 375 000 сомонии нақшаи пешбинишуда ба 2 517 000 сомонӣ, ё ин ки 74,6 фоизи нақша баробар шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар вазорат ва сохторҳои зертобеи он маблағгузории пурраи чорабиниҳои пешбинишуда таъмин гардидааст. Рушди босуботи иқтисодии кишвар имкон медиҳад, ки маблағгузории соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об сол аз сол зиёд гардад. Дар маҷмӯъ, тайи панҷ соли охир маблағгузории соҳа қариб ду маротиба афзуда, соли равон маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ нисбат ба соли гузашта 2,5 млн. сомонӣ ё 6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар қисмати таркиби буҷет 41 фоизи маблағҳои ҷудошавандаро пардохти музди меҳнат, 3,4 фоизро хариди сӯзишворӣ ва маводи молиданӣ, 4,1 фоизро хароҷот барои нигаҳдорӣ ва таъмири биноҳо, 4,5 фоизро хариди таҷҳизот ва техника ва 30,4 фоизро иҷрои корҳои сохтмони асосӣ ташкил медиҳанд.

Вазорат ба назорат ва истифодаи самарабахшу мақсадноки маблағҳои буҷетӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Вобаста ба ин дар Дастгоҳи марказӣ ва идораҳои зертобеъ аз ҷониби кормандони Раёсати баҳисобгирии муҳосибавӣ ва молияи Вазорат, шӯъбаи аудити Вазорати молия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мувофиқи нақша санҷишу тафтишҳо гузаронида мешаванд. Масъалаи сарфакорона ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ мунтазам дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи вазорат ва машваратҳои назди вазир баррасӣ мешаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, хароҷот вобаста ба хариди ашёҳои қиматбаҳо, нақлиёт, таъмири биноҳо камтар карда шуд. Хариди мол ва иҷрои корҳо аз тариқи озмун ба роҳ монда, ба хароҷоти ғайримақсаднок хотима дода шудааст.

Айни замон аз ҷониби ташкилоту идораҳои вазорат якчанд барномаҳои давлатии соҳавӣ, аз ҷумла «Барномаи таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020», «Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», «Барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳҳои обкашии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014», «Нақшаи аз худ намудани заминҳои нави обёришаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012», ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, мавриди амал қарор доранд, ки татбиқи муваффақонаи онҳо ба рушди иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранокии маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Иҷрои барномаҳои мазкур асосан дар доираи маблағҳои барои сохтмони асосӣ ҷудошаванда ба роҳ монда шуда, аз ҷониби вазорат оид ба рафти татбиқи онҳо мунтазам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зарурӣ пешниҳод мешавад.

Мавриди зикр аст, ки барои иҷрои пурраи барномаҳои мазкур маблағҳои зиёд зарур мебошанд. Бо назардошти ин аз фурсати мусоид истифода бурда, аз шумо, мӯҳтарам намояндагони мардумӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ҳангоми таҳия ва қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ва солҳои минбаъда талаботи молиявии вазорат барои иҷрои барномаҳои мазкур, иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмиру барқарорсозии иншоот ва шабакаҳои обёрӣ ва дигар афзалиятҳои соҳавӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ то ҳадди имкон ба инобат гирифта шаванд.

Дар навбати худ вазорат татбиқи самараноки барномаҳои номбаршударо мавриди назорати ҳамешагӣ қарор дода, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз тамоми захираву имконият истифода бурда, дар амалӣ намудани дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошад.

**Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат ва вакилони мардумӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани маҳсулнокии заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти ҳолати экологии онҳо иҷрои корҳои мелиоративӣ ба ҳисоб меравад, ки аз вазифаҳои аввалиндараҷаи вазорат маҳсуб меёбад ва ҳоло мехостам таваҷҷуҳи шуморо ба ҳолати ин масъалаи муҳим ҷалб намоям.

Тағйир ёфтани ҳолати мелиоративии заминҳо раванде ҳаст, ки пайваста дар ҷараён мебошад. Агар аз як тараф анҷом додани корҳои мелиоративӣ ҳолати заминҳоро беҳтар гардонад, аз тарафи дигар бо сабаби риоя накардани технологияи обмонӣ, сари вақт тоза накардани заҳбуру заҳкашҳо, аз кор мондани чоҳҳои мелиоративӣ ва як қатор омилҳои дигар майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш меафзояд. Бо назардошти ин корҳои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо бояд пайваста мавриди иҷро қарор дошта бошанд.

Ҳамин аст, ки тайи 5-6 соли охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду барномаи давлатиро оид ба ин масъалаи муҳим қабул кард, ки дар доираи онҳо кори зиёде дар ин самт амалӣ мешавад. Барномаи аввалӣ «Беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо барои солҳои 2005-2009» соли 2005 қабул гардида, дар доираи он ҳолати мелиоративии 60343 гектар, аз ҷумла 30533 гектар дар вилояти Хатлон, 28961 гектар дар вилояти Суғд, 849 гектар дар ноҳияҳои тобеи марказ беҳтар карда шуд. Татбиқи ин барнома имкон фароҳам овард, ки раванди афзоиши майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон бад то андозае коҳиш дода шавад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2010 мувофиқи Кадастри мелиоративӣ майдони заминҳои кишоварзии ҳолаташон ғайриқаноатбахш дар ҷумҳурӣ 49 ҳазор гектарро ташкил медод. Бо мақсади боздошти ин раванди номатлуб ва беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» қабул гардид. Вобаста ба иҷрои қарори мазкур Нақшаи чорабиниҳо тартиб дода, фармони вазорат аз 19 ноябри соли 2009 таҳти №352 ба тасвиб расонида шуд.

Тибқи қарори мазкур пешбинӣ шудааст, ки дар солҳои 2010-2014 аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ, буҷети мутамарказии асосӣ ва буҷети маҳаллӣ бо сарфи 34,3 млн. сомонӣ маблағ ҳолати мелиоративии 49 ҳазор гектар замини обёришавандаи кишоварзӣ беҳтар карда шавад. Тақсимоти маблағ ва майдони заминҳо дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба тариқи зайл бояд сурат гирад:

Дар доираи иҷрои қарори мазкур мувофиқи нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби идораҳои зертобеи вазорат солҳои 2010-2011 ба маблағи 15,7 млн. сомонӣ корҳои тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо, таъмиру барқарорсозии чоҳҳои амудии хушккунанда ва пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ ба анҷом расонида шуда, дар масоҳати 23273 гектар ҳолати замини ғайриқаноатбахши мелиоративӣ беҳтар карда шудааст, ки ин мутаносибан 113 ва 116 фоизи нақшаи дар ду сол пешбинишударо ташкил медиҳад.

Бояд зикр кард, ки корҳо дар ин самт асосан аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ ва буҷети маҳаллӣ иҷро гардида, майдони муайяни заминҳо инчунин аз ҳисоби сармояи хориҷӣ низ беҳтар карда шудааст. Беҳсозии заминҳо аз рӯйи сарчашмаҳои маблағгузорӣ тариқи зайл сурат гирифтааст:

- аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ: бо сарфи 6,1 млн. сомонӣ масоҳати 9481 гектар беҳтар карда шудааст, ки мутаносибан 218 ва 237 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил менамояд;
- аз ҳисоби буҷети мутамарказ: бо сарфи 642 ҳазор сомонӣ масоҳати 659 гектар, мутаносибан 15 ва 11 фоизи нақша;
- аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бо сарфи 8,8 млн.сомонӣ масоҳати 12090 гектар, мутаносибан 126 ва 121 фоизи нақша;
- аз ҳисоби сармоягузорон ва хоҷагиҳои кишоварзӣ: бо сарфи 205 ҳазор сомонӣ масоҳати 1043 гектар.

Сарфи маблағҳо ва масоҳати беҳтаркардашудаи заминҳо дар миқёси вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар солҳои 2010 ва 2011 ба шумо, мӯҳтарам вакилони халқ, манзур шудааст. Мехостам иброз намоям, ки корҳо дар ин самт сол то сол ҷоннок мегарданд: агар дар соли 2010 аз рӯйи маблағҳои хароҷотшуда ва майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон беҳтаркардашудаи корҳо 96 ва 118 фоизи нақшаи солонаро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2011 ин рақамҳо мутаносибан ба 130 ва 115 фоизи нақшаи солона баробар шуданд.

**(Идома дар саҳ. 4)**

# ВАЗЪ НИГАРОНКУНАНДА АСТ

(Идома аз саҳ. 3)

Мавриди зикр аст, ки иҷрои корҳои мелиоративӣ асосан аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ ва буҷети маҳаллӣ сурат гирифта, ҳамзамон вазорат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо инчунин аз сарчашмаҳои маблағгузории хориҷӣ низ истифода намояд. Аз ҷумла солҳои 2010-2011 тавассути лоиҳаҳои «Идоракунии ҳамгироишудаи захираҳои об дар водии Фарғона» ва «Таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои об дар вилояти Хатлон» иловатан бо сарфи 13680 ҳазор сомонӣ ҳолати мелиоративии 10,57 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ беҳтар карда шуд. Бояд зикр кард, ки тавассути лоиҳаи охирӣ инчунин 10583 нафар одамон дар панҷ ноҳияи вилояти Хатлон бо кор таъмин шуданд, ки ин, албатта, барои беҳтар гаштани даромаднокӣ ва сатҳи зиндагии онҳо низ мусоидат намуд. Айни замон аз ҷониби вазорат бо дастгирии Бонки умумиҷаҳонӣ корҳо оид ба омодасозии чунин як лоиҳаи нав бо ҷалби 12 ноҳияи дигари ҷумҳурӣ идома дошта, итминон дорем, ки бо татбиқи он ҳолати мелиоративии боз ҳазорҳо гектар замин беҳтар карда хоҳад шуд.

**Мӯҳтарам вакилони мардумӣ!**

Дар баробари корҳои анҷомдодашуда, як қатор камбудӣ ва мушкилиҳо мавҷуданд, ки ҳалли саривақтии онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолият дар самти беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои иҷрои корҳои беҳтар кардани ҳолати мелиоративӣ пешбинӣ шудаанд, мақсаднок ва самаранок истифода бурда нашуда, дар дигар самтҳо хароҷот мешаванд. Бо назардошти ин аз рӯйи санҷишҳои мақомоти дахлдор дар ноҳияҳои Панҷ, Хуросон, Қубодиёни вилояти Хатлон бо сабаби ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳо нисбати шахсони масъул ҳатто парвандаҳои ҷиноятӣ кушода шудааст.

Дар баъзе ноҳияҳо иҷрои корҳои мелиоративӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ на тавассути идораҳои хоҷагии об, балки бо ҷалби дигар ташкилотҳо сурат мегиранд, ки онҳо на ҳама вақт корҳоро сифатнок анҷом медиҳанд. Чунин ҳолат асосан дар ноҳияҳои вилояти Суғд ба назар мерасад.

Инчунин зикр кардан зарур аст, ки беҳдошти ҳолати мелиоративии заминҳо пайваста анҷом додани корҳои мелиоративиро тақозо менамояд, ки барои ин шумораи зиёди техника ва механизмҳо заруранд. Мутаассифона, шумораи мавҷудаи техника ва механизмҳои вазорат барои ин кифоя нест. Аз тарафи дигар, барои нигоҳдошт ва омодасозии заҳкашҳои пӯшида механизмҳои махсус лозиманд, ки имрӯз тамоман вуҷуд надоранд. Бо назардошти ин, роҳбарияти вазорат бо кӯмаки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дастрас намудани механизмҳои заруриро пешбинӣ намудааст.

Ҳарчанд ҳамасола нақшаи тасдиқгардида пурра ба иҷро расонида шавад ҳам, мутаассифона, майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш зиёд мегардад. Ба ҳолати 1 январи соли 2012 масоҳати заминҳои ғайриқаноатбахши мелиоративӣ 53049 гектарро ташкил менамояд. Барои муайян намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ бо нишондодҳои дараҷаи шӯрнокии хок маълумотҳо бо наворгирии заминҳои шӯр то соли 1986 истифода мешаванд, ки онҳо дар шароити ҳозира ба талабот ҷавобгӯй намебошанд.

Дар ҷумҳурӣ барои дар ҳолати хуби мелиоративӣ нигоҳ доштани заминҳои обёришаванда ҳамагӣ 11402 км заҳбуру заҳкашҳо, аз ҷумла 2213 км байнихоҷагӣ ва 9279 км дохилихоҷагӣ вуҷуд доранд, ки аз ин 2000 километрашро заҳкашҳои пӯшида ташкил медиҳанд.

Яке аз сабабҳои дигари ғайриқаноатбахш гардидани ҳолати мелиоративии заминҳо аз ҷониби хоҷагиҳои кишоварзӣ риоя накардани меъёрҳои обёрии зироатҳои кишоварзӣ ва аз байн рафтани чорабиниҳои обшӯйкунии шӯрзаминҳо мебошад.

Дар як қатор мавзеъҳои ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Ашт, Исфара, Б.Ғафуров, Мастчоҳ, Н.Хусрав, А.Ҷомӣ, Қубодиён, Вахш, Ҷ.Румӣ, Панҷ, Шаҳритус, Ҷиликӯл, Восеъ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз сабаби баланд ҷойгиршавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва зиёд будани шӯрнокии хок вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосаро талаб менамояд. Зиёда аз 7000 гектар замини кишоварзии шаҳри Конибодом ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд зери таъсири обанбори Қайроққум буда, вазъи экологию мелиоративии ин заминҳо доимо дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд. Бо сабаби маҳдуд будани неруи барқ дар фасли зимистон ва нарасидани қисмҳои эҳтиётии дастгоҳҳои обкашӣ дар шаҳр ва ноҳияи зикргардида зиёда аз 100 адад чоҳҳои амудии мелиоративӣ таври зарурӣ фаъолият намекунанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чуноне зикр гардид, анҷом додани корҳои мелиоративӣ яке за омилҳои асосии баланд бардоштани маҳсулнокии заминҳои кишоварзӣ ва беҳдошти ҳолати экологии онҳо ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам вусъат додани иҷрои чорабиниҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ пешниҳод менамоем:

- барои қаноатбахш нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии заминҳо ва иҷрои пурраи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шавад;
- маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ки барои иҷрои корҳои мелиоративӣ ҷудо карда мешаванд, дар миқёси вилоятҳо ва ё ҷумҳурӣ мутамарказонида шаванд;
- барои дастрас намудани механизмҳои заминкан ва мелиоративии замонавӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шаванд;
- банаворгирии нави ҳолати заминҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда шавад;
- пойгоҳҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудии мелиоративӣ бо хати барқи озод таъмин карда, барои онҳо тамоми сол тарифҳои имтиёзнок барои истифодаи нерӯи барқ муқаррар карда шавад.

Ҳалли масъалаҳои мазкур имкон фароҳам меоварад, ки корҳо оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо боз ҳам ҷоннок карда шуда, самаранокӣ ва маҳсулнокии заминҳои кишоварзӣ баландтар гардад, ки, албатта, барои ғанӣ гардонидани дастурхони мардум ва умуман ноил гаштан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми арзанда хоҳад буд.

**Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат ва вакилони мардумӣ!**

Муҳокимаи парлумонии имрӯза шаҳодати таваҷҷуҳи хосаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи рушди соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об мебошад.

Мо, роҳбарият ва кормандони соҳа, аз ин таваҷҷуҳи хосаи шумо, мӯҳтарам вакилони мардумӣ, инчунин заҳмати ҳамарӯзаи шумо оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии рушди соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об сипосгузор буда, шуморо бовар мекунонем, ки тамоми чораҳои лозимиро бо мақсади бартараф кардани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ва рушди бонизоми соҳа роҳандозӣ хоҳем кард.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ҳоло сухан вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Наҷмуддинов дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ:- Мӯҳтарам Раисикунанда, вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Яке аз вазифаҳои афзалиятнок ин рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои ноил гардидани кишварамон ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Яке аз омилҳои пешравии соҳаи мазкур сол ба сол зиёд шудани маблағҳои буҷетӣ барои рушди соҳаи мазкур, аз ҷумла беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар соли 2011 аз ҳисоби Буҷети давлатӣ барои комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ 300,0 млн. сомонӣ, аз он ҷумла аз ҳисоби буҷет -100,0 млн. сомонӣ, маблағҳои махсус -8,0 млн. сомонӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ -192,0 млн. сомонӣ (54,0 млн. сомонӣ аз худ карда шудааст) равона гардидааст.

Бо мақсади таъмини рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дар ин давра 80,3 млн.сомонӣ равона гардидааст, ки аз ин 26,0 млн. сомонии онро барномаҳои рушди соҳа дар бар мегирад.

Ба соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об 35,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои асосии мутамарказ 16,5 млн. сомонӣ маблағгузорӣ шудааст.

Аз ҷумла давоми соли гузашта аз ҳисоби захираҳои дохилии буҷетӣ дар асоси фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,0 млн. сомонӣ (инчунин 500,0 ҳазор сомонӣ барои сӯзишворӣ) маблағҳои иловагӣ ҷудо шудааст.

Ғайр аз ин, ба ин мақсад дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Фонди захиравии Президент ба Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корҳои соҳилмустаҳкамкунии соҳили дарёи Зарафшони шаҳри Панҷакент 2,0 млн. сомонӣ маблағи иловагӣ ҷудо шудааст.

Бо мақсади дастгирии давлатӣ, солимгардонии вазъи молиявӣ ва минбаъд ба эътидол даровардани иқтисодиёти корхонаю ташкилотҳо қарзҳои корхонаҳои соҳаи мазкур бо роҳи гузаронидани ҳисоббаробаркунӣ аз ҳисоби қарзи кредитории то 1 январи соли 2011 бавуҷудомадаи муассисаҳои буҷетӣ ба маблағи 140,0 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

Дар соли 2012 хароҷот барои комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ -353,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 17,5 фоиз ё ин ки 53, 0 млн. сомонӣ нисбат ба соли 2011, аз он ҷумла аз ҳисоби буҷет -109,0 млн. сомонӣ, маблағҳои махсус -10,6 млн. сомонӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ -233,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.



Бо мақсади таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ дар Буҷети давлатӣ соли 2012-ум 27,2 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст, ки аз ин 20,2 млн. сомонӣ барномаҳои рушди соҳаро дар бар мегирад.

Ба соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об -28,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла барои маблағҳои мутамарказ 13,5 млн. сомонӣ ва дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ -1,3 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, маблағгузории он ба андозаи 502,0 ҳазор сомонӣ ё 40 фоиз таъмин шудааст.

Мувофиқи дархости вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони чоҳи амудӣ дар ноҳияи Файзобод 200,0 ҳазор сомонӣ, таъмин намудани оби полезӣ бо усули қатрагӣ дар ноҳияи Ҳисор- 600,0 ҳазор сомонӣ, таъмини оби полезӣ дар ноҳияи Бохтар -200,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Танҳо дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ аз ҳисоби захираҳои дохилии буҷетӣ дар асоси Фармоиши Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда барои пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ба Агентии захираҳои моддии давлатӣ бо мақсади хариди масолеҳи зарурии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва мелиоративӣ- 5,0 млн. сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо ва маблағгузории он пурра таъмин гардидааст.

Сабаби асосии кам маблағгузорӣ гардидани маблағҳои мутамарказ, пеш аз ҳама, сари вақт пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ (Номгӯйи иншооти сохташаванда 30 марти соли 2012 пешниҳод гардид), дархост ва таъмин нагардидани иҷрои корҳо бо сабаби номусоидии обу ҳаво мебошад.

Ҳамзамон дар доираи Барномаи давлатии сармоягузорӣ лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ дар соҳаи мелиоратсия ҳоло чор лоиҳа ба маблағи зиёда аз 100,0 млн. доллари амрикоӣ амалӣ шуда истодааст.

Аз ҷумла лоиҳаҳои «Обёрии заминҳои водии Данғара» (марҳилаи 2) -33,7 ҳазор доллари амрикоӣ, «Барқарорсозии системаҳои ирригатсионӣ» -29,0 млн. доллари амрикоӣ, «Идоракунии захираҳои обии водии Фарғона» -24,2 млн. доллари амрикоӣ, «Таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ» -10,1 млн. доллари амрикоӣ ва ғайра мавриди амал қарор доранд.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ -12,0 млн. сомонӣ аз худ карда шудааст.

Инчунин айни замон ҷиҳати пешгирӣ ва кам намудани хавфи ҳолатҳои фавқулодда дар доираи маблағузории иловагии Лоиҳаи рушди инфраструктураи маҳаллӣ 10,0 млн. сомонӣ маблағҳои грантӣ (Бонки Умумиҷаҳонӣ) барои хариди маводи зарурии ҳолатҳои фавқулодда, аз ҷумла корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, ҷудо шудааст.



Ба Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корҳои соҳилмустаҳкамкунии соҳили дарёи Зарафшони шаҳри Панҷакент -2,0 млн. сомонӣ ҷудо шудааст.

Бо мақсади дастгирии давлатӣ, солимгардонии вазъи молиявӣ ва минбаъд ба эътидол даровардани иқтисодиёти корхонаю ташкилотҳо қарзҳои андозии соҳаи мазкур, бо роҳи гузаронидани ҳисоббаробаркунӣ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба маблағи 32,0 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

Миннатдории худро ба шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ҳамкории доимӣ изҳор менамоям.

**РАИСИКУНАНДА:-** Гузориш ва ахборот шунида шуд. Акнун ба қисмати саволу ҷавоб мегузарем. Марҳамат.

**Ҳабибулло САЪДУЛЛОЕВ:** - Лутфан мегуфтед, ки бо мақсади дар оянда барқарор намудани базаи техникии хоҷагиҳои оби ноҳияҳо бо ҷалби сармоягузориҳо чӣ тадбирҳо андешида мешавад?

**Давлаталӣ САИДОВ, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Айни замон дар ҷумҳурӣ чор лоиҳаи давлатӣ ба маблағи зиёда аз 500 миллион сомонӣ дар бахши кишоварзӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳамчунин соли гузашта бо ҷалби сармояи хориҷӣ як лоиҳаро ба маблағи 48 миллион доллари ИМА амалӣ намудем. Масъалае, ки шумо ба он ишора кардед, воқеан ҳам хеле муҳиму саривақтӣ мебошад ва зимни татбиқи лоиҳаҳои фавқуззикр ҳатман ба инобат гирифта хоҳад шуд.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:** - Доир ба ин масъала, яъне харидории техникаву таҷҳизоти соҳа, мо барномаи алоҳидаро амалӣ намуданием. Вобаста ба ин масъала бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд гуфтушунид ҷиҳати марҳила ба марҳила ҷудо намудани 30 миллион доллари ИМА идома дорад.

**Амирбек МАҲМАДАЛИЕВ:** - Ҳамасола барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳо маблағ ҷудо мегардад. Мутаассифона, ин маблағҳо кифоя нестанд. Чӣ бояд кард, то ки ин мушкилот ҳалли худро ёбад?

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ:** - Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳамасола маблағгузорӣ барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии ҷумҳурӣ тамоюли афзоишро касб намудааст. Ин раванд шурӯъ аз соли 2008 инҷониб хеле ривоҷ ёфт ва дар заминаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мелиоративии ин қабил заминҳо хеле беҳбудӣ ёфтааст. Раванди афзоиши маблағгузорӣ дар ин самт соли гузашта 54 фоиз ва соли равон 59 фоизро ташкил медиҳад.

**Азизмат ИМОМОВ:** - Айни замон дар мамлакат вазъи мелиоративии чанд гектар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ қаноатбахш нест ва барои беҳтар намудани он барои ҳар як гектар чӣ қадар маблағ лозим аст?

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ:** - Тибқи маълумоти мо, заминҳои обёришавандаи кишоварзии вазъи мелиоративиашон ташвишовар дар ҷумҳурӣ 49000 гектарро ташкил медиҳад. Бино ба маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин нишондиҳанда зиёда аз 90000 гектар аст. Барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии як гектар ин қабил замин аз 20 то 50 доллари ИМА бояд хароҷот шавад. Мутаассифона, дар мо ин нишондиҳанда бамаротиб кам аст. Баъзе ҳамсоякишварҳо садҳо миллион доллари ИМА қарз мегиранд, то ин ки вазъи мелиоративии заминҳояшонро беҳтар намоянд. Ба назари ман, ҷорӣ намудани чунин таҷриба дар кишвари мо низ аз манфиат холӣ нест, зеро ин иқдом метавонад самараи хуб оварад.

**Эшбурӣ ЭСАНҚУЛОВ:** - Қарзи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ дар назди ШСХК «Барқи Тоҷик» чӣ қадар аст ва барои пардохти он чӣ кор амалӣ мешавад?

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ:** - Айни замон қарзи вазорат дар назди ШСХК «Барқи Тоҷик» 181 миллион сомониро ташкил медиҳад. Соли гузашта маблағи умумии барқи истифоданамудаи мо 32 миллион сомониро ташкил дод. Мутаассифона, аз ин миқдор мо тавонистем ҳамагӣ 7 миллион сомонии онро пардохт намоем. Сабабҳои ба миён омадани чунин вазъиятро ман дар баромадам шарҳ додам.

**Нодира ТУРДИМАТОВА:** - Раванди ҷамъоварии маблағи хизматрасонии истифодаи об дар кадом сатҳ қарор дорад?

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ:-** Соли гузашта мо ба маблағи умумии 74 миллион сомонӣ чунин хизматрасониро пешниҳод намудем. Мутаассифона, аз ин миқдор ҳамагӣ 45 миллион сомонӣ ҷамъоварӣ шуду халос.

Дар оянда гузаронидани ислоҳоти соҳа дар назар дошта шудааст ва мо ният дорем, ки тартиби рӯёнидани ин маблағҳоро ба он ворид намоем.

**Саттор ХОЛОВ:** - Таҳлили рафти иҷрои нақшаи маблағгузории бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри 2009 таҳти №612 тасдиқшуда доир ба беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014 нишон медиҳад, ки маблағгузории мутамаркази аз буҷети ҷумҳурӣ пешбинишуда дар соли 2010 ҳамагӣ 4 фоиз, соли 2011-ум 15 фоиз иҷро шудаасту халос. Сабаб дар чист? Дар марҳилаи боқимонда аз тарафи мақомоти дахлдор чӣ чораҳо андешида мешавад?

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ:** - Тавре болотар гуфтам, маблағгузории соҳа аз ҷониби вазорат пурра иҷро шудааст. Дар робита ба суоли пешниҳодгардида бояд зикр намоям, ки як қисми маблағгузории мутамарказ барои тоза намудани ҷӯю заҳбурҳо ва ҳатто барои пардохти маош сарф мешавад. Аз ин бармеояд, ки ин маблағ ба ҳеҷ ваҷҳ берун нарафтааст.

**Шарофиддин СИРОҶОВ:** - Мехостем фикри шуморо оиди дар оянда ба мувозинаи идораи оби ноҳияҳо гузаронидани заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагиҳо фаҳмем?

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ:** - Мо пурра ҷонибдори ин иқдом ҳастем.

**Зиёратшо САЪДУЛЛО:** - Бо кадом сабабҳо дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» маблағгузории баъзе ноҳияҳо ба назар гирифта нашудааст?

**Ҳамидуллохон ФАҚЕРОВ, муовини аввали вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон:** -Ба маълумоти шумо мерасонам, ки банақшагирии маблағгузорӣ бо мақсади беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархосту пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо муайян мегардад. Агар маблағгузорӣ пешбинӣ нашуда бошад, пас аз ҷониби ҳамон шаҳр ё ноҳия дархост ворид нашудааст ва ё барои ин намуди маблағгузорӣ зарурат нест.

**Амир ҚАРАҚУЛОВ:** - Вақтҳои охир воридоти орду гандум ба ҷумҳурӣ тамоюли афзоишро касб намудааст. Ин омил бояд боиси ташвиш бошад. Мехостам пурсон шавам, ки оё вақти он нарасидааст, ки кишоварзон аз пардохти баъзе андозҳо пурра озод карда шаванд?

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ:** - Қисмати аввали савол асоси воқеӣ дорад. Вобаста ба ихтисор намудани андоз барои кишоварзон бояд гӯям, ки андозҳои барои ин бахш муқарраргашта хеле кам аст. Масалан, барои як гектар замини обӣ мутаносибан 180-200 сомонӣ андоз пешбинӣ шудааст. Имрӯз зарурати он пеш омадааст, ки дар бахши идоракунии замин ислоҳот гузаронем. Дар акси ҳол пешрафти соҳаро умедвор будан нашояд.

**Амирқул АЗИМОВ:** - Таъмини амнияти озуқавории мамлакат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Барои татбиқи ин иқдом обёрӣ намудани заминҳои нав, аз ҷумла мавзеи Моҳпарии шаҳри Исфара ба нақша гирифта шуда буд. Тибқи нақша як қисми аҳолии Ҷамоати деҳоти Чоркӯҳ бояд ба ин макон кӯчонида мешуданд. Оё ин иқдом амалӣ гардидааст ва агар татбиқ нашуда бошад, чаро?

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ:** - Ба наздикӣ дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи раиси шаҳри Исфара шунида шуд, ки масъалаи дахлнамудаи шумо дар он зикр шуд. Ба маълумоти шумо мерасонам, ки бинобар норасоии маблағ, мо натавонистем иҷрои ин мақсадро таъмин намоем. Соли гузашта дар стансияи 1-уми ин мавзеъ ва соли ҷорӣ дар стансияи 2-юми он як силсила корҳо ба сомон расонида шуд. Дар заминаи ин иқдомот ба наздикӣ 500 гектар замин обёрӣ хоҳад гашт. Ҳамчунин иловатан барои вусъат бахшидани корҳо дар ин ҷода аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 миллион сомонӣ ҷудо гардид.

**Давлаталӣ ДАВЛАТЗОДА:** - Солҳои пеш барои истифодаи аҳолии Ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ, ки беш аз 35 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, канали Чоряккорон хизмат мекард, ки он солҳои охир аз лою гил пур шуда, пурра аз кор баромад.

Соли 2008, бо назардошти он ки барқарор намудани ин канал аз имконият берун аст, бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш шуда буд, ки дар ин мавзеъ стансияи насосӣ сохта, аҳолӣ бо об таъмин карда шавад. Ҳарчанд аз он вақт чор сол гузашта бошад ҳам, то имрӯз аҳолии ин минтақа бе об мондааст.

Хоҳишмандам, ин масъаларо шарҳ диҳед ва гӯед, ки кай аҳолии ин ноҳия бо оби полезӣ ва нӯшокӣ таъмин карда мешавад?

**Раҳмат БОБОКАЛОНОВ:** - Эроди шумо асоси воқеӣ дорад. Воқеан ҳам чунин мушкилот ҷой дорад ва Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ баҳри ҳалли он дар доираи имконоти худ ҷаҳду талош мекунад. Шуморо бовар мекунонам, ки моҳҳои наздик корҳои бунёдкорӣ дар иншооти зикршуда оғоз гашта, то нимсолаи аввали соли оянда ин мушкилот пурра ҳалли худро меёбад.

**РАИСИКУНАНДА:-** Акнун ба музокира мегузарем. Аз вакилон хоҳиш карда мешавад, ки дар муҳокимаи масъала фаъолона иштирок намоянд. Ҳар кас метавонад доир ба камбудиҳои ҷойдошта, ислоҳи онҳо, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои интихобкунандагон, ки дар вохӯриҳо ба миён гузошта шуда буданд, ибрози назар намояд. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Абдузафар Иномов дода мешавад.

**Абдузафар ИНОМОВ:- Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат вакилони арҷманд!**

Масъалаи баррасишаванда хеле воқеӣ ва саривақтӣ буда, гузоришу фактҳои матраҳшуда гувоҳи онанд, ки тӯли солҳои охир дар самти сиёсати давлатии таъмини амнияти озуқавории кишвар тағйироти мусбӣ ба даст омадааст.

Тавре дар Паёми Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст: «Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз он вобастагӣ дорад, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо ва азхудкунии заминҳои нав мебошад».

Аз ин рӯ, ҳоло мехостам кӯтоҳ ба масъалаҳои ҳалталаби соҳаи мелиоратсия ва обтаъминкунии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки интихобкунандагон дар вохӯриҳо иброз доштанд, диққати шуморо ҷалб намоям.

Дар ноҳия майдони заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ 32668 гектарро ташкил дода, майдони заминҳои бо заҳбуру заҳкаш таъминшуда- 14889 гектар, аз он ҷумла бо заҳбурҳои пӯшида 4160 гектарро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия дарозии заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ -111 км, дохилихоҷагӣ -304 км, аз ҷумла заҳбурҳои кушода -165 км ва пӯшида 139 километрро ташкил медиҳад.

Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №612 аз 31 октябри соли 2009 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» нишон медиҳад, ки оид ба беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзии ноҳия бо дастгирии бевоситаи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон , Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ноҳия корҳои зиёд ба анҷом расонида, маблағгузории ин корҳо аз буҷети маҳаллӣ ва аз ҳисоби пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ пурраю барзиёд таъмин шуда бошад ҳам, аз буҷети мутамарказ барои беҳдошти ҳолати мелиоративии замин тайи солҳои охир маблағгузорӣ нашудааст.



Масалан, мувофиқи нақша давоми солҳои 2010-2011 дар ноҳия бояд ҳолати мелиоративии 1990 гектар замин бо маблағгузории 1393 ҳазор сомонӣ беҳтар карда мешуд. Дар асл он 2035 гектарро ташкил дода, аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ 516 ҳазор сомонӣ ё 181 фоизи нақша, аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 534 ҳазор сомонӣ ё 104 фоиз нақшаи пешбинишуда маблағгузорӣ гардида, аз ҳисоби буҷети мутамарказ, ки зиёда аз 418 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ пешбинӣ шуда буд, ягон сомонӣ маблағ ҷудо нашудааст.

Соли 2011-ум аз 165 км заҳбурҳои дохилихоҷагӣ танҳо 17,8 км тоза шудаанду халос, ки ин миқдор хеле кам буда, сабаби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ мебошад. Аз 165 км заҳбурҳои дохилихоҷагии кушода 32,2 км ва аз 139 км заҳбурҳои пӯшида 43 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд. Аз 199 адад чоҳҳои амудии мелиоративии мавҷуда 85 адад дар ҳолати корӣ, 70 адад бе таҷҳизот ва 44 адад таъмирталаб мебошанд. Аз чор пойгоҳҳои хушккунандаи обкашӣ танҳо як пойгоҳи обкашӣ мунтазам кор карда, боқимонда аз сабаби норасоии қувваи барқ дар фасли зимистону аввали баҳор худ зери об монда, таъмирталаб мебошанд.

Сабабҳои асосии баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва зиёдшавии масоҳати заминҳои ҳолаташон ғайриқаноатбахш, ин сари вақт, босифат ва дар ҳаҷми зарурӣ тоза накардани заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ, мунтазам кор накардани чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва пойгоҳҳои хушккунандаи обкашӣ мебошад.

Сабаби дигари баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ин обёрии заминҳои минтақаи Аркаи ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Барои боздошта гирифтани обҳои зеризаминӣ мувофиқи лоиҳаи азхудкунии мавзеи Аркаи Ҷумҳурии Қирғизистон бояд қад-қади роҳи Хистеварз- Конибодом 21 адад силсилачоҳҳои амудӣ кофта, ба истифода дода мешуд. Ҳоло аз 11 адад чоҳҳои кофташуда ягонтояш фаъолият намекунад.

Заминҳои шӯрнокиашон баланди ноҳия асосан дар мавзеъҳои обёрии мошинӣ ҷойгир шудаанд. Аз сабаби норасоии қувваи барқ ва кор накардани пойгоҳҳои обкашӣ дар фасли тирамоҳу зимистон аксари ин заминҳо шӯршӯйӣ карда намешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти идораи об ва вазъи мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ҳалли масъалаҳои зеринро мувофиқи мақсад мешуморем:

-ҳамаи заҳбурҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагии кушоди дар ноҳия мавҷуда ба мувозинаи идораҳои хоҷагии об гузаронида шуда, Идораи хоҷагии об бо техникаи корӣ таъмин карда шавад;

-зарур аст, ки масъалаи ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастрас намудани механизмҳои заминкан ва мелиоративии замонавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад;

-масъалаи ба кор даровардани чоҳҳои амудии дар ҳудуди ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон мавҷуда ҳал карда шавад;

-барои обшӯйӣ кардани заминҳои шӯрнокиашон баланд бояд масъалаи имконияти дар моҳҳои январ- феврал ба кор даровардани пойгоҳҳои обкашӣ мавриди баррасӣ қарор гирад;

-зарур аст, ки пойгоҳҳои хушккунандаи обкашӣ барқарор карда шуда, кори мунтазами онҳо давоми тамоми фаслҳои сол таъмин гардад;

-маблағи истифодабарии қувваи барқи пойгоҳҳои обкаши мелиоративӣ ва чоҳҳои амудии мелиоративӣ аз ҳисоби буҷети мутамарказ пардохта шуда ё ҷорӣ намудани тарифи имтиёзнок барои обёрии мошинӣ баррасӣ карда шавад;

-пойгоҳи шиноварии обкашии (понтони) «Сомғор-1» аз соли 1989 дар истифода буда, зиёда аз 6 ҳазор гектар заминҳои мавзеи Сомғорро обёрӣ менамояд. Бояд зикр кард, ки мӯҳлати истифодаи ин пойгоҳи обкашӣ, худи понтон ва таҷҳизоти асосии механикиву барқии он аз меъёри муқарраршуда қариб ду маротиба гузашта, ба ягон талаботи техникӣ ҷавобгӯй нест. Аз сабаби ниҳоят тунук шудани деворҳои сексияҳои худи понтон, фарсуда шудани корпуси насосҳо ва вали муҳаррикҳои барқӣ, барқароркунии онҳо ғайриимкон гардида, зарур аст, ки ба нақшаи буҷети Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ворид намудани лоиҳаи барқарорсозии понтони «Сомғор- 1» мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**РАИСИКУНАНДА:-** Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Махфират Хидирова дода мешавад.

**Махфират ХИДИРОВА:- Мӯҳтарам Раисикунанда, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Барои кишвари мо, ки захираҳои маҳдуди заминҳои киштшаванда дорад, самараноку мақсаднок истифода бурдани ҳар ваҷаби он заруру муҳим мебошад. Дар ин замина дар ҳолати хуби мелиоративӣ нигоҳ доштани заминҳо яке аз омилҳои муҳиме мебошад, ки метавонад дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ шарти асосӣ гардад. Ин аст, ки нуктаи мазкур дар Паёми Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ садо дода, ташкилоту идораҳои дахлдорро вазифадор намуд, ки дар ин самт чораҳои бетаъхир андешанд.



Вобаста ба ин, мехоҳам зикр намоям, ки иқдоми Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология боиси дастгирӣ буда, яке аз нишонаҳои аввалини татбиқи нишондодҳои Паём ба шумор меравад. Чуноне аз маводи таҳлилии пешниҳоднамудаи Кумита роҷеъ ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, ҳамасола бо ин мақсад маблағҳои муайян ҷудо гардида, корҳои амалӣ низ анҷом дода мешаванд. Бинобар ин, бояд зикр намуд, ки мушкилоти ҷиддӣ ҳоло дар ин самт хеле зиёданд.

Ба ақидаи ман, аввалин коре, ки дар ин самт бояд анҷом дод, ин масъалаи таъмини ҳамоҳангии фаъолияти тамоми мақомоту идораҳое мебошад, ки иҷрои қарори мазкур ба доираи салоҳияти онҳо дохил мешавад, зеро далелу рақамҳои овардашуда оид ба масоҳати умумии заминҳои ҳолати мелиоративиашон бад далели он аст, ки ин ҳамоҳангӣ вуҷуд надорад ё худ дар сатҳи бениҳоят паст қарор дорад.

(Идома дар саҳ. 5)

# ВАЗЪ НИГАРОНКУНАНДА АСТ

(Идома аз саҳ. 3, 4)

Дигар масъалае, ки ба он бояд диққати ҷиддӣ дод, ин масъалаи маблағгузории саривақтӣ ва назорати ҷиддӣ аз болои истифодаи мақсадноки онҳо мебошад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт низ на ҳама вақт ва на дар ҳама сатҳҳо кор қаноаткунанда аст, махсусан масъалаи маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ.

Масъалаи сеюме, ки метавонад ба ҳалли масъалаи муҳокимашаванда мусоидат намояд, ин ташкили механизми ҳамкории самарабахш байни мақомоти дахлдори давлатӣ ва хоҷагидорон мебошад, ки имрӯз вобаста ба гузариш ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба роҳ мондани усулҳои нави ҳамкориро тақозо менамояд.

**Вакилони арҷманд!**

Фикр мекунам, ки муҳокимаи парлумонии имрӯза ва тавсияҳои дар он қабулшаванда метавонанд дар самти муайян намудани мушкилоти соҳа ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо қадами ҷиддие хоҳад гашт.

**РАИСИКУНАНДА**:- Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Шодӣ Шабдолов дода мешавад.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:-** Мо бояд сабабҳои рӯйи кор омадани камбудиҳоро дар раванди фаъолияти Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ ба таври объективӣ муайян намоем, зеро аксари ин камбудиҳо вобаста ба фаъолияти номуназзами дигар сохторҳо ба миён омадааст. Дар замони Шӯравӣ ҳамагӣ 600 колхозу совхоз вуҷуд дошт. Баъд аз соҳибистиқлолии кишвар дар заминаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ 72000 хоҷагиҳои деҳқонӣ пайдо шуданд.

Табиист, ки бо ин миқдор хоҷагиҳо сарукор гирифтан ва назорати онҳо дар самти пардохти саривақтии маблағи хизматрасонии об кори саҳлу осон нест. Бояд эътироф кард, ки ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар мамлакат муваффақона анҷом наёфт ва камбудиҳо дар ин ҷода зиёданд.

Бинобар ин, мо, бояд вазорати мазкурро ҳамаҷониба дастгирӣ намоем.

**РАИСИКУНАНДА: -**Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадшариф Нозимов дода мешавад.

**Маҳмадшариф НОЗИМОВ:- Мӯҳтарам Амиршо Миралиевич ва ҳозирини арҷманд!**

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи соҳаи агросаноатии ҷумҳурӣ, махсусан ҳалли масъалаҳои соҳаи мелиоратсия ва бо об таъмин намудани заминҳои таъиноти кишоварзидоштаро ба миён овард.

Дар баробари ин, бояд зикр намоем, ки мушкилоти бавуҷудомада танҳо дар натиҷаи ҳалли комплексии ба роҳ мондани рушди босуботи соҳаи аграрӣ ба даст хоҳад омад. Ҳалли комплексии ин масъала маънои онро дорад, ки бояд давлат оид ба масъалаи аз истеҳсол ва коркард то ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти кишоварзӣ масъулияти мақомоти дахлдорро таври воқеӣ баланд бардорад.

Вобаста ба ин, амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба манфиати кор аст:



1.Ҳар чӣ тезтар барқарор намудани комплекси агросаноатӣ дар асосҳои илмӣ, бо риояи хусусиятҳои табиии кишвар.

2.Ҳар чӣ бештар ва самаранок ҷалб ва истифода намудани сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба соҳаи агросаноатии ҷумҳурӣ.

3.Ба таври воқеӣ истифода бурдани имкониятҳои табиии ҷумҳурӣ ва дар асосҳои махсусгардонӣ ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.

4.Ба роҳ мондани сохтмони корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бевосита дар ҳудуди хоҷагиҳо ва ноҳияҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ.

5.Пай дар пай баланд бардоштани сатҳи дастгирии давлатӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ. Ин нишондиҳанда дар кишварҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти соҳаи аграрӣ нақши назаррасро дар ҳиссаи истеҳсоли Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ташкил медиҳад, аз 50 то 80 фоизи арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро маблағҳои буҷети давлатӣ дар бар мегирад.

6.Дар охир пешниҳод менамоям, ки ҳар чӣ тезтар Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» таҳия ва қабул карда шавад. Дар Қонуни нав диққати асосӣ ба ҳимояи ҳаматарафаи иҷтимоӣ ва иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ, баланд бардоштани масъулияти заминистифодабарандагон оид ба самаранок истифода бурдани заминҳои дар ихтиёрашон буда ва баланд бардоштани қурби сертификат дар бораи ҳуқуқи истифодабарии замин дода шавад.

Ин омилҳои дар боло номбаршуда боиси ба даст овардани маблағҳои иловагӣ ба Буҷети давлатӣ гардида, як қисми онҳо барои ҳал намудани мушкилоти соҳаи мелиоративӣ ва бо об таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ равона карда мешаванд.

**РАИСИКУНАНДА:**- Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Рустам Латипов дода мешавад.



**Рустам ЛАТИПОВ: - Мӯҳтарам Раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромиқадр!**

То 90 фоизи маҳсулоти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ аз заминҳои обёришаванда рӯёнида мешавад. Дар навбати худ соҳаи кишоварзӣ истифодабарандаи асосии об – то 85 фоиз ҳаҷми оби дар риштаи иқтисодиёт истифодашаванда мебошад.

Бинобар ин, бо назардошти аҳамияти аввалиндараҷаи соҳаи мелиоратсия дар таъмини амнияти озуқаврии мамлакат ҳанӯз соли 2009 дар ҷаласаи васеи Ҳукумат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зарурати ислоҳоти васеи соҳаро таъкид намуда буданд. Имрӯз бо гузашти се сол зарур аст, ки корҳо дар ин самт тезонида шаванд, чунки таъхир сабаби боз ҳам мушкил гаштани вазъият дар ин соҳа мегардад.

Солҳои охир дар натиҷаи ба қадри зарурӣ маблағгузорӣ нагаштани соҳаи мелиоратсия ва хоҷагии об, ҳамчунин ғайриқаноатбахш будани пардохтҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ вазъи молиявии соҳа дар сатҳи паст қарор дорад. Қарзҳои кредиторӣ ва дебитории соҳа сол ба сол зиёд шуда, имрӯз аз 400 млн. сомонӣ гузоштааст. Ин, албатта, ба ҳолати умумии идоракунии соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Сарфи назар аз он ки корҳо дар шабакаҳои сатҳи байнихоҷагӣ қадре беҳтар мебошанд, идоракунии захираҳои об дар сатҳи дохилихоҷагӣ ҳолати нигаронӣ дорад.

Дар ҷараёни ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар заминаи 600 хоҷагии бузурги колхозу совхозҳо имрӯз дар ҷумҳурӣ зиёда аз 70 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ таъсис шудааст. Бештари ин хоҷагиҳо таҷрибаи кофии агротехникӣ надоранд ва дар натиҷаи истифодаи нодурусти замину об ҳолати мелиоративии қисмати зиёди заминҳо бад гардидааст. Аз тарафи дигар, на ҳамаи ин хоҷагиҳо имкониятҳои молиявӣ ва техникии тоза кардани канал ва заҳбуру заҳкашҳо ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани пойгоҳ, чоҳҳои обкашӣ ва иншооти дигари гидротехникиро доранд.

Ташкили шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар навбати худ ҷорӣ кардани муносибатҳои нави иқтисодиро талаб дорад. Бинобар ин, зарур аст низоми идоракунӣ таҷдид ва ба шароити иқтисоди бозори мувофиқ карда шавад.

Масъалаи дигаре, ки мехоҳам диққати вакилони гиромӣ ва масъулини соҳаро ҷалб намоям, ин ҳолати саддҳои муҳофизатии дарёҳо мебошад. Масъалаи мазкур махсусан дар ҳавзаи интихоботии Восеъ №39, ки дар он се ноҳияи ба равандҳои сел бештар осебпазир – Восеъ, Темурмалик ва Балҷувон воқеъ мебошанд, зикр намоям. Роҳбарияти вазорат ва вазири мӯҳтарам, албатта, аз ҳолати воқеии ин ноҳияҳо хуб огоҳӣ доранд ва вобаста ба имкониятҳои мавҷуда кори зиёде иҷро мешавад. Вале даҳҳо километр саддҳои муҳофизатӣ дар ин ноҳияҳо, хусусан дар ноҳияи Восеъ, қариб аз байн рафтааст. Соли гузашта ва солҳои пешин дар натиҷаи сел ба иқтисодиёт ва хоҷагиҳои аҳолии ин минтақа хисороти зиёд расид ва аз он мо хуб огоҳӣ дорем. Албатта, барқарор кардан ва сохтмони саддҳо маблағи зиёдро талаб менамояд, вале ҳолати бамиёномада ва умуман мубориза ба муқобили сел дар сатҳи ҷумҳурӣ таҳия ва амалӣ намудани стратегияи махсус ва барномаҳои дахлдорро тақозо дорад. Ин барои ҷумҳурии мо, ки зиёда аз 93 фоизаш кӯҳистон мебошад, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Бо назардошти таҷдиди соҳаи мелиоратсия ва хоҷагии об, ки ҳамчунин аз Консепсияи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои оби Тоҷикистон бармеояд, соли ҷорӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ин яке аз қадамҳои нахустин дар самти қонунгузорӣ мебошад, ки ба беҳтар кардани идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои об равона шудааст. Аз ин рӯ, лозим аст, ки қонунгузории соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти беҳтар намудани ҳолати бамиёномада ва зарурати ба принсипи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об гузаштан, пурра таҳлил ва таҷдид карда шавад.

Бори дигар бояд зикр кард, ки соҳаи мазкур дар расидан ба ҳадафи афзалиятноки стратегӣ –таъмини амнияти озуқаврии мамлакат нақши асосӣ дорад. Биноан, бояд ҷиддӣ дастгирӣ карда шавад.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Шарофиддин Сироҷов дода мешавад.



**Шарофиддин СИРОҶОВ: - Мӯҳтарам Амиршо Миралиевич, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо истифодаи самараноки замину об дар маркази диққати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҳамасола барои беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳ бештар гардида, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №612 «Доир ба тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ба ин самт равона гардидааст.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии мамлакат, танҳо соли 2011 дар ҷумҳурӣ 21 ҳазору 923 гектар замини корам аз сабаби шӯршавӣ ва ботлоқшавӣ аз гардиши кишоварзӣ берун монд.

Бо вуҷуди чунин беэътиборӣ ба замини рӯзирасон, ҳамасола дар шаҳру навоҳии мамлакат вобаста ба афзоиши аҳолӣ садҳо гектар заминҳои бекорхобида шодоб гардонида шуда, мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 омадааст, ки барои таъмини амнияти озуқаврии кишвар, тибқи чорабиниҳои мушаххас доир ба истифодаи оқилонаи обу замин, баланд бардоштани ҳосилнокии он, аз замини обӣ гирифтани ду-се ҳосил, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои муосири ташкиливу ҳуқуқии хоҷагидорӣ зарур аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз он вобастагӣ дорад, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо ва азхудкунии заминҳои нав мебошад.

Бо ин мақсад дар давоми даҳ соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб як миллиард сомонӣ маблағ аз худ шуда, дар натиҷа ҳолати мелиоративии 83 ҳазор гектар замин беҳтар гардидааст ва 7 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ шудаанд.

Бесабаб нест, ки соҳаи хоҷагии об яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб рафта, хизматрасони асосии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо озуқа, таъмини корхонаҳои саноатии мамлакат бо ашёи хом ва ҳамчунин шуғли аҳолӣ мебошад. Рушди ин соҳа, пеш аз ҳама, ба беҳдошти вазъи иқтисодии аҳолии деҳот, қишри аз ҳама осебпазири аҳолии кишвар мусодит мекунад.

Бо мақсади истифодаи захираҳои об, бо назардошти стратегияи тараққиёт, омилҳои демографӣ ва шароити истифодаи замин якчанд барномаҳои давлатӣ, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд ва яке аз онҳо Барномаи «Беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2013» мебошад. Татбиқ намудани ин Барнома ба рушди иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранокии маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои дар ҳолати хуби мелиоративӣ нигоҳ доштани заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ ҳамагӣ 11402 км заҳбуру заҳкашҳо вуҷуд доранд, аз ҷумла байнихоҷагӣ - 2213 км ва дохилихоҷагӣ - 9279 км. Дар натиҷаи таҷдиди корхонаҳои кишоварзӣ шабакаҳои мелиоративӣ дар мувозинаи онҳо буда, аз ҳисоби хоҷагиҳо таъмир ва барқарор карда мешуданд. Айни замон иншоотҳои зикргардида бесоҳиб монда, дар ҳолати ногувор қарор доранд, ки яке аз сабабҳои асосии ғайриқаноатбахш гардидани ҳолати мелиоративии заминҳо мегардад. Сабаби дигар аз ҷониби хоҷагиҳои кишоварзӣ риоя нагардидани меъёрҳои обёрии зироатҳои кишоварзӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки тибқи банди 4-уми қарори зикргардида ҳар сол ҳангоми таҳияи Дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо намудани маблағҳои муайян пешбинӣ шудааст. Мутаассифона, иҷрои банди мазкур то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Амирхон Сафаров дода мешавад.



**Амирхон САФАРОВ: - Мӯҳтарам Амиршо Миралиевич ва ҳозирини гиромӣ!**

Аҳолии ҳавзаи интихоботии банда ду масъаларо ба миён гузоштанд, ки ҳар ду ба мавзӯи баррасишаванда иртибот доранд.

Якум, қариб ҳар сол дар фасли баҳор селҳои пай дар пай бисёр манзилу маконро хароб карда, ба хоҷагии халқ хисороти ҷубронноназири молию ҷонӣ ба бор меоранд. Чун фасли баҳору селомад ба поён расид, гӯё кори вазорату идораҳои дахлдор низ ба охир расида бошад, то баҳори баъдӣ оромию осудагиро ихтиёр менамоянд. Ҳол он ки онҳо метавонанд дар фасли тобистон ин корҳоро бе саросемагӣ бо сифати хуб анҷом диҳанд ва бо ҳамин ҳам ташвиши худ ва ҳам ташвиши мардумро аз миён бардоранд.

Зимнан, агар маблағҳое, ки ҳар сол барои барқарорсозии харобиҳои дар натиҷаи офатҳои табиӣ баамаломада сарф мешаванд, дар вақти муносиб барои пешгирии чунин офатҳо харҷот мешуданд, ин ҳама ташвишу хисорот аз байн мерафт.

Чун ин кор ба тариқи дилхоҳ сурат намегирад, баъзеҳо гумон мекунанд, ки аз чунин усули кор шояд ашхоси мутасаддӣ манфиатдор бошанд. Барои он ки чунин гумону шубҳаҳо аз байн равад, масъулини соҳа бояд тарзу усули корро тағйир диҳанд.

Масъалаи дигар ин тақсимоти ноодилонаи об байни хоҷагиҳо мебошад. Дар ин масъала истифодабарандагони об ба ду гурӯҳ тақсим гаштаанд: яке гурӯҳи тавоно ва дигар гурӯҳи нотавон. Гурӯҳи якум аз қудрату имконоти худ истифода бурда, дар ҳама ҳолат обро беш аз меъёри муқаррарӣ соҳибӣ менамояд ва фикр ҳам намекунад, ки об моли шахсии ӯ нест ва дигарон ҳам ҳаққи истифода аз онро доранд. Дар чунин ҳолат хоҷагиҳои дигар имкон намеёбанд, ки оби мавриди ниёзи худро, ҳатто дар ҳолатҳои барои зироату растанӣ ҳассос, гиранду истифода баранд.

Назорати қатъии ин кор махсусан соли ҷорӣ ниҳоят зарур мебошад, зеро таҷрибаи ҳаёт борҳо собит кардааст, ки баъд аз боронҳои пай дар пай ва тӯлонии баҳорӣ яку якбора ҳаво гарм шуда, ниҳолу рустаниҳо обталаб мегарданд. Агар дар чунин ҳолат, яъне авҷи нашъунамои ниҳолҳо, алалхусус нашъунамои ниҳолҳои пахта, сари вақт об дода нашавад, афзоиши онҳо аз байн рафта, ҳосили минбаъдаро зери хатар мегузорад ва ҳама заҳмату маблағи харҷшуда ба бод меравад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур диққат ва муносибати бисёр ҷиддиро тақозо менамояд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ман боварии комил дорам, ки муҳокимаи ошкорои парламентии имрӯза ба ҳалли мушкилоти мавҷуда дар масъалаи баррасишаванда таъсири мусбат хоҳад расонид.

**РАИСИКУНАНДА:** - Музокираҳо хотима ёфтанд. Ҳоло лозим медонам вобаста ба масъалаи мавриди баррасӣ андешаҳоямро иброз намоям.

Дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ ҷиҳати расидан ба суботи иқтисодӣ таъкид гардид.

Бинобар ин, вазорату идораҳои мутасаддӣ ва ҳар яки моро зарур аст, ки барои дар сатҳи устувор нигоҳ доштани рушди соҳаи кишоварзӣ, пешгирӣ намудани таъсири омилҳои манфии дохиливу хориҷӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кишоварзон тадбирҳои муассир андешем.

Дар давоми даҳ соли охир барои ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб як миллиард сомонӣ маблағ аз худ шуда, дар натиҷа ҳолати мелиоративии 83 ҳазор гектар замин беҳтар гардид, 7 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ шудаанд.

Сарфи назар аз чораҳои андешида, ҳоло ҳам дар ҷумҳурӣ дар соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об мушкилоти ҳалталаб зиёданд. Тибқи маълумот, вазъи мелиоративии зиёда аз 49 ҳазор гектар замин ғайриқаноатбахш мебошад. Қариб дар аксари минтақаҳо пойгоҳҳои обкашӣ, хатҳои обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо ҳолати нигаронкунанда дорад.

Чуноне аз маълумот бармеояд, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ ва таъсис додани хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ 20152 км шабакаҳои обёрӣ ва 9297 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ бе назорат мондаанд. Ҳамчунин инфрасохторҳои дар мувозинаи идораҳои давлатии хоҷагии оби ноҳияҳо буда, 6042 км шабакаҳои обёрӣ ва 20152 км заҳбуру заҳкашҳо зиёда аз 20 сол инҷониб тоза карда намешаванд.



Бар замми ин, чорабиниҳои иловагӣ дар фасли тирамоҳу зимистон оид ба шустани заминҳои шӯр ба қадри даркорӣ гузаронида намешаванд, ки дар натиҷа сифати ҳудуди калони заминҳои корам ғайриқаноатбахш гардидааст. Чунончӣ, мувофиқи маълумотҳо, имрӯз дар ҷумҳурӣ заминҳои шӯршуда 96615 гектарро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо шӯрнокии паст -73687 гектар, шӯрнокии миёна -18943 гектар ва шӯрнокии баланд - 3 985 гектар буда, дар маҷмӯъ 55227 гектар замини обёришавандаи кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.

Бинобар ин, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи зиёд намудани чуқурии заҳбуру заҳкашҳои истифодашаванда ва иловатан кандани онҳо бояд чораҷӯйӣ намояд.

Масъалаи дигар ва яке аз омилҳои асосии сари вақт ба мавсими обёрӣ омода кардани шабакаҳои обрасонӣ ва таъмини истифодабарандагон бо об пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ мебошад.

Аз маълумотҳо бармеояд, ки пардохти ҳаққи хизмати обрасонӣ дар соли 2011 ҳамагӣ 50 фоизро ташкил медиҳад ва он ҳам бо тариқи пӯшонидани ин маблағҳо аз ҳисоби таъмири иншооти ирригатсионӣ буда, хилофи қоидаҳои молиявӣ мебошад.

Дар баробари ин, қарзҳои дебиторию кредитории вазорат имрӯз аз 400 млн.сомонӣ гузаштааст ва тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Ин, албатта, андешидани тадбирҳои бетаъхирро бо мақсади кор карда баромадани механизми нави иқтисодии муносибатҳо байни ташкилотҳои обрасон ва истифодабарандагони об, аз ҷумла нархгузорӣ ва пардохти ҳаққи хизмати обрасониро талаб менамояд. Ё ин ки масъалаи аз кор баромадани иншооти обрасонӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ, ки дар натиҷаи ин солҳои охир беш аз 40 ҳазор гектар замини корами обӣ ҳамчун замини лалмӣ истифода бурда мешавад.

Бинобар ин, зарур аст, ки Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, бо мақсади бо об таъмин намудани заминҳои обии муваққатан аз гардиши кишоварзӣ баровардашуда, таъмири пойгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои гирдотехникӣ чораҳои дахлдор андешанд.

Чуноне аз маълумоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва лоиҳаҳои татбиқшаванда камбудию норасоиҳо низ ҷой доранд.

Мутобиқи маълумоти Агентии мазкур, дар корхонаю ташкилотҳои системаи вазорати номбурда ба маблағи умумии 1,8 млн. сомонӣ зарари молиявӣ муайян шудааст. Ҳарчанд ин маблағ пурра барқарор шудааст, вазоратро зарур аст, ки барои роҳ надодан ба чунин қонунвайронкуниҳо ва риояи интизоми молиявӣ тадбирҳои мушаххас андешад.

Масъалаи дигари муҳиме, ки набояд фаромӯш кард, ин афзудани ҳодисаҳои табиии марбут ба об мебошад, ки ҳар сол ба иқтисодиёти кишвар садҳо миллион доллар зарари иқтисодӣ меорад. Махсусан имрӯзҳо, ки эҳтимолияти ба вуқӯъ омадани селу обхезӣ дар ҷумҳурӣ зиёд мебошад.

Аз ин рӯ, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои саривақтӣ андешад.

Мушкилоти дигаре, ки имрӯз ташвишовар аст ва ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад, зиёд шудани теъдоди корхонаҳои коркарди сангу қум мебошад. Чунин корхонаҳо ашёи кори худро аз ҳудуди дарёҳо гирифта, ҳамасола маҷрои обро тағйир медиҳанд ва ин боиси шусташавии на фақат соҳилҳо, балки заминҳои корам ва маҳалҳои аҳолинишин мегардад. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010 таҳти №472 назорати истифода ва ҳифзи дарёҳо ба салоҳияти Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об гузошта шудааст ва бинобар ин аз вазорат андешидани чораҳои дахлдор ва мушаххасро тақозо мекунад.

Бо назардошти таҳлил ва муҳокимаҳои имрӯза зарур аст, ки Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об якҷоя бо Вазорати кишоварзӣ, сохторҳои дигари дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои самаранок ва мақсадноки буҷети давлатӣ, татбиқи қонуну қарорҳо ва барномаҳои қабулгардидаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин чораҳои зарурӣ андешанд.

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Ба мо лозим аст, ки мутобиқи банди 278-уми Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаи баррасишуда қарор ва тавсияnома қабул намоем. Лоиҳаи Қарор ва тавсияҳои муҳокимаи парламентии имрӯзаро, бо назардошти таклифу дархостҳо ва пешниҳоди иштирокчиён, ба овоз мемонам. *Қарор ва тавсияҳо қабул шуданд.*

Мо имсол ҷашнҳои бузурги таърихии худ – 20-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ ва 15-солагии Рӯзи Ваҳдати миллиро таҷлил менамоем.

Хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳофари миллати шарафмандамон имкон дод, ки мо бо асолату ҳувияти миллии худ дар ҷомеаи башарӣ мақоми шоиставу сазовори худро соҳиб шавем.

Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми исмолаи худ бо боварии комил иброз намуданд, ки мардуми фарҳангиву таҳаммулгарои Тоҷикистони азиз бо заҳмати содиқонаву софдилона дарояндаи наздиктарин Ватанамонро ободу зебо ва неруманду пешрафта гардонида, барои фарзандону наберaҳоямон як мулки ободу давлати пешрафтаи нерумандро ба мерос мегузорем.

Дар роҳи амалӣ сохтани ин мақсадҳои наҷиб ба ҳамаи шумо саломатӣ, барори кор ва саодат мехоҳам.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***
***Суратгир Ш. САЪДУЛЛОЕВ***

---

**● Вакил ва интихобкунанда**

# Сатҳи зиндагӣ беҳтар мешавад

Дар толори кохи фарҳанги деҳоти «Заргар»-и ноҳияи Бохтар бо вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирбек Маҳмадалиев вохӯрӣ доир гашт.

Дар толор наздики ҳазор нафар интихобкунандагон, аз ҷумлаи собиқадорони меҳнат, омӯзгорону табибон, коргарони корхонаҳо, сарварону саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ, хонандагон иштирок доштанд.

Вохӯриро раиси ноҳияи Бохтар Абдуалим Исмоилов ҳусни ифтитоҳ бахшида, дар бораи вазифаҳое, ки аз Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд ва нақшаи мушаххаси чорабиниҳо оид ба он дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия сухан ронд. Сипас, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амирбек Маҳмадалиев дар назди ҳозирин суханронӣ намуд. Мавсуф иброз дошт, ки зимни ирсоли Паёми имсола дар толор ба ғайр аз аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1200 нафар намояндагони касбу кори гуногун аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Тавре дар Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ёдоварӣ шуд: «Бо шарофати пуштибонии самимона ва заҳмати софдилонаи мардуми кишвар ба Ҳукумати мамлакат муяссар шуд, ки аз соли 2000-ум инҷониб доир ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тадриҷан чунин баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар доираи барномаву стратегияҳои милливу соҳавӣ пайваста чораҷӯйӣ намояд». Ҷойи дигар чунин омадааст: «Муҳимтар аз ҳама ҳаҷми даромади аҳолӣ тадриҷан афзоиш ёфта, аз як миллиард сомонии соли 2000-ум то ба 16,2 миллиард сомонӣ дар соли 2011 расидааст, яъне даромади аҳолӣ беш аз 16 баробар зиёд гардидааст».

Иштирокчиёни ҷамъомад аз он, ки тибқи Паёми имсолаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз якуми сентябри соли равон музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, яъне мактабҳои миёна ва муассисаҳои томактабӣ, хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон – 60 фоиз, соҳаи фарҳанг-50 фоиз, соҳаи тандурустиву ҳифзи иҷтимоӣ, варзиш ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф-40 фоиз, кормандони илм ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ-30 фоиз, стипендия-50 фоиз, инчунин музди меҳнати ҳадди ақал 2,5 баробар зиёд гардида, андозаи он аз 80 сомонӣ ба 200 сомонӣ баробар карда мешавад, басо хушнуд гардиданд.

Ширкаткунандагони вохӯрӣ аз он изҳори қаноатмандӣ доштанд, ки ба рушди соҳибкории кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи бештаре зоҳир менамояд. Амалӣ шудани як силсила ислоҳот дар ин бахш, аз ҷумла соддагардонии раванди бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва кам гаштани номгӯйи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ба фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Интихобкунандагон дар баробари огоҳ шудан дар ин сӯҳбат бо мӯҳтавои Паёми Сарвари давлат, инчунин бо фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дар давраи Иҷлосияи сеюми он низ шинос шуданд. Онҳо ҷонибдории худро аз сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба бунёдкорию созандагӣ, беҳбудии рӯзгори халқ, шукуфоии ояндаи мамлакат ҳангоми суханрониҳояшон иброз доштанд.

***

Ҳамин гуна вохӯриҳо бо интихобкунандагон дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрав аз ҷониби вакили дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Садриддинов низ гузаронида шуд.

***Давлат СУЛТОНОВ,***
***«Садои мардум»***

---

# МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР БИСТ СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Бо ташаббуси Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кохи Ваҳдат дар мавзӯи «Ташкилёбии прокуратураи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва 20 соли фаъолияти он» конфронси илмию амалӣ баргузор гардид.

Дар конфронс мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, вазири корҳои дохилӣ, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, роҳбарони аввали дигар мақомоти давлатии кишвар, олимону донишҷӯён иштирок ва суханронӣ карда, доир ба таъсисёбӣ ва ташаккули прокуратураи Тоҷикистони соҳибистиқлол, нақши он дар таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳамкории гуногунҷабҳаи ин мақомот бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра изҳори назар намуданд.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Шерхони Одина зимни суханронии худ зикр кард, ки бистсолагии фаъолияти мақомоти прокуратураи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бори аввал ҷашн гирифта мешавад. Конфронси илмию амалии имрӯза паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти ин мақомотро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Аввалин маротиба мақомоти прокуратураи Тоҷикистон бо Қарори Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1924 таъсис ёфта, то соли 1936 дар ҳайати Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ ва минбаъд, то соли 1991, дар низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи ИҶШС қарор дошта, бевосита ба он тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буд.

Бо соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз прокуратураи ИҶШС ҷудо ва мустақил гардид. 30 апрели соли 1992 аввалин қонуни танзимкунандаи фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистони соҳибистиқлол – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Баргузории чунин чорабинӣ барои тадқиқотҳои минбаъдаи илмию амалӣ ҷиҳати омӯзиши мавқеи таърихии ин мақомоти босалоҳият заминаи воқеӣ мегузорад.

***А. МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

---

# Вохӯрии вазир бо донишҷӯён

Тавре аз маркази матбуотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вохӯрии вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти милитсия Рамазон Раҳимов бо донишҷӯёну устодон баргузор гардид.

Дар ин вохӯрӣ вазир оид ба содир шудани ҷиноят аз ҷониби ноболиғон, сабабу омилҳои ба чунин амали номатлуб даст задани онҳо муфассал маълумот дод.

Ҳамзамон доир ба роҳҳои пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ сухан ронда, ҳамкориҳо ва дастгирии ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯёну хонандагони мактабу муассисаҳои таълимиро муассир арзёбӣ намуд.

Дар ин сӯҳбат инчунин кормандони масъули Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

***М. АЪЗАМ,***
***«Садои мардум»***

● Дар партави Паёми Президент

# СИПАРИ БОЭЪТИМОД

**Роҳбарият ва кормандони Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ дар заминаи сармашқи кор қарор додани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хешро вусъат медиҳанд.**

***Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ яке аз сохторҳои калидии кишвар дар бахши ҳифзи сиҳатии омма маҳсуб ёфта, ба зиммааш омодасозӣ ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои рухсатномадиҳии воридоту содирот, назорати фаъолияти фармасевтӣ, сертификатсиякунонӣ, стандартонӣ, бақайдгирӣ ва ташхиси маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводи ороишӣ-гигиенӣ, ғизои кӯдакона ва ғайра вогузор аст.***

***Сӯҳбате, ки бо сардори Хадамот Баҳодур Холназаров доир намудем, ба хонандагони рӯзнома бардоштҳои мавсуф аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовард у мушкилоти соҳаро бозгӯйӣ менамояд.***



**- Баҳодур Маҳмадназарович, бамаврид мебуд, агар дар оғози сӯҳбат бардоштҳоятонро бобати Паёми Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намоед.**

- Ирсоли Паёми Сарвари хирадсолори давлатамон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳим буда, дар партави он фаъолияти муназзам ва рушди бемайлони соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ амалӣ мегардад. Ба ибораи дигар, ҳуҷҷати мазкур барои ҳамаи мо омили раҳнамунсозанда ба сӯйи созандагиву бунёдкориҳои навин маҳсуб меёбад. Басо рамзист, ки Паёми Роҳбари мамлакат имсол дар остонаи таҷлили ду санаи бузургу тақдирсоз - бистсолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва понздаҳсолагии рӯзи Ваҳдати миллӣ пешниҳод гардид. Дар заминаи татбиқи нуктаҳои Паём имкони боз ҳам густариш бахшидани доираи фаъолият пурра имконпазир аст. Бинобар ин, аз рӯзҳои аввали ироаи он якҷоя бо аҳли кормандон онро мавриди омӯзишу татбиқ қарор додем.

Эътироф бояд кард, ки солҳои аввали соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ фаъолияти Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ ҷавобгӯйи талабот набуд. Набудани заминаи моддӣ-техникӣ, зиёд будани фишор аз ҷониби ашхосу гурӯҳҳои манфиатдор, мавҷуд набудани заминаи мукаммали қонунгузории соҳа ва ғайра аз ҷумлаи мушкилоте буданд, ки садди рушди фаъолият мегардиданд. Хушбахтона, мардуми шарифи кишвар тахти роҳбарии фарзанди фарзонааш Эмомалӣ Раҳмон, бо вуҷуди бисёр мушкилоту монеа, таҳкурсии давлати соҳибихтиёрамонро гузошта, ба кори азими бунёдкориву созандагӣ шурӯъ намуданд. Дар ҳамин радиф, фаъолияти Хадамот низ аз лиҳози сатҳу сифат бамаротиб беҳтар гардида, мушкилоти мавҷуда ҳалли мусбии худро ёфт. Банда, ки аз рӯзҳои аввали таъсиси ин сохтор фаъолиятамро ба сифати корманди қаторӣ оғоз намудаам, ин суханонро бо дарки масъулият мегӯям, зеро худ шоҳиди бевоситаи ин марҳилаҳо будам.

**-Айни замон қонунгузории соҳа шуморо қонеъ месозад ё не?**

- Солиёни пеш, бинобар мавҷуд набудани заминаи мукаммали қонунгузорӣ, мо наметавонистем фаъолиятамонро бояду шояд роҳандозӣ намоем. Ҳатто буданд ҳолатҳое, ки бо вуҷуди ошкор шудани маводи тариқи қочоқ воридгардида, кормандони мо дар чораҷӯйӣ нисбати гунаҳкорон оҷиз буданд. Маҳз ба шарофати ворид гардидани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилот бартараф шуд. Дигар қонунҳои соҳавӣ низ такмил ёфтанд ва ба ривоҷи фаъолияти мо мусоидат намуданд.

**- Яке аз самтҳои фаъолияти Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ ташхиси маводи доруворӣ маҳсуб меёбад. Барои ислоҳи камбудиҳо дар ин самт кадом тадбирҳо андешида шудаанд?**

- Албатта, ҷое, ки кор ҳаст, камбудӣ низ мавҷуд аст. Вазифаи ҷонии мо ошкору аз байн бурдани онҳо маҳсуб меёбад. Айни замон дар ҷумҳурӣ 1758 муассисаи фарматсевтӣ ва 327 муассисаи табобатӣ – профилактикӣ фаъолият менамояд. Давоми се моҳи соли ҷорӣ ҳангоми санҷиш аз муассисаҳои фармасевтии кишвар ду номгӯй маводи доруворӣ, бинобар бе сертификати мутобиқати сифат будан, аз муомилот гирифта шуданд. Аз муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ бошад, дар ҷараёни чунин санҷишҳо 17 номгӯй доруворӣ бинобар ҷавобгӯйи талабот набуданашон, дар асоси санадҳои дахлдор аз муомилот гирифта шуданд. Давоми се моҳи соли равон, тибқи талаботи моддаҳои 110 ва 121-уми Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мутахассисони шӯъбаи назорати давлатии фаъолияти фарматсевтии Хадамот нисбати шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мансабдор 77 протоколу қарор оид ба вайрон намудани қоидаҳои фаъолияти фарматсевтӣ тартиб дода шудааст, ки маблағи умумии ҷаримаашон 88140 сомониро ташкил медиҳад.

**- Тақдири минбаъдаи маводи доруворӣ ва молу маҳсулоти тиббии аз муомилот гирифташуда чӣ мешавад? Оё имкони дубора дар дорухонаҳо пайдо шуданашон мавҷуд аст?**

- Не. Чунин мавод баъд аз ошкор ва гирифта шуданашон аз муомилот бо роҳи сӯзонидан нобуд карда мешаванд. Тайи се моҳи соли ҷорӣ 5714 кило чунин мавод, ки арзиши умумиашон 1100192 сомонию 35 дирамро ташкил медиҳад, бо ин усул нобуд карда шуд.

**- Солҳои пеш ҳолатҳои дар дорухонаҳо фаъолият намудани шахсони ғайрикасбӣ ба мушоҳида мерасид. Айни замон вазъият чӣ гуна аст?**

- Ҳолати зикрнамуда ҳоло умуман ҷой надорад, зеро мо назоратро дар ин ҷода пурзӯр намудаем. Ҷоиз ба зикр аст, ки солҳои пеш на танҳо ҳолатҳои фаъолияти ашхоси ғайрикасбӣ дар дорухонаҳо ҷой дошт, балки вазъи худи дорухонаҳо низ хеле нигаронкунанда буд. Хушбахтона, имрӯз дорухонаҳои кишвар дар сатҳу сифати ҷавобгӯйи талабот фаъолиятро роҳандозӣ намудаанд. Ба ҳар сурат, ҳангоми ҳолати ҷой доштани камбудӣ дар фаъолияти онҳо шаҳрвандон метавонанд бевосита ба Хадамот муроҷиат намоянд ва итминонашон комил бошад, ки мо ҳатман чораҷӯйӣ менамоем.

**- Гардиши қонунии дорувориҳое, ки дар таркибашон маводи нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳо доранд, аз ҷумлаи масъалаҳост, ки назорати муназзамро тақозо менамояд...**

- Шумо ба яке аз масъалаҳои хеле муҳим дахл кардед. Дар ин самт мо фаъолиятамонро дар сатҳу сифати ҷавобгӯйи талабот ба роҳ мондаем. Санҷишҳое, ки бо мақсади муайян намудани иҷрои тартиб ва қоидаҳои нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, тақсимоти маводи дорувории шумо зикркарда гузаронидем, як қатор камбудиҳоро ошкор сохт. Дар маҷмӯъ, давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ шахсоне, ки ба ин масъала муносибати хунукназарона кардаанд, ба маблағи 12800 сомонӣ ҷарима шуданд.

**- Барои хонандагони рӯзнома додани он маълумот ҷолиб аст, ки дар кишварамон чанд номгӯйи доруворӣ мавриди истифода аст ва чандтои он дар дохили мамлакат истеҳсол мешавад?**

- Дар маҷмӯъ, 2930 номгӯй доруворӣ дар ҷумҳурӣ қобили истифода буда, аз ин миқдор 20 номгӯйи он дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол мегардад. Давоми се моҳи соли ҷорӣ ба ҷумҳурӣ ба маблағи умумии 119754030 сомонӣ маводи доруворӣ ва молу таҷҳизоти тиббӣ ворид шудааст. Аз ин миқдор ба маблағи 66686435 сомонӣ мавод ва молу таҷҳизоти зикршуда ҳамчун кӯмаки башардӯстона, ба маблағи 47382583 сомонӣ маводи доруворӣ барои фурӯш ва баробар ба 5685011 сомонӣ чунин мавод барои истифода ворид шудааст. Аз маблағи умумӣ 44857742 сомониаш ба молу таҷҳизоти техникӣ рост меояд. Дар ин давра аз ҷумҳурӣ ба маблағи 2664750 сомонӣ маводи доруворӣ содирот шудааст.

**- Дар Паёми Сарвари давлат чунин зикр гардидааст: «... бояд шумораи молҳои ҳатман сертификатсияшаванда аз 7100 номгӯйи кунунӣ ба андозаи ду-се баробар кам карда, ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» оид ба расмиёти соддагардонидашудаи воридоту содирот суръат бахшида шавад». Оё зимни иҷрои дастури мазкур маводи доруворӣ низ фаро гирифта мешавад?**

- Дастури зикршудаи Роҳбари давлат, пеш аз ҳама ба дастгирии бештари бахши соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ ва бартараф намудани монеаҳои маъмуриву сунъӣ, нигаронида шудааст ва мо онро комилан ҷонибдорӣ менамоем. Шароити феълӣ ва талаботи байналмилалӣ тақозо менамояд, ки номгӯйи дорувории аз сертификатсияи ҳатмии давлатӣ гузаронидашаванда ба ҳеҷ ваҷҳ набояд кам карда шавад. Агар номгӯйи маҳсулоти дорувории ҳатман сертификатсияшаванда коҳиш дода шавад, он гоҳ баъзе соҳибкорон, ки «обро лой намуда, моҳӣ доштан» шиорашон аст, фурӯши маводи дорувории пастсифату таври қочоқ воридшударо вусъат хоҳанд бахшид. Боварӣ дорам, ки масъалаи мазкур аз ҷониби сохторҳои марбута ба инобат гирифта хоҳад шуд.

**- Баъзе маводи ороишӣ - гигиении ба шаҳрвандон пешниҳодшаванда низ аз камбудӣ орӣ нест. Дар амри аз байн бурдани чунин ҳолатҳо Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ чӣ корҳоро ба сомон расонидааст?**

- Шумо то андозае ҳақ ҳастед, зеро чунин ҳолатҳо, сарфи назар аз фаъолияти пурмаҳсули мо, ҷой доранд.

Барои асоснок будани суханонам бобати самаранок будани фаъолияти кормандони Хадамот чанд мисол меорам. Моҳи марти соли равон зимни гузаронидани санҷиши муштарак бо кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мағозаи ба соҳибкорон М. Малахов ва С.Баротов тааллуқдошта, воқеъ дар бозори Корвон, миқдори зиёди маводи ороишию гигиении ба талабот ҷавобгӯйинабуда ва бидуни барасмиятдарории гумрукӣ ба кишварамон воридгардида ошкор шуд. Баъд аз ташхиси лабораторӣ маводи мазкур, ки 38 номгӯйро ташкил медод, нобуд карда, соҳибкорон ба маблағи 8000 сомонӣ ҷарима шуданд. Ҳамчунин дар асоси мактуби ҶДММ «Гулноз ва Меҳрангез» кормандони Хадамот зимни санҷиш дар мағозаи «Арома Бест» 11 номгӯй атриёти қалбакӣ ва бе сертификати мутобиқат ва мағозаи «Пайкар» панҷ номгӯй атриётро бо ин ҷурм мусодира карданд. Кормандони мо дар дигар шаҳру навоҳии мамлакат низ фаъолияти худро дар ин бахш тавсеа мебахшанд. Дар маҷмӯъ, тайи се моҳи соли ҷорӣ, бинобар ба фурӯш гузоштани маводи ороишӣ ва гигиении қалбакӣ, 18 нафар соҳибкор ба маблағи 30245 сомонӣ ҷарима шуд.

***Далери АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

---

# ҒАМХОРИҲО РӮҲБАЛАНД МЕСОЗАНД

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мардуми сарбаланду меҳнатқарини шаҳру навоҳии вилояти Суғд гарму ҷӯшон истиқбол намуданд. Хусусан соҳибкорони шаҳри Истаравшан ин санади навбатии сарнавиштсози рӯзгори мамлакатро чун барномаи амали пешрафту тараққиёт, рушду камоли ҷомеа, ободии диёру беҳбуди сатҳи зиндагии мардумони он ҳисобида, аз ғамхорию дастгирии ҳамешагии Сарвари давлати Тоҷикистон нисбати табақаи соҳибкорон ва пешрафти соҳаи соҳибкории хурду миёна хеле дилгарму рӯҳбаланд гардидаанд.

Сарвари ҶДММ «Шаҳло» (корхонаи хурди мебелсозӣ)-и шаҳри Истаравшан, вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳр аз ҳавзаи интихоботии №26 Саидҷон Аҳмедов мегӯяд, ки барои мо, соҳибкорон, ифтихор аст, ки Сарвари давлат дар радифи соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи кишвар ба рушду нумӯи соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба фаъолияти онро аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мешуморанд. Мо, соҳибкорон, аз чунин дастгириву ғамхориҳои Сарвари давлатамон рӯҳбаланду дилгарм шуда, ҳар чӣ бештар азм менамоем, ки бо баланд бардоштани дараҷаи истеҳсолот, бештар намудани маҳсулнокии меҳнат ва ташкил кардани ҷойҳои нави кор ба пешрафту такомули иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат намоем.



Корхонае, ки ин мард сарварӣ менамояд, ба истеҳсоли мебелу ашёҳои зарурии рӯзгор сарукор дорад.

Агар ба рӯзгори пасисаркардаи ин коргоҳ назар андозем, фаъолияташ назар ба солҳои қаблӣ ба дараҷаҳо беҳтар шудааст. Агар он дар соли аввали арзи вуҷуди хеш ҳамагӣ шаш коргар дошта бошад, имрӯз шумораи умумии онҳо бештар аз 60 нафарро ташкил медиҳад ва ҳисоби миёнаи маоши коргаронаш аз 150 сомонии соли 2002-юм имрӯз ба 1500 сомонӣ расидааст. Номгӯйи маҳсулоти корхона низ давра ба давра васеъ шуда, ҳунармандону устоҳои ҷирадасти он агар соли 1995 ҳамагӣ 10 намуди маҳсулотро истеҳсол мекарда бошанд, имрӯз ин номгӯй зиёда аз 100 намудро ташкил карда, иқтидори иқтисодии корхона таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Бояд зикр кард, ки саҳми корхона дар таҷлили ҷашни 2500- солагии Истаравшан, бо асбобу ашёҳои ҳозиразамон таъмин намудани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, қасри фарҳанг, корхонаю ташкилот ва муассисаю хоҷагиҳои шаҳри Истаравшан хеле калон аст. Махсусан ҳунармандиву ҷирадастии устоҳои ин корхона дар кори кандакорӣ, наққошӣ ва наҷҷории айвончаи мунаққаши ҷашни 2500-солагии Истаравшан, ки бо санъату ҳунари воло сохта шудааст, аз назари меҳмонони дохиливу хориҷии ҷашн берун намонда буд. Нақши корхона дар баробари беҳтар кардани шароити кору зисти коргаронаш, дастгирии иҷтимоии онҳо, дар кори дастгирии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, табақаҳои камбизоати ҷомеа, муассисаҳои таълимию табобатӣ хеле ҷолиб аст.

Як нуктаро бояд зикр кард, ки корхона дар асоси супоришу раҳнамоиҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бобати васеъ кардани коргоҳ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, беҳтар кардани сифати маҳсулот ба нақша гирифтааст, ки бо ворид сохтани таҷҳизоти нави замонавии истеҳсоли Туркияю Олмон аз як тараф шумораи ашёҳои истеҳсолшавандаро афзоиш дода, аз тарафи дигар сифати онро боз ҳам беҳтар намояд.

Ҳамчун вакили мардумӣ Саидҷон Аҳмедов ният кардааст, ки дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истиқболи сазовори 15-солагии Иди Ваҳдат, барои сохтмони манораи як ёдгории таърихӣ, ки зиёда аз 25 метрро ташкил хоҳад кард ва дар деҳаи Себурчак дар бунёди хонаи саломатӣ ва таъмиру таҷдиди як ёдгории таърихии деҳаи Шӯрак саҳм гузорад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

---

# *БО ДАСТУ ДИЛИ ГАРМ*

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «... ҳадафи асосии давлат пеш аз ҳама таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум…» мебошад.

Ин аст, ки сокинони ҷумҳурӣ дастурҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор ва зиндагӣ қарор додаанд.

Рӯҳбаландии коллективи омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 3-юми ноҳияи Ҳисор аз он аст, ки ояндаи наздик шароити моддии устодони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боз ҳам беҳтар мешавад. Ин боис шудааст, ки омӯзгорон бо дасту дили гарм ба кор машғул шаванд.

- Омӯзгорони мактаби мо, - мегӯяд директори мактаб И.Бозорова, - дар давраҳои вазнин корро тарк накарданд. Ба шогирдон аз сидқу вафо ба Ватан, эҳтиром ба муқаддасоти он дарс доданд. Умед доштанд, ки рӯзе мерасаду вазъи иҷтимоӣ рӯй ба беҳбудӣ меорад. Зиёд шудани музди меҳнати омӯзгорон дар соли гузашта ва аз моҳи сентябри соли ҷорӣ то ба 60 фоиз баланд кардани маоши онҳо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода мебошад. Мо, омӯзгорон, кӯшиш ва ғайрати худро ба он равона мекунем, ки шогирдони баркамол тарбия намуда, барои рушду нумӯи ватани азизамон саҳмгузор бошем.

- Ман умри худро дар кори хоҷагӣ сарф намудаам, -мегӯяд сокини ноҳияи Ҳисор Аскаралӣ Наимов. - Баъди мутолиаи Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадам, ки аҳамияти ҷиддӣ додан ба замин, истифодабарии он, ҷалби соҳибкорон ба тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ масъалаи муҳим мебошад. Маълум аст, ки зимистони имсола дуру дароз буд ва имконияти кишти саривақтӣ, алалхусус гандум, мавҷуд набуд. Ҳоло, ки фурсат муносиб аст, ягон ваҷаб заминро набояд холӣ гузошт. Дар деҳот бисёр мешавад, ки деҳқонони асил дар замини иҷоравии кадом як пулдор танҳо барои гирифтани ғӯзапоя ва ё дигар саҳми ночиз меҳнат мекунанд. Бисёр хуб мешуд, агар роҳбарон заминро ба худи деҳқон медоданд. Он вақт ӯ ҳам дастархони худро пур мекарду ҳам маҳсулоти зиёдатиро ба бозор мебаровард. Агар ба бозор назар афканем, бисёрии маҳсулотро тоҷирон аз шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Истаравшан ва Бохтар ворид месозанд. Агар муносибати роҳбарони маҳаллӣ бо деҳқонони асил беҳбудӣ ёбад, пас чунин меҳнаткашон дар дигар гӯшаву канори ҷумҳурӣ низ кам нестанд. Истеҳсоли маводи ғизоӣ зиёд шавад, ҳоҷат ба ворид кардани ҳазорҳо тонна маҳсулоти озуқаворӣ аз хориҷи кишвар намемонад. Деҳқонон метавонанд маҳсулоти худро ба хориҷи кишвар содир намоянд. Танҳо дасту дили гарм зарур аст.

- Маълум аст, ки шароити хизматрасонии муассисаҳои тандурустӣ рӯз то рӯз беҳтар гардида, сатҳи он боло меравад. Даврае, ки ман корро дар нуқтаи тиббии деҳоти Ҳисор сар кардам, - мегӯяд сардухтур Алиҷон Саидов - дар муассисаи тиббӣ қабули умумии сокинони маҳалла аз тарафи духтур ва ду-се нафар ҳамшираи шафқат ба роҳ монда шуда буд. Айни замон, муассисаи тиббӣ таъмир шуда, ба аҳолӣ духтурони кӯдакона, занона, дандон, кабинетҳои ёрии физиотерапевтӣ, ташхиси хун ва амсоли он хизмат мерасонанд. Тибқи нақшаи барномавӣ аҳолӣ, махсусан кӯдакон, аз эмкунии оммавӣ сари вақт гузаронида мешаванд. Кушодани нуқтаҳои нави хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии деҳот ҳам дармони саривақтии онҳоро фароҳам меорад ва душвории рафтуомадашонро ба беморхонаи марказии ноҳия сабук мегардонад.

Аз Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки соҳаи тандурустӣ аз мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дур намондааст. Баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ дар ояндаи наздик боз имконият медиҳад, ки мо, кормандони соҳа, хизматрасониро ба аҳолӣ беҳбудӣ бахшем.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»***

---

● Шарҳи мо

# МУҶОЗОТ БЕШТАР МЕШАВАД

**Бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Хабарнигорамон бо сардори Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Маҳмадсаид Саидов вобаста ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мазкур ва вазъи ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ сӯҳбат доир намуд.**

**-Таҳлили ҳолати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки вазъ дар ин самт ташвишовар мебошад. Чораҳои маъмурии пешбинишуда низ чандон таъсир надоранд. Бо қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба вайронкунандагони қоидаҳои ҳаракат дар роҳ чӣ гуна муҷозот пешбинӣ шудааст? Дар ҳамин замина, хоҳишмандам вазъи ҳолати бехатарии ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои ҷумҳуриро шарҳ диҳед.**

-Мувофиқи таҳлилҳо вазъи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ва вазнинии оқибатҳои онро метавон ташвишовар арзёбӣ намуд.



Соли 2011-ум 1401 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шуд, ки бар асари он 438 нафар фавтида, 1592 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ гирифтаанд, ки нисбат ба соли 2010-ум 3,3 фоиз зиёд аст. Тибқи ҳисобот, ҳар сол ба ҳисоби миёна дар роҳҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 400 нафар ҳалок ва 1700 нафари дигар маъюб мешаванд. Маблағи зарари расонидашуда ва аз ин ҳисоб зиён дидани соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт низ хеле зиёд аст.

Тӯли семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар 235 садамаи нақлиётӣ 73 нафар ҳалок ва 256 нафар ҷароҳат гирифтанд.

Садамаҳо бо сабаби идора намудани воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ дар ин давра 14 адад, фавтидагон чор нафар ва ҷароҳатбардоштагон 13 нафарро ташкил менамоянд. Назар ба семоҳаи аввали соли 2011 шумораи садамаҳо зиёда аз чор маротиба афзудааст.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 апрели соли 2012 мавриди амал қарор дошта, барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, ки дар ҳолати мастӣ рух медиҳанд ва асосан оқибатҳои вазнин доранд, мусоидат хоҳад кард.

Тибқи тағйироте, ки бо қонуни мазкур ба моддаҳои 332, 337 ва 339 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, барои идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ, инчунин вогузоштани идораи воситаҳои нақлиёт ба шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад, маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт ба мӯҳлати ду сол муқаррар гардидааст. Дар ҳолати ин кирдорро содир намудани шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ё агар ронанда аз гузаштани муоинаи ҳолати мастӣ саркашӣ кунад, муҷозоти ниҳоии ҷарима мутаносибан то ҳафтод ва панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст.

**-Далелҳои аз ҷониби ноболиғон худсарона идора кардани нақлиёт ва сабаби рӯй додани ҳодисаҳои нохуш зиёд ба назар мерасанд. Барои пешгирии ин амалҳои нохуш роҳандозии чӣ гуна барномаҳоро ба нақша гирифтаед?**

-Бахри пешгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва риояи ҳатмии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ноболиғон Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои мақсаднок ба нақша гирифта, амалӣ менамояд. Аз ҷумла бо сафарбар намудани дастгоҳҳои марказии Бозрасии давлатии автомобилӣ ва ҷалби дигар хадамоти милитсия ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ мунтазам амалиёти рамзии «Пиёдагард», «Бачаҳо», «Велосипед» ташкил ва гузаронида мешаванд. Инчунин бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт бо иштироки кӯдакон ва наврасон, паст гардонидани вазнинии оқибатҳои онҳо, баланд бардоштани сифати дониши назариявӣ ва амалии хонандагон оид ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ соли дуюм аст, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Нозири навраси ҳаракат» байни хонандагон баргузор мегардад. Давоми соли таҳсили хониш мувофиқи ҷадвали тасдиқшуда пайваста вохӯрии сардорони шӯъбаҳои Раёсат дар коллеҷу ҳунаристон, донишкадаву донишгоҳҳо гузаронида мешавад. Дар мактаб ва муассисаи таълимие, ки бо иштироки хонанда ё донишҷӯй садамаи нақлиётӣ рух медиҳад, бо устодону хонандагон, падару модарон сӯҳбату мулоқотҳо доир менамоем.

Мутаассифона, то ҳол далелҳои идора намудани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби ноболиғон ҷой доранд. Дар давраи аз 1 январ то 20 апрели соли 2012 аз ҷониби кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ панҷ адад чунин далел ошкор шудааст.

**-Бо сабаби зиёдшавии шумораи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, бахусус дар шаҳри Душанбе, таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо душвор мегардад. Аз ҷониби кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ назорати доимӣ бурдан имконнопазир аст. Дар ин ҳолат истифодаи воситаҳои техникии назоратӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Феълан Бозрасии давлатии автомобилӣ то чӣ андоза бо чунин воситаҳои техникӣ таъмин аст?**

-Бояд зикр намуд, ки ба таъмини хадамоти Бозрасии давлатии автомобилӣ бо воситаҳои техникии назоратии муосир роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Имрӯз хадамоти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар фаъолияти худ аз асбобҳои суръатсанҷ, банаворгирӣ (видеорегистратор), видеокамераҳо, асбобҳои муайянсозии ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва ғайраҳо истифода менамояд. Айни ҳол дар 14 адад автомашинаи патрулӣ ва хизматии БДАРХР ШБДА РКД-и шаҳри Душанбе асбобҳои банаворгирӣ васл шудааст. Инчунин постгоҳи доимоамалкунандаи Бозрасии давлатии автомобилӣ «Чоряккорон» ва чорроҳаи кӯчаи Ҷ.Расулов, назди Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ бо камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд ва барои таҷҳизонидани постгоҳҳои доимоамалкунандаи Бозрасии давлатии автомобилӣ - «Фахробод», «Обшорон» ва «Машъал» бо камераҳои мушоҳидавӣ якҷоя бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор идома дорад.

Бахри баланд бардоштани самаранокии ташкил ва идоракунии ҳаракат дар роҳ, назорати ҳолати кор дар роҳҳо, истифодаи самараноки чорабиниҳои ташкилию пешгирикунандаи танзими ҳаракат дар роҳу нақлиёт, ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкил ва идоракунии ҳаракат дар роҳ ва танзими фаъолияти нақлиётӣ зарур аст.

Ҳоло омӯзиши лоиҳаи маҷмааи таҷҳизотӣ-барномавӣ барои ба таври худкор ба қайд гирифтан ва назорати қоидавайронкунӣ, ки имкониятҳои нави назорати ҳолати роҳҳо, назорати визуалии шабакаи роҳҳои шаҳрӣ (аз ҷумла чорроҳа), бақайдгирии видеоии ҳодисаҳо ва вайронкунии реҷаи суръатнокӣ ва ғайраро фароҳам меорад, шурӯъ гардидааст.

**-Шаҳрвандон нисбат ба муносибати дурушт, сӯиистифода аз вазифаҳои хизматии кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ арзу шикоят мекунанд …**

-Бо мақсади мустаҳкам намудани тартиботи ҳуқуқӣ, риояи қонуният, баланд бардоштани малакаи касбии кормандон, вусъати корҳои тарбиявӣ ва ҳисси ватанпарварии ҳайати шахсии Бозрасии давлатии автомобилӣ мунтазам тадбирҳо андешида мешаванд.

Оид ба вазъи риояи қонуният ва интизоми хизматӣ аз ҷониби ҳайати шахсии Бозрасии давлатии автомобилӣ дар соли 2011 шарҳ тайёр карда шуда, бо пешниҳодоти мушаххас барои иҷро ба ҷузъу томҳои Бозрасии давлатии автомобилӣ ирсол шудааст. Бояд зикр кард, ки муоширати кормандон ва роҳбарони Бозрасии давлатии автомобилӣ бо шаҳрвандон тибқи тартиби бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани малакаи тахассусии кормандон дар заминаи Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ курсҳои такмили ихтисос ташкил шудааст. Дар курсҳои мазкур баробари баланд бардоштани дониши соҳавӣ, инчунин ба тартиби муошират бо шаҳрвандон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ диққати махсус дода мешавад ва баъд аз анҷоми курсҳои мазкур кормандон аз санҷишҳои тестӣ мегузаранд.

Бо назардошти он ки яке аз самтҳои фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ ин риояи қонуният, интизоми хизматӣ ва одоби муошират ба ҳисоб меравад, ба ин самт диққати махсус дода мешавад. Барои сари вақт ошкор ва бартараф намудани камбудиҳо тибқи фармони вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули арзу шикоят ва дархости шаҳрвандон дар вазорат телефони «Боварӣ» ташкил шудааст. Арзу шикоят, дархости шаҳрвандон шабонарӯзӣ қабул гардида, аз натиҷаи баррасии онҳо дар мӯҳлати муқарраргардида ба шаҳрвандон ва роҳбарияти вазорат хаттӣ хабар дода мешавад.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

---

# Нишондиҳандаҳо хурсандибахшанд

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-апрели соли 2012-ум 2 млрд. 559,3 млн. сомониро ташкил дод. Суръати афзоиш дар миқёси ҷумҳурӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 ба 114,7 фоиз баробар шуд. Мувофиқи маълумоти аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон расида дар ин давра дар корхонаҳои таркиби вазорат ба маблағи 971,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуд. Суръати афзоиш 117,2 фоизро ташкил дод.

Корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣи вазорат дар моҳҳои январ-апрели соли 2012 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта суръати афзоишро ба 134,3 фоиз, аз ҷумла КВД «Хӯрокворӣ» 139,9 фоиз, КВД «Ғалла» 129,2 фоиз ва КВД «Гӯшту шир» (якҷоя бо корхонаҳои хурд) 117,3 фоиз расонданд.

Дар саноати истихроҷ дар моҳҳои январ-апрели соли 2012 ба маблағи 268,3 млн. сомонӣ (10,5 фоизи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ) ва дар саноати коркард ба маблағи 1 млрд. 666,6 млн. сомонӣ (65,1 фоиз) маҳсулот истеҳсол гардидааст. 624,4 млн. сомонии боқимонда (24,4 фоиз) ба истеҳсолу тақсими қувваи барқ, газ ва об рост меояд.

Аз соҳаҳои асосии саноати коркард суръати аз ҳама баланди афзоиш дар истеҳсоли чарму маҳсулоти чармӣ (157,9 фоиз), нассоҷӣ (2 баробар), ангишт (147,1 фоиз), истеҳсолоти дӯзандагӣ (122,9 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти резинию пластмассагӣ (169,4 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ (146,5 фоиз) ва саноати табъу нашр (178,1 фоиз) таъмин гардидааст.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

● Солгарди Рӯзи Ғалаба

# Ӯ ҚАҲРАМОНИ ҶАНГ ВА СОҲИБИ НАНГ БУД

**«Ба командири экипажи танкии Баталони дуюми бригадаи махсуси 133-юми танкҳои вазнин рафиқ Қаландаров Анвар барои қаҳрамонона нест кардани 5 танк, аслиҳаи зиддитанкӣ ва 50 фашист моҳи августи соли 1942 ордени «Байрақи Сурх» дода шуд».**

***Навиштаҷот аз Осорхонаи марказии Қувваҳои Мусаллаҳи собиқ СССР.***

Сталинград. Шаҳри сӯхтаву валангор. Замину само аз борони тиру гулӯлаҳои артиллерӣ дар коми оташ аст. Шаҳри пур аз дуду хун. Гӯё дар дарёи Волга об не, хун ҷорист, хуни сарбозон, хуни шаҳидоне, ки барои дифои Ватан бархостанд.

Барои тоҷикписар Анвар Қаландаров ҷойи корзорҳои меҳнатии колхози «Коминтерн»-и водии навободи Вахшро ана ҳамин сангарҳою набардгоҳҳои шадид, муҳорибаҳою задухӯрдҳо бо душман гирифт.

Ин ҷо байни маргу зиндагӣ ва шодию мотам як қадам роҳ аст. Масофаи байни дидбонгоҳи назорати Штаби армияи 62-юми машҳур тахти фармондеҳии генерал-лейтенант В.И.Чуйков то мавқеи душман ҳамагӣ шашсад метр буд.

Дар штаб, воқеъ дар таҳхонаи яке аз биноҳои вайрону валангори шаҳр, ҳар як дақиқа занги телефон садо медод. Пайи ҳам хабарҳо мерасид. Хабарҳои хушу нохуш: душман ба кӯчаи Академикӣ баромад.

Баталони якуми бригадаи 38-уми механиконидашуда аз қувваҳои асосӣ ҷудо шуд. Ҷанг дар Қӯрғони Мамай ва даромадгоҳи вокзал шиддат гирифт. Вокзал дар дасти душман. Вокзал дар дасти мо. Вокзал боз дар дасти душман…

Шабонарӯзи 15-уми сентябри соли 1942 вокзали якуми Сталинград сӣ бор аз даст ба даст гузашт…

- Ҳуҷуми душманро гардонида, вокзалро аз фашистон озод кардан даркор, -гуфт командир, - лекин шумораи танкҳояшон аз сӣ адад кам нест. Мо ҳам сӣ танк дорем, аммо барои ҳамаи онро якбора ба ҷанг даровардан ҳақ надорем. Панҷ танк ба ҳуҷум меравад!

- Аз ҷониби рост, дар сафи пеш старшина Қаландаров, Липкин, Иванов ба тарафи хиёбон, аз тарафи чап Королков ба кӯчаи Савелев. Ба вазъият нигоҳ карда амал кунед, -гуфт командири баталон. Танкҳо ғурросзанон ба кор даромаданд. Аз овози тиру садои тӯпу гулӯлаҳои артиллерӣ ва таркишҳо замину замон меларзид. Дар Волга гӯё об не, оташу хун мавҷ мезад.

Экипажи танки баталони майор Сергеев, ки фармондеҳии онро фарзанди кӯҳистони тоҷик старшина Анвар Қаландаров ба ӯҳда дошт, ба хиёбон баромад. Аз қафояш аскарони пиёдагард ба бинои вокзал наздик мешуданд.

Анвар рух додани кадом як воқеаи ғайричашмдоштро ҳис мекард. Каме асабӣ шуд, вале тамкину таҳаммулро аз даст надод.

Ҳисси пешакиаш ғалат набаромад. Ин ҳангом аз куҷое чун бало дар хиёбон як танки дар паҳлуяш тамғаи салиби сиёҳу сафеддоре пайдо шуд. Танки фашистӣ. Анвар онро зуд ба нишон гирифт.

Баъди лаҳзае мошини зиреҳпӯши душман аз тӯпи танки экипажи «сию чорум» таконе хӯрду дуд баровардa, беҳаракат истод.

Акнун ба тарафи чап, - фармуд ӯ ба ронанда. – То ба ҳо ҳамон симчӯб раву ист. Ронанда суръати танки 34-ро тезонид, вале танк сахт ларзид. Аз болои хишттӯдаҳою деворҳои шикаста гузашт ва ба симчӯби телефон такя зада истод. Ин лаҳза аз паҳлу дар рости мил боз як танки душман пайдо шуд.

- Тимофей, -гуфт Анвар, -акнун, ба ин «меҳмон» як снаряд тӯҳфа кун.

Анвар мили танкро сӯйи танки тамғаи салиби сиёҳу сафеддор гардонд.

- Бигир, разил, - бо тамоми овоз садо дод ӯ.

Аз мошини зиреҳпӯши душман дуди сиёҳ баромад ва аз дохили он чанд нафар фашист худро берун партофт.

Гӯшхояш аз садои баланди таркиши снаряд вазнин шуд. Дуди борут бинии ӯро сӯзонд, вале ҳамаи ин барои вай чандон аҳамият надошт. Ӯ пулемётро гирифта, душманони рӯ ба гурезро тирборон кард.

Снаряди навбатӣ монанди санги вазнине болои танки сеюми фашистҳо афтиду танк аз ҳаракат бозистод.

Танки 34-ум ба бинои вокзал, ба он тарафе, ки ҷанговарони пиёдаи мо расида, дар паси деворҳо паноҳ мебурданд, ҳуҷум овард. Ногоҳ зарбаи сахт ва таркиши снаряд танкро сахт такон дод. Ба назари Анвар замину замон ба ларза даромад.

- Ин аз яроқи зиддитанкӣ, -гуфт ӯ. – Мотор чӣ хел? Кор мекунад? – пурсид бо изтироб аз ронанда.

- Чун соат. Вале на пеш рафта метавонему на қафо. Аз афташ муҳаррики тарафи чап шикастааст, - гуфт бо таассуф ронанда.

Ронанда танкро ба ҳаракат даровард. Танки сеюм дар ҷойи худ танҳо давр мезаду халос. Дар дохили танк лаҳзае оромӣ ҳукмфармо гардид. Аммо баъди чанде – Терек… Терек… Ман –Миус, Ман- Миус… гуфта нидо кардани радиоалоқачии танки рақами 34, ки мавҷи зарурира меҷуст, диққати ҳамаро ба худ ҷалб кард.

Пас аз муддате «Терек» ӯро шунид. Радиоалоқачӣ гӯшакро ба старшина дод.

- Се танкро нест кардем, - хушҳолона хабар дод Анвар ба командири баталон, - вале танки мо аз ҳаракат монд.

- Аз ҷой наҷунбида, ҷангро давом диҳед, - амр дод командир.

Вале дар ҳамин асно ҳодисаи ғайричашмдоште рӯй дод. Як танки фашистӣ аз кунҷи бино бо тамоми суръат омада, ба паҳлуи чапи танки 34 –ум бархӯрд. Аз ин такони сахт Анвар аз ҷояш париду сари ӯ ба девори пӯлодини танк зад. Гӯё аз чашмонаш оташ парид. Сараш гирд мегашт.

- Тимофей, -Тимофей! - Ту маро мешунавӣ? Ярадор-ку нестӣ? Чӣ хомӯшӣ?.... фарёд кард ӯ ва садои пичирроси рафиқи ҳамяроқашро базӯр шунида, хушнуд шуд.

- Тимофей, - боз садо кард Анвар, -гранатаҳоро ёб. Ин лаънатиҳоро кӯфтан даркор!

Анвар фақат садоҳои гулдурросии ду таркиши пайиҳаму даҳшатноки гранатаҳои зиддитанкиро шуниду халос. Ӯ чӣ тавр нишон гирифтану гранатаи зиддитанкиро ҳаво додани Тимофей ва сарозер афтидани вайро надид, такя бар девори пӯлодини танк беҳуш мехобид…

Пайкари нимҷону захмини ӯро ба беморхонаи ҳарбӣ оварданд.

Чашм кушода дар сари болинаш марди хушқаду қоматеро дид.

- Шумо старшина Анвар Қаландаров? – оромона пурсид марди низомипӯш.

- Бале, - ҷавоб дод ӯ.

- Ман генерал-лейтенант Ерёменко. Бояд аз номи Сарфармондеҳи Олӣ ба шумо барои корнамоиҳоятон дар фатҳи вокзали Сталинград ордени Байрақи Сурхро супорам. Пас қуттичаеро кушода, ба дасти Анвар дод. Андаруни он ситорае ҷило медод.

- Ба Иттифоқи Советӣ хизмат мекунам! – ҷавоб дод Анвар…

Экипажи танки старшина Анвар Қаландаров дар ҳайати армияи



62-юм тахти фармондеҳии генерал-лейтенант В.И.Чуйков истилогаронро аз хоки Сталинград ронда, ба сӯйи Орёлу Курск равон шуд. Анвар Қаландаров дар муҳорибаҳо барои аз фашистони ғаддор озод кардани Орёл корнамоиҳои зиёд нишон дода, сахт ярадор гардид. Дар госпитали саҳроӣ ба ҳуш наомад. Зинда мондану ба саф бозгаштани ӯро касе умед надошт. Ҷисми нимҷону маҷрӯҳашро ба беморхонаи ҳарбии шаҳри Тошканд оварданд. Зиёда аз ҳафт моҳ табобат гирифт. Зинда монд. Боз ба по хест. Аммо барои ба фронт баргаштани ӯ дигар иҷозат нашуд. Вале сабақи корнамоӣ дар муҳорибаҳои Сталинград дар тамоми ҳаёти минбаъдаaш кор дод. Ӯ барои худ майдони дигари корнамоию шуҷоат ва мардонагиро дарёфт.

Ба Тоҷикистони азизаш баргашт. Боз ба водии Вахш. Гӯё ӯро ин ҷо дар корзори меҳнат корҳои то ба замони ҷанг ба сомон нарасонда интизор буданд…

Ӯ дар ин водӣ барои ҳосилхез гардондани сенздаҳ ҳазор гектар замини биёбон, ба баландии сад метр баровардани оби Вахш, бунёди биноҳои маъмурӣ, боғҳо, майдонҳои варзишӣ ва шифохонаҳо нақш гузошт. Ин нақш дар сохтмони сарбанди канали Вахш, махсусан колхози ба номи Ленини ноҳияи Қумсангир, ташкилу тараққии совхози Анҷумани XXII ҲКИШ-и ноҳияи Ҷиликӯл, бунёди шаҳраки Ғаровутӣ ва сарсабзу хуррам гардонидани он бештар назаррас аст.

«Анвар Қаландаров дар шаш сол корҳоеро анҷом дод, ки баъзе роҳбарон дар чандин панҷсолаҳо аз ӯҳдаи он баромада наметавонанд. Масоҳати майдони пахтаро аз 70 гектар ба 4 ҳазору 500 гектар ва ҳосилро аз 1,3 ҳазор тонна ба 12 ҳазор тонна расонид. Аз ҳисоби киштгардони заминҳо комплекси калони чорво ва базаи бойи сабзавот бунёд кард» - навишта буд яке аз рӯзномаҳои ҷумҳурӣ, ки он айём ӯ ба совхози Анҷумани XXII ҲКИШ-и ноҳияи Ҷиликӯл роҳбарӣ мекард.

Ӯ солҳои зиёд ба корхонаю хоҷагиҳои калони ҷумҳурӣ сарварӣ кард. Барои зоти нави говҳои элитӣ медали тиллоии Намоишгоҳи Комёбиҳои Хоҷагии Халқи СССР-ро гирифт.

Анвар Қаландаров аз майдони муҳорибаҳои шадид бо ду ордени ҷангӣ баргашт. Барои корнамоиҳо дар майдони меҳнат, дар набард бо чӯлу биёбони асрҳо лабташна ва барои фатҳи заминҳои навкорам ба орденҳои «Ленин», «Байрақи Сурхи Меҳнат», Ситораи сурх, панҷ ордени «Нишони фахрӣ» сазовор гардид. Ду даъват депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ (даъватҳои I ва II) интихоб шуд.

… Ҳар гаҳ дар водии Вахш аз фотеҳони ин сарзамин ёд мекунанд, нахуст номи шодравон Анвар Қаландаровро мегиранд. Ҳар куҷо аз созандагону бунёдгарони ин водӣ сухан меравад, аввал ӯро ба хотир меоранд.

Ӯ ҳам дар майдонҳои набард корнамоӣ нишон дода буду ҳам дар корзори меҳнат. Ӯ қаҳрамони ҷанг ва соҳиби нанг буд

***Б.НУРАЛИЕВ,***
***раиси Шӯрои собиқадорони ҷанг ва меҳнати ноҳияи Ҷиликӯл***

# Муносибатҳои байналмилалӣ густариш меёбанд

Аз 23 то 29 апрели соли 2012 ҳайати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Маҳмудов ҷиҳати иштирок дар кори Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 50 –солагии таъсиси ин мақомоти назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Туркия қарор дошт.

Дар кори Симпозиуми байналмилалӣ, ки дар сатҳи баланд доир гардид, Президент ва Сарвазири Ҷумҳурии Туркия, раиси Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, президенти Комиссияи Венетсианӣ оид ба демократия тавассути ҳуқуқи Шӯрои Аврупо (Комиссияи Венетсиании Шӯрои Аврупо), намояндагони судҳои конститутсионии зиёда аз панҷоҳ давлат ширкат намуданд.

Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Маҳмудов дар Симпозиуми байналмилалӣ бо маърӯза дар мавзӯи «Ташаккули адолати конститутсионӣ дар Тоҷикистон» баромад намуд.

Раисони судҳои конститутсионии Тоҷикистону Туркия ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул барои муҳайё намудани шароити мусоиди ҳамкорӣ миёни мақомоти назорати конститутсионии ду давлати ба ҳам бародар изҳори миннатдорӣ ва арзи сипос намуданд.

Дар воҳӯрии дуҷониба инчунин арзёбӣ гардид, ки ҳамкории мутақобилан судманди Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Суди конститутсионии Ҷумҳурии Туркия ҳамчун падидаи нодири давлати демократӣ дар таъмини волоияти Конститутсия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд торафт густариш меёбад.

Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳкам Маҳмудов ва раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Туркия Ҳашим Килич оид ба ҳамкорӣ ба Ёддошти тафоҳум имзо гузоштанд.

Ёддошти тафоҳум ба принсипҳои истиқлолияти давлатӣ, масъулияти тарафайн дар бобати ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос ёфтааст.

Санади байналмилалии мазкур моҳияти таърихӣ дошта, мутобиқи қонунгузории миллӣ ҳамкориҳо тавассути мубодилаи таҷриба, маълумот дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои судӣ, ки ба фаъолияти судҳои конститутсионӣ вобаста мебошанд, ба роҳ монда мешаванд.

***Даврон ҲОШИМОВ,***
***роҳбари дастгоҳи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Дар маҷлисгоҳи КВД КТН «Шарқи озод» бо ибтикори Иттифоқи журналистони Тоҷикистон маҳфили ёдбуди собиқ мухбири махсуси рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» дар минтақаи Кӯлоб, шодравон Аловуддин Давлатов баргузор шуд.

# Ёдбуди рӯзноманигори варзида

Дар маҳфил адибон, рӯзноманигорон, аҳли хонавода ва ёру рафиқони А. Давлатов ҳозир буданд. Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Акбаралӣ Сатторов меҳмононро хайрамақдам гуфта, оид ба хизматҳои Аловиддин Давлатов дар соҳаи матбуот ҳарф зад. Сипас, ба аҳли нишаст китоби «Баҳр дар пиёла»-и рӯзноманигор Усмон Шокир, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шодравон Аловиддин Давлатов нақл мекунад, муаррифӣ шуд. Зимни муаррифии ин китоб нотиқон ёдовар гардиданд, ки А. Давлатов ҳамчун рӯзноманигори ҳақбину ростгӯй ва пурмаҳсул эътироф гардида буд. Ӯ аз зумраи журналистоне ба ҳисоб мерафт, ки дар роҳи расидан ба ормонҳои ҳазорсолаи миллати тоҷик, озодию адолати иҷтимоӣ саъю талош варзида, дар сафи пеши муборизони ҳаёти шоистаи инсонҳо қарор дошт.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад иброз намуд, ки Аловиддин Давлатов ба он насли рӯзноманигорони тоҷик дохил мешавад, ки аз мактаби рӯзноманигорони барҷаставу маъруф Аминҷон Ҳоҷибоев, Ашӯр Ҳалимов, Ғоиб Қаландаров гузашта буданд. Шиори ин насл ошкор кардани норасоиҳо ва дифои ҳақиқат буд. Масъалаҳоеро, ки ӯ ва ҳамкоронаш сӣ-чил сол муқаддам бардоштаанд, барои фош кардани камбудиҳо ва ҳалли онҳо мубориза бурдаанд, имрӯз ҳам актуалӣ ва зарурианд.

Ба иштирокчиёни маҳфил китоби У.Шокир «Баҳр дар пиёла» тақдим гардид.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»***

***Чанде пеш дар шаҳри Доҳаи Давлати Қатар Фестивали байналмилалии фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид. Кишвари моро дар ин фестивали бонуфуз се гурӯҳи ҳунарӣ муаррифӣ намуданд. Ташаббускори ин сафар Муассисаи давлатии сафарию ҳунарии «Базморо» буд.***

-Дар Фестивали байналмилалии фарҳангии кишварҳои Осиёи Марказӣ санъаткорони ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия иштирок ва ҳунарнамоӣ карданд, - гуфт ба хабарнигори рӯзнома директори генералии ин муассиса Олимҷон Акрамов ва идома дод:

# «БАЗМОРО» ДАР ҚАТАР БАЗМ ОРОСТ

- Бо ташаббуси Муассисаи давлатии сафарию ҳунарии «Базморо» се гурӯҳи ҳунарӣ - гурӯҳи этно-ҷази «Авесто» (роҳбараш Ҷасур Халилов), гурӯҳи «Квинтети торӣ» (бо роҳбарии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Азалия Галиахметова), гурӯҳи раққосон ва навозандагони Ансамбли давлатии хизматнишондодаи рақсии «Лола» ба номи Ғ.Валаматзода (тахти роҳбарии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҷамшед Исмоилов) дар ин фестивали бонуфуз иштирок доштанд. Ҳар се гурӯҳ дар толори беҳтарини шаҳри Доҳа – «Қатар арт-сентр» ҳунарнамоӣ карданд. Тамошобинон ҳунарнамоии санъаткорони Тоҷикистонро хеле хуб пазироӣ намуданд.

Ҳунарнамоии Ансамбли давлатии хизматнишондодаи рақсии «Лола» ба номи Ғ.Валаматзода ва баромади гурӯҳи этно-ҷази «Авесто» хеле ҷолиб буд. Гурӯҳи «Квинтети торӣ» ҳамроҳи Азалия Галиахмедова оҳангҳои композиторони тоҷик, классикаи рус ва хориҷиро иҷро намуд, ки ба мухлисон хеле писанд омад. Азбаски ҳунарнамоии фиристодагони мо дар ин фестивали бонуфуз ба бештари ҳакамон ва тамошобинон писанд омад, моро ба Фестивали байналмилалии Умон даъват намуданд. Ҳамчунин гурӯҳи «Авесто» низ бо ду ширкати консертӣ шартнома ба имзо расонид.

-Бояд зикр намуд, ки пеш аз сафар ба фестивал ҳар мушкилие пеш меомад ё пешниҳоде пайдо мешуд, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакашро дареғ надошт. Муассисаи давлатии сафарию ҳунарии «Базморо» минбаъд ҳам кӯшиш мекунад, ки сафари ҳунармандони тоҷикро дар хориҷи кишвар бештар ба роҳ монад, - гуфт дар хотима О.Акрамов.

***Тиллои НЕККАДАМ, «Садои мардум»***

● Зиндагиномаи одамони наҷиб

# НЕККАДАМ

Неккадам Ҳотамбеков баҳори соли 1922 дар деҳаи хурдакаки хушманзараю назаррабои Рини ноҳияи Ишкошим дар хонаводаи шахсони бомаърифат – амаки Отамбек ва холаи Майдек чашм ба дунёи равшан боз кардааст. Вай дар оила аввалин фарзанд буд. Волидонаш ба ӯ бо умеду орзуҳои нек Неккадам ном ниҳоданд.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1938, баъди хатми мактаби миёнаи нопурра, аз вазифаи котиби техникии Кумитаи комсомолии ноҳияи Ишкошим оғоз намудааст. Дертар муфаттиши прокуратураи ноҳияҳои Вахону Ишкошим, мудири сектор, котиби дуюми Кумитаи комсомолии ноҳия шуда кор кардааст. Солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар корҳои ташкилии ёрӣ ба фронт, тарбияи ватандӯстии ҷавонон ҳиссагузорӣ намуд. Барои ин фаъолияташ ӯро бо медалҳои «Барои меҳнати шоён дар давраи солҳои 1941-1945» ва «Барои меҳнати шуҷоатнок дар давраи солҳои 1941-1945» қадр карданд.

Соли 1949 Н.Ҳотамбеков ба сафи ҳизб қабул ва соли 1951 ба Мактаби дусолаи ҳизбии назди КМ ПК Тоҷикистон барои хондан сафарбар гардид. Баъди курси дусолаи мазкур, соли 1953, дар вазифаҳои мудири шӯъбаи ташвиқу тарғиб ва котиби Кумитаи ҳизбии ноҳия кор кард... Ба маълумоти гирифтааш қаноат накарда, аз соли 1956 то соли 1960 дар Мактаби олии ҳизбии назди КМ КПСС дар шаҳри Тошканд таҳсили илм кард. Пас аз хатми он ҷонишини раиси Комиҷроияи ноҳия таъин шуд.

Каме дертар қобилияти кордонӣ, сахтгирӣ, ташкилотчигӣ ва маҳорати бо одамон кор карда тавонистани Неккадам Ҳотамбековро ба инобат гирифта, ӯро котиби аввали Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия интихоб намуданд.

Хидмати ӯ дар тайёр кардан ва тарбияи кадрҳои роҳбарикунандаю мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ назаррас буд. Маҳз бо кӯшишу дастгирии ин роҳбари ғамхор хатмкардаҳои мактабҳои ноҳия, хусусан духтарон барои таҳсил ба донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ ва берун аз қаламрави он сафарбар карда шуда, соҳиби маълумот, касбу кор гардиданд. Аз ин ҷост, ки С.Ғоибназарова, П.Ҳафизова, Б.Мирҷонова, З.Назарова, М.Қурбоншоева, З.Мӯъминшоева,



З.Шодустмамадова, Г.Тайғуншоева, М.Азизхонов, А.Ғуломносиров, А.Ҳакимов, Я.Шердилов, И.Азорабеков, Г.Наврузов, Р.Бораков, А.Давлатов, А.Қучқоров, Г.Амирхонов, М.Қурбоналиев, А.Муродалиев ва боз бисёр дигарон ҳамчун чеҳраҳои шинохта ба камол расиданд.

Н.Ҳотамбеков, ки ба тараққиёту инкишофи хоҷагии халқ аҳамияти аввалиндараҷа медод, дар назди мақомоти болоии ҳизбию давлатӣ масъалаҳои рӯзмарраи ноҳияро баррасӣ мекард ва дархосту таклифҳои ӯ дар ин сатҳ дастгирӣ меёфтанд. Дар давраи роҳбарии ӯ наҳри 27- километраи мавзеи Дараи Санг –деҳаи Ишкошим, наҳри Гармчашма –Миридашт, муассисаҳои таъминоти моддию техникӣ, маорифу тандурустӣ, хонаҳои истиқоматӣ, хонаҳои фарҳанг дар деҳаҳои Шитхарв, Зонг сохта, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд. Ба маркази ноҳия ва деҳаи Рин бори нахуст қубурҳои хати обгузар оварданд. Хатсайри ҳавопаймои тайёраҳо аз пойтахти ҷумҳурӣ ба маркази ноҳия ба роҳ монда шуд. То ба деҳаҳои доманакӯҳи Делоху Миридашт, кӯҳи Лаълу чашмаи шифоии Ямчун, фермаҳои дурдасти Дирч, Пушти баҳор, Багуши боло роҳҳои мошингард ва пулҳо сохта, ба истифода дода шуданд.

Тайи ду даҳсолаи роҳбарии Н.Ҳотамбеков дар соҳаи кишоварзию чорводории ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Комплекси агросаноатӣ ба сектори бисёрсоҳаи иқтисодӣ мубаддал гардид. Онҳо соҳиби мутахассисону техникаи муқтадир гаштанд. Дар ноҳия Иттиҳодияи «Селхозтехника» таъсис ёфт. Аз ҳисоби майдони регзору бекорхобидаи Дашти селексионӣ, деҳаҳои Ҳисор, Вранг, Туггоз, Даршай, Сумчин, Яхшивол, Авҷ 1120 гектар заминҳо аз худ карда шуда, ба боғу бӯстон табдил ёфтанд. Майдони умумии ҷангалзор то 2500 гектар васеъ карда шуд. Умуман, ҳолати мелиоративии 3391 гектар замин беҳтар гардид. Ин аст, ки ҳосилхезии замин сол ба сол рӯ ба афзоиш ниҳод.

Соли 1974 бо ташаббуси ин фарзанди хайрандеши диёр дар дарае, ки қаблан Дараи Санг номида мешуд, Нерӯгоҳи барқи обии «Намадгут» бо иқтидори 2400 кв/соат сохта шуд, ки саросари деҳоти ноҳияро чароғон кард. Баъдан ин НБО номи Н.Ҳотамбековро гирифт, ки аз қадрдонии бошандагони ноҳия ва Ҳукумат нисбат ба ин родмард далолат мекунад. Заҳматкашони ноҳия пайи ҳам ғолиби мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳурӣ ва умумииттифоқӣ мегардиданд. Масалан, ноҳия барои пурраю барзиёд иҷро намудани нақшаю ӯҳдадориҳояш соли 1975 ба гирифтани Байрақи Сурхи сайёри КМ ПК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон, Шӯрои Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон, КМ ЛКСМ Тоҷикистон мушарраф гардид. Ғайр аз ин, ноҳия се маротиба дар ҷамъбасти Мусобиқаи сотсиалистии умумииттифоқӣ ғолиб баромада, сазовори Байрақи Сурхи сайёри КМ КПСС, Шӯрои Вазирони СССР, ВЦСПС ва КМ ВЛКСМ гардид. Тавассути меҳнати зарбдорона дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ барои ба натиҷаҳои баланди меҳнатӣ соҳиб шудан, гурӯҳи калони коргарону хизматчиён, деҳқонону чорводорони ноҳия бо ордену медал ва унвонҳои фахрии ҳукуматӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ин марди шариф на танҳо дар ҷодаи иҷрои вазифаҳои давлатӣ комёб буд, балки дар зиндагии оилавӣ низ муваффақ буд. Бо ҳамсари меҳрубонаш Розиябону (ҳоло 82- сола аст) худро хушбахт меҳисобид. Ин оилаи шоистаи таҳсин соҳиби шаш фарзанд, 32 набераю абера мебошад, 21 нафари аҳли оилаи онҳо соҳиби маълумоти олианд.

Ҷойи ифтихор аст, ки сокинони ноҳия ин шахси маъруфро ду маротиба вакили Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон (даъватҳои 8-9) интихоб намудаанд. Инчунин ӯ солҳои зиёд аъзои КМ ПК Тоҷикистон интихоб шуда буд.

Барои хизматҳои бисёрсолаю бенуқсонаш бо ду ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат», ордени «Дӯстии халқҳо», нӯҳ медал, се Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва унвони фахрии «Корманди шоистаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» қадр гардидааст.

Акнун 15 сол аст, ки ӯ бо мо нест. Агар барҳаёт мебуд, дар ин рӯзҳои гулбасару гулрези баҳорӣ 90-сола мешуд. Вале номаш дар қалби мардум маскан гирифтааст.

***И.ПАҲЛАВОНОВ,***
***М.МУЛЛОЕВ,***
***собиқадорони ҳизбу меҳнат***




## Маҳфили ҳизбҳои сиёсӣ

**ХУҶАНД. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғаффорова дар бинои намояндагии САҲА маҳфили навбатии ҳизбҳои сиёсӣ баргузор гардид. Дар маҳфил роҳбарони аҳзоби сиёсии вилоят нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакатро мавриди андешаронӣ қарор доданд.

Назира Ғаффорова дар маҳфил баромад намуда, оид ба мӯҳтавои Паём ва самтҳои сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат, низоми андоз, тағйирот дар сохторҳои давлатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сухан ронда, ба саволҳо посух дод. Дар маҳфил сарвари созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ Моҳинисо Ҳорисова, мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси вилоят Абдуҳаким Шарипов, роҳбари Ҳизби демократии Тоҷикистон Файзулло Файзиев ва намояндагони дигар ҳизбҳои сиёсӣ ба музокира баромаданд.

## Ҳавасмандӣ зоҳир намуданд

**СУҒД. (Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Чанде пеш ҳайати бонуфузи соҳибкорони эронӣ аз Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» боздид ба амал оварданд. Ба меҳмонон доир ба раванди фаъолияти субъектҳои дар ин минтақа ба қайдгирифташуда ва дурнамои он маълумоти муфассал дода шуд. Дар навбати худ соҳибкорони эронӣ низ ба тартиби бақайдгирӣ дар ин минтақа ва раванди барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ҷиҳати роҳандозии фаъолият дар он мароқ зоҳир карда, ҳавасмандиашонро бобати шурӯъ намудани ҳамкориҳои барои тарафайн судманд иброз намуданд.

## Корхонаи истеҳсоли хишт бунёд ёфт

**ТЕМУРМАЛИК. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси соҳибкор Олим Лолаев дар маркази шаҳраки Совет корхонаи истеҳсоли хишт сохта, ба истифода дода шуд. Аз ин пас корхона ба хоҳишмандон хишти навъи «пентаблок»-ро пешкаш менамояд.Бояд гуфт, ки ин навъи хишт аз сементу қум иборат буда, аз рӯйи ҳаҷм дар нисбати дигар намуди хиштҳо калон, вале нисбатан сабук мебошад.

## Саноати шаҳр рушд мекунад

**ИСФАРА. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар чор моҳи соли равон ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Исфара 41,5 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,8 миллион сомонӣ зиёд аст. Аз 21 корхонаи саноатӣ 16 корхона ё ки 76,1 фоиз вусъати афзоишро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта таъмин намуданд. Дар чор корхона нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот кам гардид. Соли равон дар шаҳр боз 7 корхонаи хурди саноатӣ ба фаъолият оғоз менамояд, ки дар натиҷа 528 нафар бо ҷойи кор таъмин мегарданд.

## Хона ба санъаткор

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Аз бинои нави истиқоматии панҷошёна, ки дар шаҳри Қӯрғонтеппа мавриди истифода қарор гирифт, ба ҳунарманди хушовозу писандида Хиромон Қурбонова манзили зист дода шуд. Калиди хонаи навро ба санъаткор дар вазъияти тантанавӣ раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал тақдим намуд. Ин манзили нави истиқоматии 25-ҳуҷрадор аз ҷониби Ширкати хусусии сохтмонии «НУР» бунёд ёфтааст. Вақтҳои охир дар шаҳри Қӯрғонтеппа аз ҷониби соҳибкорон якчанд иншооти иҷтимоию фарҳангӣ бунёд гардиданд.

## Хиёбони ба номи Имомназар Худойназаров

**ИСТАРАВШАН. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Бо қарори раиси шаҳри Истаравшан яке аз хиёбонҳои шаҳр ба номи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ходими ҳизбию давлатӣ Имомназар Худойназаров номгузорӣ шуд. Дар ҷамъомади тантанавии ба ин муносибат баргузоршуда раиси шаҳр Иброҳим Абдуллоев, сардори Иттифоқи матлуботи вилояти Суғд Ғ. Эгамбердиев ва дӯстони шодравон ба сухан баромада, роҷеъ ба корнамоии ҷангии И.Худойназаров ва хизматҳои шоистаи ӯ дар таҳкими соҳаи матлуботи вилоят, ки солҳои дароз шодравон сарварии онро ба ӯҳда дошт, ҳарф заданд. Дар охири ҷамъомад иштирокчиён дар пояи нимпайкараи И. Худойназаров гулчанбар гузоштанд.

## Мавлуда луғатдони беҳтарини Хатлон

**БОХТАР. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Хонандаи синфи шашуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 60- и ноҳияи Бохтар Мавлуда Саидова аз озмуни вилоятии луғатдонҳо ба дабистони дӯстдоштааш бо унвони «Луғатдони беҳтарин» баргашт. Ин озмун бо ибтикори Раёсати маорифи вилоят дар байни толибилмон барпо гардид. Мавлуда Саидова ҳамчун ғолиби озмун бо Ифтихорномаи Раёсати маорифи вилояти Хатлон ва мукофоти пулии шӯъбаи маорифи ноҳияи Бохтар қадрдонӣ шуд.

Раёсати маорифи вилоят ният дорад, ки байни хонандагон озмунҳои «Шоҳномахонӣ» ва «Ровии беҳтарин»-ро низ баргузор намояд.

## Дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ зиёд мешаванд

**ФАРХОР. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Вобаста ба пешниҳоди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони воситаҳои ахбори омма ба муносибати 100- солагии матбуоти тоҷик, оиди дар ҷойҳои серодами шаҳру деҳот кушодани дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор тадбирҳои саривақтӣ меандешад. Аллакай дар маркази шаҳрак чор нуқтаи рӯзномафурӯшӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Ба нақша гирифта шудааст, ки рӯзҳои наздик дар ҳамаи 10 маркази деҳоти ноҳия чунин дӯконҳо ба фаъолият шурӯъ менамоянд.

## Беш аз 703 ҳазор кӯдакро эм карданд

**ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Аз 23 то 28-уми апрели соли ҷорӣ двр байни кӯдакони аз 3 то 6- сола маъракаи эмкунӣ гузаронида шуд. Бино ба гуфти директори генералии Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактикаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Ҷобиров, беш аз 703 ҳазору 319 кӯдак эм карда шуд, ки 98,8 фоизро ташкил медиҳад. Дар байни кӯдакони аз 7 то 12- сола, наврасону ҷавонони аз 13 то 21- сола бошад, эмкунӣ тирамоҳи соли ҷорӣ гузаронида мешавад.

## Ғолибони озмун ҷоиза мегиранд

**ШАҲРИСТОН. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Барои истиқболи сазовори Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳристон, тибқи қарори раиси ноҳия, барои ҷамоат, деҳа ва маҳаллаи зисти беҳтарин озмун идома дорад. Озмун бо мақсади рушди иқтисодӣ, ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ, иҷрои нақшаҳои барномавӣ, густариши ободонию бинокорӣ, кабудизоркунии маҳалҳо, беҳтар кардани фаъолияти муассисаҳои табобатӣ, маориф, фарҳанг гузаронида шуда, барои ғолибони ҷойи аввал 1500 сомонӣ, ҷойи дуюм 1000 сомонӣ ва ҷойи сеюм 700 сомонӣ муқаррар гардидааст.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

# ЭЪЛОН

## Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд:

**- сармутахассиси** шӯъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – маоши мансабӣ 812 сомонӣ – 1 нафар

**- мутахассиси пешбари** шӯъбаи ташкилӣ – маоши мансабӣ 630 сомонӣ – 1 нафар

**- мутахассиси пешбари** шӯъбаи умумӣ -маоши мансабӣ 630 сомонӣ – 1 нафар.

**Талабот аз довталабон:** донистани Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», таҳсилоти олии касбӣ, барои сармутахассис -3 соли собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумӣ, барои мутахассиси пешбар- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ва дониши хуби компютерӣ.

**Довталабон ҳуҷҷатҳои зеринро ба озмун пешниҳод намоянд:**

ариза ба унвони Роҳбари Дастгоҳ;
варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
тарҷумаи ҳол;
нусхаи ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот;
нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
нусхаи шиноснома;
сурати 3 х 4 - 3 дона;
маълумот оид ба вазъи саломатӣ шакли – 86 УЕ;
рақами мушаххаси андозсупоранда.

*Мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳо- на камтар аз 14 рӯз баъд аз нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун.*

***Суроға*: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.**

***Телефон барои маълумот:* 227-18-62.**


## *ВЕНОРМ- Малҳам ва хурӯшаҳо бар зидди варикоз*



Садҳо миллион одамон аз бемориҳои варикозӣ азият мекашанд ва 2 фоизи онҳо маъюб мешаванд.

Дардмандон барои табобати варикоз давоҳои синтетикиро истифода мебаранд. Ин воситаҳои синтетикӣ як қатор таъсирҳои манфӣ доранд. Ба ғайр аз он, ин воситаҳоро бо дигар комплексҳои синтетикӣ истифода бояд бурд, то ин ки таъсири он бештар шавад.

Ширкати илмию истеҳсолии «Биолит»-и Россия, дар шакли хурӯшаҳо барои истеъмоли дарунӣ ва дар шакли малҳам барои истеъмоли берунӣ, воситаи нодири баландтаъсир- ВЕНОРМ-ро коркард намудааст, ки ҳангоми истифодабарии он, дигар доруворихои комплексӣ истифодааш лозим намешавад.

*ВЕНОРМ воситаи самаранок барои истифода ҳангоми бемории варикоз, тромбофлебит ва бавосир (геморрой)-и бардавом дар ҳама марҳалаҳои он мебошад-(барои истифода бурдани геморой 1 қошуқча - 3 бор).

* Барои ба меъёр даровардани гардиши шарёнии хун мусоидат мекунад, хавфи суддабандиро дар гиреҳҳои варикозӣ коҳиш медиҳад.

* Эҳсоси вазниниро рафъ месозад, хастагии пойҳоро аз байн мебарад ва намуди зоҳирии пӯстро беҳ мегардонад.

* Ба онҳое, ки касбашон бо сарбории калон ба пойҳо ва камҳаракатӣ вобаста аст, ба ҳомиладорон ва ғайра тавсия мешавад.

*Аз халалёбии гардиши хун ҳангоми диабет (бемории қанддошта) шифо мебахшад.

Таъсири ВЕНОРМ дар сурати истеъмоли ҳамзамони доначаҳо ва малҳам меафзояд, чунки дар ин ду шакл ҷавҳарҳои гиёҳҳое махсус ҷамъ оварда шудаанд, ки комплексҳои табобатиро дар бар мегиранд.

Барои гирифторони бемории қанд глюкоза бо сорбит иваз карда шудааст.

**Тавсияҳои умумӣ:**
кам кардани вазн;
даст кашидан аз қабули ваннаҳои ҷӯш;
пӯшидани пойафзоли пошнаҳояшон пасттар аз 3-4 см;
бастани бинтҳои эластикӣ (танҳо хобида ё нишаста пой дароз карда бинтпеч кунед, ба ҳеҷ сурат рост истода не).
Маҳсулот дорои сертификат мебошад.

| Восита | Муддати истеъмол | Тартиби истеъмол |
|---|---|---|
| Венорм-хурӯшаҳо | 4 ҳафта, 45 рӯз фосила, сипас давраи табобатӣ такрор карда мешавад | Дар 1 рӯз 3 бор 1-қошуқчагӣ |
| Венорм-малҳам | Ҳамзамон бо хурӯшаҳои Венорм | Дар 1 рӯз 2 бор ба ҷойҳои бемор молидан лозим |

**Натиҷаҳои аввалин аллакай баъди ду ҳафтаи истеъмол аён мешаванд.**

**Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд 985-33-33-17.**
**Аз дорухонаҳои шаҳр дастрас намоед.**

## АРТРОВИТ-и гармибахш (согревающий)

### ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ



Шакли истеҳсол: 125 мл.

Таъсир: Барои истифода ҳангоми бемории артритҳо (буғумдард), миалгияҳо (дарди мушакҳо), невралгияҳои байниқабурғавӣ, невритҳо, сарбориҳои барзиёд ба узвҳои такяву ҳаракат ва оқибати латхӯриҳо.

Унсурҳои фаъоли малҳам таъсири баръалои зиддиилтиҳобӣ ва антисептикӣ дорад, таркибаш рагҳоро васеъ мекунад ва ангезиш ба вуҷуд оварда, ба ин тариқ ба беҳшавии гардиши хун мусоидат мекунад.

Омӯзиши клиникии таъсирбахшӣ ва тобоварии инфиродӣ дар муассисаҳои бонуфузи табобатӣ ва илмии Федератсияи Россия анҷом дода шудааст:

«Пажӯҳишгоҳи ревматологияи Академияи илмҳои тибби ФР»

***«Маркази шаҳрии ревматологии Москва»***

Натиҷаҳои бадастомада таъсирбахшии баланди онро исбот сохтанд.

Истифодаи малҳам аломатҳои нотобии буғумҳоро хеле кам мекунад, дард, варам, илтиҳоб бартараф мешавад, ҳаракати буғумҳо беҳ мегардад.

Тавсияҳо оиди тарзи истифода:

Барои истифодаи беруна:

Малҳамро рӯзе ду ё се маротиба ба пӯсти буғуми дардманд бо ҳаракатҳои масҳкунанда молидан тавсия мешавад.

Ба шахсони пӯсташон аз ҳад зиёд ҳассос (нозук)-истифодаи «Артровит»-и ғизобахш (питающий) тавсия мешавад.

Аз расидан ба чашм эҳтиёт бошед.

**Таркиб:** бензилникотинат, равғани эфири пудина, равғани эфири эвкалипт, равғани қатрон (скипидар), ҷавҳари қаланфури сурх, ҷавҳарҳои эвкалипт, липа, газна, девясил, тихач, пижма.

Рақам барои алоқа: ш.Москва (495) 921-44-54,
www.merkana.ru ш. Душанбе 918-47-93-93
**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**


## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1429/ 1-634 | Институти иқтисодиёти кишоварзӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Автомашина | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 28.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1430/ 1-635 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Фурӯзонаки каммасраф 20 w<br>Фурӯзонаки каммасраф 26w<br>Фурӯзонаки каммасраф 40 w | адад<br>адад<br>адад | 3000<br>2000<br>2000 | 28.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1431/ 1-636 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 36 | 6.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1442/ 1-637 | Маркази миллии тиббӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 9 | 28.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1443/ 1-638 | Маркази миллии тиббӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои консельярӣ | номгӯй | 26 | 28.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1444/ 1-639 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 4 | 28.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1452/ 1-640 | Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Сементи тамғаи М-400 | сомонӣ | 1 млн. 200 ҳазор | 21.05.2012 соати $11^{30}$ |
| 1432/ 2-442 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 39 | 28.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1433/ 2-443 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №39, шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 30 | 28.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1434/ 2-444 | Маркази саломатии шаҳрии № 10, ноҳияи Сино | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 54 | 28.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1435/ 2-445 | Маркази саломатии шаҳрии ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 188 | 28.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1436/ 2-446 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Шири хушк<br>Гӯшти мурғ | кг<br>кг | 1500<br>1500 | 28.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1437/ 2-447 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 14 | 28.05.2012 соати $11^{30}$ |
| 1445/ 2-448 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №45, шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 33 | 28.05.2012 соати $14^{00}$ |
| 1446/ 2-449 | Мактаб - парваришгоҳи солимгардонии ба номи Б. Ғафуров, ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти М. Турсунзода | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 6 | 28.05.2012 соати $14^{30}$ |
| 1438/ 3-320 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири анбори нигаҳдории қуму намаки техникӣ, иваз намудани тирезаҳои биноҳои маъмурӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 6.06.2012 соати $9^{00}$ |
| 1439/ 3-321 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои н. Сино | Х.Исмоилов 227-04-75 | Коркарди қисмҳои чӯбину болопӯши биноҳои МДИР-и ноҳияи Сино | тибқи санади нуқсонӣ | | 28.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1440/ 3-322 | Кохи «Истиқлол», маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Ободонии атрофи муассиса, шинонидани биотуалетҳо ва барқарор намудани обпартоҳои дохили муассиса | тибқи санади нуқсонӣ | | 28.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1441/ 3-323 | Боғчаи ширхоргоҳи №36, ноҳияи И.Сомонӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии бинои боғчаи №3 | тибқи санади нуқсонӣ | | 28.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1447/ 3-324 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5, ноҳияи Рӯдакӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бинои мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 28.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1448/ 3-325 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Хизматрасонии техникӣ ва барномавии таҷҳизоти компютерӣ | тибқи нақша | | 6.06.2012 соати $9^{30}$ |
| 1449/ 3-326 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бом, ошёнаҳои 1-ум, 2-юм, 3-юм, 4-ум ва тарҳи беруни бинои хобгоҳи донишҷӯён | тибқи санади нуқсонӣ | | 28.05.2012 соати $11^{00}$ |
| 1450/ 3-327 | Маркази ҷумҳуриявии саломатии рӯҳии кӯдакон ва наврасони ноҳияи Фирдавсӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи нақша | | 6.06.2012 соати $10^{00}$ |
| 1451/ 3-328 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири боми хонаҳои истиқоматӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 28.05.2012 соати $11^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқаррargardida, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.


## МАЛҲАМИ ЧИСТОТЕЛ



Ҷавҳари ғализи обии гиёҳи навчидаи чистотел

**ТАЪСИР:** дардро таскин медиҳад, захмҳоро шифо мебахшад, хунравиро қатъ мекунад, таъсири антисептикӣ, зиддиилтиҳобӣ, зиддибактерияҳо ва бемориҳои занбурӯғӣ дорад, калоншавии варамҳои безарарро пешгирӣ мекунад (задерживает рост доброкачественных новообразований).

**ИСТИФОДА:** ҳангоми табобати комплексии бемориҳои зерин ба тарзи берунӣ истифода мешавад:

- Ҳама гуна намуди варамҳои безарари пӯст, озах, папилломаҳо, кератозаҳо (малҳам бо чӯбчаи пластикӣ ё донаи гӯгирд ба ҷойи осебдида молида мешавад. Давомнокии истифода: дар рӯю гардан -5-10 дақиқа, дар бадан -10-12 дақиқа. Боқимондаи малҳамро бо салфеткаи нам пок карда гиред).

**- пучакҳо, панаритсийҳо** (ним қошуқчаи малҳамро дар 100 мл. об ҳал карда, тампони докагиро ба он тар кунед ва ба ҷойи бемор ба муддати 5-10 дақиқа монед. Докаро рӯзе 2-3 маротиба иваз намоед);

**- герпес, псориаз** (малҳам бо чӯбчаи пластикӣ ё донаи гӯгирд рӯзе 3-4 бор ба ҷойи осебдида молида мешавад);

**-хоришак ва сили пӯст** (аз 2 қошуқ малҳам дар 100 мл. об маҳлул тайёр намуда, онро ба ванна резед ва хуб омехта кунед);

**-гематома ва латҳо** (коркард намудан бо яхе, ки аз маҳлули обии малҳам - ним қошуқча ба 100 мл. об омода шудааст). Яхи малҳамдор раванди шифоёбиро метезонад, ранги хоси ҷойи латхӯрдаву гематомаҳоро рафъ мекунад.

Бартарии малҳами (балзам) ЧИСТОТЕЛ аз ЧИСТОТЕЛИ спиртӣ аз он аст, ки баъди истифода ягон доғе боқӣ намемонад.

**ШАКЛИ ИСТЕҲСОЛ:** ҷавҳар - 20 мл. дар лӯлача доруи эҳсосӣ.

**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, Хуҷанд ва шаҳру ноҳияҳои атрофи он 985-33-33-17**


## МУЗОЯДА

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 28 майи соли 2012 амволи ба ҳабсгирифта, аз ҷумла 7 адад куртаи арӯсӣ (фатаҳо) – ро ба фурӯш мебароранд. Хоҳишмандон метавонанд тариқи телефони 221-92-44 муроҷиат намоянд.

## ТАСҲЕҲ

➢ Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №1402/1-624, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 15 майи соли 2012 таҳти №58 (2885) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо 21 майи соли 2012 хонда шавад.

➢ Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти № 1387/1-618, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 11 майи соли 2012 таҳти №57 (2884) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо 22 майи соли 2012 хонда шавад.

➢ Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №1406/2-436, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 15 майи соли 2012 таҳти №58 (2885) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо 25 майи соли 2012 хонда шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ Шаҳрванд Саидова Алқос, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0130006140 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 18 январи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ ҶДММ «Хӯҷааҳмад», воқеъ дар шаҳри Турсунзода, Ҷамоати деҳоти Сешанбе, деҳаи Яхшиобод, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ Шаҳрванд Сатторов Тоҷиддин Қурбонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0180130 бо РЯМ 0130048765 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 29 июли соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Ҳакимов Абдураҳмон Саидович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0105290 бо РЯМ 0930033097 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 29 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢ Шиносномаи техникии гумшудаи №19894, ки онро КФББТ ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Гулистони деҳаи Дарёбод соли 2009 ба Миров Ҷунайдулло Ҳайбуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢ Билети донишҷӯйии гумшудаи силсилаи № ГО 7071, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2007 ба Назаров Ҷафар Абдулваҳобович додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии гумшуда бо РЯМ 0130006140, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 18 январи соли 2010 ба Саидова Алқос додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №1018/06, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2006 ба Султонов Шарофиддин Шарифович додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 27 сентябри соли 2002 таҳти реестри 18Д-5703 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ю. Вафо, бинои 73, ҳуҷраи 26 ба Бурханова Сафаргуль Абдуловна додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи қарзии басташудаи (нусхаи аслӣ) таҳти феҳрасти 1Г-163-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 4 майи соли 2009 ба Бегов Эраҷ Файзалиевич ва Ҷалилова Маҳтоб Худойдодовна додааст, эътибор надорад.

➢ Билети донишҷӯйии гумшудаи № Т 05/08, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2008 ба Қаюмов Абдуқодир Абдуназарович додааст, эътибор надорад.

➢ Дипломи гумшудаи Б-№ 601944, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 2-юми ноҳияи Ёвон соли 1989 ба Раҷабов Фатҳулло Хайрулоевич додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ таҳти рақами 0180130 бо РЯМ 0130048765, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 29 июли соли 2011 ба Сатторов Тоҷиддин Қурбонович додааст, эътибор надорад.

➢ Патенти гумшуда бо РЯМ 0130012722 дорои РМА 055350825, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 22 феврали соли 2010 ба Зоиров Абдурозиқ додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фрунзе (ҳозира Сино)-и шаҳри Душанбе соли 2001 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, хонаи 20 ба Маҷидов Бобохон Ҳасанович додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли гумшудаи силсилаи Т-ШТА №255076, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №8 ба номи Е.Н. Павловскийи ноҳияи И. Сомонӣ ба Аҳадова Санобар Зиёдуллоевна додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №241108, ки онро ДТТ ба номи М. Осимӣ соли 2008 ба Сафаров Фаррух Тайирович додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатномаи хатми курси ронандагии гумшудаи №182401, ки онро ОКТ №11-и ба номи Ч. Уразови ноҳияи Шаҳринав соли 2004 ба Мирзоев Валиҷон Аминҷонович додааст, эътибор надорад.

➢ Дипломи гумшудаи силсилаи ТС № 0034055, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон (ҳозира ба номи Ш. Шотемур) соли 1997 ба Саидов Хусрав Маҳсуддинович додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли гумшудаи Т-ШТУ №0358625, ки онро МТМУ №20-и ноҳияи Шоҳмансур соли 2010 ба Қурбонов Хусрав Отахонович додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯйии гумшудаи №0865/09, ки онро ДТТ ба номи М. Осимӣ соли 2009 ба Фарухи Зариф додааст, эътибор надорад.

➢ Аттестати гумшудаи №111902, ки онро МТМУ №101 шаҳри Турсунзода соли 1996 ба Закиров Абдумуталиб Собиржонович додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи № 2940/10, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2010 ба Аминов Ҳасан Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А 0282004 гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2011 ба Неъматов Баҳодур додааст, эътибор надорад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ ва Ҷамоати деҳоти Урметани ҳамин ноҳия аз марги собиқадори меҳнат

**СУБҲОНҚУЛОВ АЪЗАМҚУЛ**

андӯҳгин буда, ба пайвандон ва наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба корманди сехи рӯзномаҳои КВД КТН «Шарқи озод» Абдуқаҳҳор Санаев бинобар даргузашти ҷонсӯзи писараш

**МУҲИДДИН**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун

САДОИ МАРДУМ

**САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ**

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

**Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.**

**НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 17 майи соли 2012, соати 15.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26646 нусха*

*Навбатдорони шумора* Т. Некқадамов ва Д. Мерганов

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова